# Эраҷ Мирзо

НАШРИЁТИ
ДАВЛАТИИ
ТОҶИКИСТОН
ДУШАНБЕ - 1963

И(Эрон)
М65

# ЭРАЧ МИРЗО

## ОСОРИ МУНТАХАБ

322540
КНИГОХРАНИЛИЩЕ

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
ДУШАНБЕ · 1963

## САРСУХАН

Халқи Эрон дар давоми таърихи мавҷудияти худ хеле азобҳоро аз сар гузарондааст. Ӯ дар давраи ҳозираи ҳаёти худ ба зулму ситами феодалӣ, хусусан капиталистӣ — ба истисмори дутарафа дучор гардидааст. Ду давлати империалистӣ — Англия ва мутлақияти Россия дар асри XIX кӯшиш ва рақобат доштанд, ки ба мамлакати Эрон соҳиб шаванд ва онро мустамликаи худ намоянд.

Ба сабаби ба Эрон даст ёфтани капиталистони хориҷӣ аҳволи синфи истисморшаванда боз ҳам вазнинтар ва бадтар шуда ва эътирози халқи Эрон торафт зиёдтар мешавад.

Зулми бойҳо ва амалдорони маҳаллӣ ҳам торафт авҷ мегирад ва халқи меҳнаткаш бар зидди онҳо ва истисморкунандагони аҷнабӣ шӯриш мекунад. Дар ин марҳилаи таърихӣ он муборизаю шӯришҳо дар шакли мазҳабӣ зоҳир мешаванд.

Баъдҳо ҳаракати миллӣ дар Эрон тадриҷан шакли худро тағйир медиҳад, шакли мазҳабии ҳаракати миллӣ, ки дар нимаи асри XIX вуҷуд дошт, барҳам мехӯрад ва ба ҷои он муборизаи ошкоро сиёсии зидди феодалӣ ва империалистӣ ба вуҷуд меояд.

Дар он марҳала ҳукуматдорони онвақтаи ба капиталистони хориҷӣ фурӯхташудаи Эрон як қисми бузурги сарватҳои табиии мамлакатро ба капиталистони хориҷӣ дода иқтисодиётн мамлакатро ба дараҷаи харобӣ расонида буданд. Қашшоқии аҳолӣ, ху-

рофот, таассуби динӣ ва мазҳабталошии руҳониён сол то сол зиёд мешуд, аксари аҳолии мамлакат савод надошт.

Революцияи соли 1905 дар Россия халқҳои Шарқро, аз он ҷумла, халқи Эронро бедор намуд ва ба ҷунбиш овард. Ҳаракати революционӣ Эронро низ фаро гирифт. Коргарон, деҳқонон ва косибон дар шаҳрҳо ва деҳот ба ин ҳаракат иштирок намуданд. Дар ин давра занони мазлумаи Эрон низ ба муборизаи сиёсии мамлакат ҳамроҳ шуданд.

Дар ин давраи таърихӣ шӯриш ва намоишҳои халқӣ моҳияти зидди феодалӣ ва зидди империалистӣ доштанд.

Дар натиҷа оммаи коргарон ва деҳқонон Муҳаммадалишоҳи қоҷорро аз тахт сарнагун карданд, лекин бо ин тартиботи феодализм барҳам нахӯрда, феодализм ҳанӯз барпо ва зулму ситами тоқатфарсои он барҷо монда буд.

* * *

Адабиёти Эрон, махсусан назм, дар асри XIX назар ба давраҳои тайшуда қариб ҳеҷ тағйир наёфта буд. Аксари шоирони ин аср ба тақлиди шоирони қадим асар менавиштанд.

Дуруст аст, ки дар ашъори се шоири бузурги ин аср — Қоонӣ, Шайбонӣ, Яғмо фикрҳои ҷамъиятӣ гоҳо шунида мешуд, аммо аксари осори манзуми ин аср ҳаёти реалиро инъикос накарда, ҳамоно аз ҷиҳати техника зебо буданд.

Инкишофи буржуазӣ рафта-рафта барои адабиёти Эрон роҳҳои дигари матбуотиро кушод.

Дар солҳои инқилоби Эрон (1905—1911) дар Эрон матбуоти давргӣ хеле тараққӣ карда буд. Дар мамлакат зиёда аз 150 номгӯй рӯзнома ва маҷаллаҳо нашр мешуданд.

Инқилоби Эрон дар охир шикаст хӯрд. Дар соли 1911 ба қувваҳои реакционии Эрон муяссар шуд, ки бо ёрии капиталистони хориҷӣ ҳаракати инқилобии мамлакатро пахш кунанд.

* * *

Ин буд вазъияти Эрон дар даврае, ки як шоири нав қадам ба арсаи вуҷуд ниҳод. Эраҷ Мирзо мулаққаб ба Ҷалол-ул-мамолик дар моҳи октябри соли 1874 дар шаҳри Табрез таваллуд ёфтааст.

Чӣ тавре ки маълум аст, баромади иҷтимоии шоир аз шоҳзодагони қоҷор мебошад. Падари Эраҷ Ғуломҳусайн Мирзо бародарзодаи Фатҳалишоҳи қоҷор буд. Бо вуҷуди ҳамин, ин оила ҳамеша дар муҳтоҷӣ ва тангдастӣ ҳаёт гузаронидааст. Падари Эраҷ Ғуломҳусайн Мирзо, бобояш Малик Эраҷи қоҷор ва бобокалонаш Фатҳалишоҳ ҳам шоир будаанд.

Эраҷ дар дорулфунуни Табрез таҳсил карда, маълумоти пурра гирифтааст. Дар ҳамин давра ӯ фанҳои мантиқ, фалсафа, маонӣ ва баёнро хеле мукаммал омӯхтааст.

Дар таълиму тарбияи Эраҷ Мирзо ду устоди бузург — оқои Муҳаммадтақӣ бо унвони «Орифи исфаҳонӣ» ва Мирзонасрулло бо унвони «Баҳроми шервонӣ» машғул будаанд ва онҳо муаллимони хонагии Эраҷ будаанд.

Эраҷ Мирзо забонҳои арабӣ, туркӣ, русӣ ва франсавиро хуб медониста ва бо адабиёти ғарб шиносоии пурра доштааст.

Материалҳое, ки дар хусуси ҳаёту фаъолияти Эраҷ Мирзо баҳс мекунанд, хеле парешону парокандаанд. Асарҳое, ки ба Эраҷ бахшида шудаанд, китоби адабиётшиноси Эрон Ҳодӣ Ҳоирӣ «Афкор ва осори Эраҷ» (чопи Теҳрон, соли 1946) ва китоби З. В. Ворожейкина «Эраҷ Мирзо» (чопи Москва, соли 1961) мебошанд.

Китоби Ҳоирӣ дар бораи ҳаёти Эраҷ ва таърихи асарҳои ҷудогонаи вай, монанди «Дили модар», «Ҳадьяи ошиқ», достони «Орифнома» ва ғайра маълумоти каму беш аниқтаре медиҳад ва 12 шеъри шоирро, ки дар девони аввалиаш дохил нашудаанд, дар бар мегирад. Дар нашри дуйуми китоби Ҳоирӣ (соли 1955) дар хусуси кори Эраҷ Мирзо дар болои достони «Зуҳра ва Манучеҳр»,

ҳикояти «Шоҳ ва Ҷом» ва як қатор асарҳои дигар сухан меравад.

Китоби З. Н. Ворожейкина «Эраҷ Мирзо», қатъӣ назар аз як қатор камбудиҳои ҷузъӣ, аз ҳамаи манбаъҳои дигар мукаммалтар мебошад ва дар асоси куллиёти девони ашъораш тартиб дода шуда, дар бораи шоир маълумоти пурратар медиҳад. З. Н. Ворожейкина осори Эраҷ Мирзоро пурра таҳлил карда баромада, онро ба чаҳор боб: «Назми гражданӣ», «Ашъор дар бораи занон», «Шеърҳои бачагона» ва «Тарҷимаҳо» тақсим намуда, дар охир хусусияти бадеии осори шоирро қайд карда мегузарад.

Адибони Эрон Нусратуллоҳи Фатҳӣ, маликушшуаро Баҳор, Рашиди Ёсимӣ, М. Исҳоқ, Алии Озарӣ ва дигарон низ дар хусуси ҳаёту фаъолияти адабии Эраҷ Мирзо каму беш маълумот додаанд.

Дар омӯхтани осори Эраҷ Мирзо эроншиносони советӣ ҳам боматонат кор кардаанд. Дар бораи фаъолияти адабии шоир аввал Қ. И. Чайкин дар соли 1928 хеле муфассал навишта буд. Вай Эраҷ Мирзоро «барҷастатарин шоири солҳои охири Эрон» номидааст.

Тасаввуроти худро дар бобати мулоқоти шахсӣ бо Эраҷ Мирзо ва тарҷимаи баъзе шеърҳои ӯ академик Ю. М. Марр нашр карда, ба Эраҷ баҳои баланд додааст.

Гуфтан лозим аст, ки ҳамаи манбаъҳои мавҷуда дар бобати тарҷимаи ҳол ва мероси адабии Эраҷ Мирзо маълумоти комилан пурра намедоданд. Он манбаъҳо аз камбудиҳои ҷиддӣ низ холӣ нестанд. Чунончи, санаи эҷод кардани асар нишон дода нашудааст, номҳои хосе, ки дар осори Эраҷ дучор мешаванд, шарҳу эзоҳ дода нашудаанд, асли нусхаи асарҳо нисбат ба тарҷимаҳо пурраву равшан ҷудо карда нашудаанд. Ин масъалаи муҳим ҳатто дар китобҳои оқои Ҳоирӣ ва рафиқа З. Н. Ворожейкина ҳам ба хубӣ ҳал карда нашудааст. Оқои Ҳоирӣ қариб аз нисф зиёд асарҳои Эраҷ Мирзоро аз забонҳои дигар тарҷима кардашуда ҳисоб мекунад, ки ин, ба фикри мо, аз ҳақиқат дур аст.

* * *

Эраҷ Мирзо дар соли 1890 дар синни 16-солагӣ хонадор мешавад. Баъд аз ду сол падари шоир ва баъд аз се сол занаш вафот мекунанд. Аз вафоти бемаҳали падараш шоири ҷавон сахт андӯҳгин шуда, дилашро бо сурудани марсияҳо таскин додаӣ мешавад.

З-он ҳама уммедҳо, ки будам дар дил,
Нест кунун ғайри ноумедӣ ҳосил
Мурд ҳаме садри шоирон падари ман,
Як ду-се маҳ пеш аз ин, ба нохушии сил.

Дар қасидаи дигар чунин месарояд:

Шиква бар чарх баранд аз душман,
Аҷабо, чарх бувад душмани ман.
Ман зи баҳри падари худ з-ин пас,
Маскани хеш кунам байти ҳазан.
Падаро, рафтиву ман баъд аз ту,
Марсият гӯям, хокам ба даҳан.

Пас аз вафоти падараш Эраҷи нуздаҳсола, ки сардори оила мешавад, маҷбур буд, ки барои таъминоти оила ба худ хидмате ҷустуҷу намояд.

Дар соли 1892 валиаҳд Музаффариддиншоҳ, ки дар Табриз истиқомат мекард, Эраҷ Мирзоро ба хидмати дарбораш мекашад ва дере нагузашта ба шоир лақабҳои Садрушшуаро ва Фахрушшуаро медиҳад. Мувофиқи анъанаи дарбор ин Эраҷ Мирзоро водор менамуд, ки дар идҳои расмӣ қасида ва мадҳияҳо навишта ва онҳоро дар назди шоҳзода хонад. Дар ҳамин давраи ҳаёташ Эраҷ ба маорифпарвар ва шоири маъруфи Эрон Ҳасаналихон (Амир Низоми гарасӣ), ки муовини Музаффариддиншоҳ буд ва шоир аз вай бисьёр навозишу некиҳо дида, як чанд мадҳияҳо сурудааст.

Чунин қасидаҳо ва як қатор шеърҳои дигар, ки Эраҷ дар давраи хеле ҷавонӣ — синни 16—20-солагиаш навиштааст, бо рав-

шании пурра нишон медиҳанд, ки ӯ дар ҷавонӣ техникаи мураккаби назми форсиро хуб аз худ намуда, дар ҳамин сини шоири ба камолрасида будааст.

Эраҷ Мирзо шоири маддоҳ шуданро нахост, ин тарзи ҳаёт ба шоири ҷавони боистеъдод мувофиқат надошт ва ӯ аз ин хидмати ногувор даст кашид. Писари Эраҷ Хусрав дар тарҷимаи ҳоли падараш менависад:

«Аз он ҷо ки мадҳиясозӣ бархилофи ақида ва сабки ӯ буд, дар таййи қасидае, ки барои марҳум Амир Низом сохта, аз қабули лақаби «Фахрушшуарой ва Садрушшуарой» имтинои [1] худро тасреҳ кардааст, Эраҷ ҳамвора ғамгин ва мутарассиди истихлос аз ин шуғли номатбуъ буд» [2].

Дар соли 1896 Эраҷ Мирзо хидмати дарборро тарк намуда, ба хидмати давлатӣ мегузарад ва то соли 1924 дар идораҳои гуногун хидмат мекунад. Рафта-рафта ҷаҳонбинии шоир дигар шуда, ташаккул меёбад. Вай аз мадҳиягӯӣ комилан даст кашида, ба навиштани шеърҳои иҷтимоӣ шурӯъ мекунад. Эраҷ Мирзо дар мамлакати Эрон бисьёр сафарҳо карда, ҳаёти халқро чуқур омӯхтааст.

Дар соли 1909 Эраҷ ба Россия сафар намуда, Закавказияро ҳам сайру тамошо кардааст.

Эраҷ Мирзо аз вазъияти барошуфтаи мамлакат дар ғазаб омада, ба тартиботи истибдодии подшоҳони қоҷор ва ҳокимони ҳамондаврац Эрон сахт муқобил баромада, дар давоми 34 соли (1892—1926) фаъолияти адабиаш нуқсонҳои иҷтимоиро дар зери танқиди сахт гирифта, ба воситаи шеърҳои худ фош мекунад.

Шоир дар як шеъраш ба вазъияти моддии ҳаёти худ ишора намуда, гуфтааст:

Баъди сӣ сол қаламфарсой,
Навкарӣ, «кисабурӣ», муллой,

---

[1] Яъне аз ин лақабҳо безор будани худро равшан баён кардааст.

[2] Куллиёти Эраҷ Мирзо, сарсухани Хусрав Эраҷ с. 3.

Гоҳ ҳоким шудану гоҳ дабир,
Гаҳ надими шаҳу гаҳ ёри вазир,
Бо сафарҳон паёпай кардан
Ноқаи роҳати худ пай кардан,
Гирди сардории султон рафтан
«Бала курбон! Бала қурбон!» гуфтан,
Боз ҳам кисаам аз зар холист,
Қисаам холию ҳиммат олист.

Маълум мешавад, ки ӯ бо унвони «Шоҳзода» бандавор ва ҳатто гадоёна умр ба сар бурдааст.

Дар соли 1916 Эраҷ Мирзо ба шаҳри Теҳрон омада, дар вазорати молия ба хидмат дохил шудааст. Теҳрон то ин вақт маркази адабиёт буда, дар соли 1917 дар он ҷо ҷамъияти адабӣ барпо шуда буд, ки Эраҷ низ дар он фаъолона иштирок кардааст.

Дар соли 1917 Эраҷ Мирзо дучори андӯҳи бузурге мешавад. Писари калониаш Ҷаъфарқулимирзо худро бо кадом сабабе кушт ва он сабаб то охир номаълум мондааст. Ин бори гами тоқатшикан ба шоир то охири умраш гарон буд. Баъд аз ин тасодуф шоир Теҳронро тарк карда, ба Хуросон рафт ва дар Машҳад иқомат гузид ва то аввали соли 1924 дар ҳамон ҷо монд.

Эраҷ ниҳоят баъд аз муддате боз ба Теҳрон меояд ва интизори хидмати нав мешавад.

Номусоидии зиндагонӣ ва мӯҳтоҷии доимӣ саломатии шоир Эраҷ Мирзоро барбод доданд. Тобистони соли 1926 дили пурҳарорати ин шоири номдор аз кор бозмонд ва ӯ аз дунъё абадӣ чашм пушид. Мувофиқи васияти худаш ӯро дар қабристони Шамирон ба хок супурданд.

Бар санги мазораш чанд байт шеъре, ки пеш аз вафоташ гуфтааст, навишта шудааст.

* * *

Мероси адабии Эраҷ Мирзо он қадар бузург нест. Тамоми осори адабиаш аз чаҳор ҳазор байт зиёд намебошад. Ба қавли Рашид Ёсимӣ, худи шоир ҳамон асарҳоеро, ки дар даҳ соли охи-

ри умраш навиштааст, меписандида ва аммо онҳо аз ду ҳазор байт андаке зиёдтаранд.

Касби асосии Эраҷ шоирӣ набуд, вай маҷбур буд, ки барои таъминоти оила умри худро дар хидмат гузаронад. Шоир дар «Инқилоби адабӣ» ном шеъри худ мегӯяд:

Ҳайф бошад, ки маро фикри баланд,
Сарф гардад ба хурофоте чанд.
Ҳайф, к-имрӯз гирифторам ман,
Вар-на маҷмуаи афкорам ман.
Он чиро гуфтаам аз зишту нафис,
Нест фурсат, ки кунам покнавис.

Ваҳид Дастгардӣ чунин ёддошти Эраҷро хотиррасон менамояд:

«Ман ҳамеша шоир нестам ва ба навиштани шеър ҳеҷ гоҳ худро маҷбур намекунам. Баръакс, ҳангоме ки илҳомам меояд, ман ба он итоат мекунам [1]».

Давраи дар Хуросон будани Эраҷ Мирзо пурмаҳсултарин давраи эҷодиёти уст. Ашъори «Инқилоби адабӣ», достони «Орифнома», таркиббанди пас аз шӯриши Хуросон навиштааш, қитъаи «Дӯстдори Эрон» ва боз як қатор шеърҳои дигарашро шоир дар Хуросон (1917—1924) эҷод кардааст. Дар ин солҳо ҳаракати озодихоҳии халқ меафзояд. Эраҷ аз он дар канор намонд, вай ба лагери оппозиционии адабиёти Эрон ҳамроҳ мешавад. Дар эҷодиёти ҳамин давраи шоир афкори фошкунанда ва танқидӣ махсусан намудор аст. Самимият, соддагии тарзи баён ва халқпарварӣ дар ин давра аломатҳои асосии ашъори ӯ мегарданд.

Шеърҳои Эраҷ Мирзо бо эҳсосоти зӯр ва фикри амиқ, боинсофона ва самимона эҷод карда шудаанд. Жанри асосии назми Эраҷ Мирзо ҳаҷв ва лирика мебошад. Шоир тамоми қувваи дониш ва истеъдодашро ба тасвири реалии ҳаёти ҳаррӯзаи Эрони замони

[1] Архиви шарқшиносӣ, фонди 95, рақами 24, с. 2.

худ бахшида буд. Манбаи илҳоми шоир ҳаёт ва ҳақиқати замонаш мебошад.

Эраҷ Мирзо зарурати дигар шудани ҳаёти иҷтимоии мамлакатро нағз медонист. Лекин вай аз қонунҳои тараққии таърихи ҷамъияти бани-башар огоҳӣ надошт, дар муборизаи аз нав ташкил додани ҷамъият роли оммаи халқро ҳанӯз равшан тасаввур карда натавониста буд.

Эраҷ ба ягон партияи сиёсии он давра иштирок надошт. Ӯ монанди шоирони муосир Лоҳутӣ, Баҳор, Ориф ва Ишқӣ шоири инқилобӣ шуда натавонист. Аммо ҳамчун ватанпарвар, ҳамчун одаме, ки ҳамеша тарафдори инсофу ростӣ ва адолат аст, ӯ ранҷу кулфати халқро надида наметавонист. Шеъри машҳури шоир, ки матлааш:

Мо, ки атфоли ин дабистонем,
Ҳама аз хоки поки Эронем...

мебошад, ҳоло ҳам дар Эрон машҳур аст, Масалан, вай ба Ватан муроҷиат карда мегуяд:

Эй Ватан, з-ин ҳама абнои ту кас ёфт нашуд,
Ки барои ту, нагуям зи сар, аз зар гузарад!
На шарифулуламо бигзарад аз сими сафед,
На раисулвузаро аз зари аҳмар гузарад...

Дар солҳое, ки Эраҷ Мирзо дар Хуросон буд, беҳтарин адибони Хуросон дар атрофаш ҷамъ шуда буданд, ӯ ба ҳамин ишоратан гуфтааст:

Ҳама ёрони Хуросони ман аҳли адабанд,
Бесабаб нест ба сар ишқи Хуросон дорам...

Эраҷ Мирзо бо шоири номдор Адиби Нишопурӣ (1867—1926) наздик мешавад.

Дар ҳамин солҳо Эраҷ бо полковник Муҳаммадтақихон, ки яке аз ашхоси фаъол ва намоёни ҳаракати зидди империалистии

солҳои 1920—21 буд, наздик мешавад. Муҳаммадтақихон аз Теҳрон ба Хуросон фиристода шуда буд, ки ин барои ӯ гуё бадарғаи сиёсӣ ба шумор мерафт. Дар ин ҷо ӯ фармонфармои қисмҳои ҳарбӣ ва жандармерия буд. Муҳаммадтақихон ба шӯриши соли 1921 сардорӣ мекард. Эраҷ Мирзо шӯриш ва сардори шӯришро тарафдорӣ менамояд. Ба муносибати шаҳид шудани Муҳаммадтақихон, Эраҷ менависад:

Дилам ба ҳоли ту, эй дӯстдори Эрон, сӯхт,
Ки чун ту шери нареро дар ин куном[1] кунанд.
Тамоми халқи Хуросон ба ҳайратанд андар,
Ки ин мақотилаи бо туро чӣ ном кунанд.
Ба чашми мардуми ин мамлакат набошад об.
Вагар-на гирья бароят аладдавом кунанд.

Пас аз пахш намудани шӯриши Хуросон ҳукумати марказӣ барои Эраҷ Мирзоро ба ҳабс гирифтан амр мекунад. Эраҷ пинҳон мешавад. Ба ҷои ӯ саҳван Эраҷи рукниро ба ҳабс мегиранд.

Достони «Орифнома»-ро ҳам Эраҷ дар Хуросон эҷод кардааст.

Мирзо Абулқосим Орифи қазвинӣ яке аз шоирони муосири Эраҷ аст. Ӯ шоир, ҳофиз, устоди барҷастаи жанри нави назми дар рӯҳи революционӣ навишташудаи «таснифи лирикӣ-иҷтимоӣ» буда, дар Эрон шӯҳрати калон дошт. Баъзе адибони муосир чунин мешуморанд, ки гуё «Орифнома»-ро Эраҷ Мирзо дар натиҷаи он эҷод кард, ки шахсан аз Ориф ранҷида буд, Гурӯҳи дигар бар онанд, ки гуё Ориф дар вақти ба Машҳад омаданаш ба саломи Эраҷ нарафтааст. Баъзе дигар исбот карданӣ мешаванд, ки Ориф дар яке аз таснифоташ ба шоҳони қоҷор бад гуфта буд ва аз он ҷиҳат, ки Эраҷ аз шоҳзодагони қоҷор буд, онро бе ҷавоб гузошта натавонистааст.

Чунин фикрронихо тамоман нодурустанд. Ин гуна рӯякӣ маънидод кардани сабаби эҷод шудани достони маъруфи ҳаҷвии Эраҷ

[1] *Куном* — ҷойгаҳи шер.

Мирзо «Орифнома» аз ҳақиқат дур аст. Дурусташ он аст, ки «Орифнома»-и Эраҷ Мирзо, ки бо маҳорати том навишта шуда ва яке аз осори барҷастаи ӯ мебошад, ба муқобили иллат ва нуқсонҳои ҷамъияти феодалӣ нигаронида шуда ва аҳамияти калони иҷтимоӣ дошт ва то ҳоло ҳам он аҳамиятро гум накардааст.

Эраҷ Мирзо дар ин достон бар зидди нобаробарҳуқуқӣ ва дар асорат будани занон, макру фиреби рӯҳониёни реакционӣ, ба ғорати капиталистони хориҷӣ дучор шудани мамлакат, бар зидди он сабабҳое, ки барои бо роҳи прогрессивӣ инкишоф ёфтани мамлакат халал мерасонданд, баромад кардааст.

Ҳақиқат ин аст, ки на муносибати шахсӣ, на майлу хоҳиши интиқомгирӣ аз Ориф, ки ӯ низ ба баъзе иллатҳои феодалӣ гирифтор будааст; на ихтилофи ҷиддии фикрӣ бо Ориф сабаби ба вуҷуд омадани «Орифнома» шудаанд! Ин асар натиҷаи на танҳо таассуроти солҳои дар Хуросон будани шоир, балки натиҷаи таассуроти тамоми умри ӯ мебошад. Агар аз баъзе байтҳои номатбӯи он чашм пӯшем, равшан мешавад, ки мақсади ин асари ҳаҷвӣ таъну таҳқири Ориф не, балки танқиди иллатҳои он замон мебошад.

Дар «Орифнома» ҷамъияти Эрони онвақта ба се гурӯҳ тасвир ёфтаанд. Ба гурӯҳи якум аъёну ашрофи ватанфурӯш ва ҷоҳилу худситои давлат, ки шарафу номус, инсофу адолат надоранд ва душмани халқу ватананд, дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуйум мансабдорони тамаллуқгуй, навкарони бевиҷдони ҳукуматдорон, ки роҳи аз ҳисоби давлат зиндагӣ карданро дар найранги сиёсӣ мебинанд, дохил мешаванд.

Шоир, дар охир, табақаҳои поёнии ҷамъияти Эронро ва деҳқононро дар назар дошта мегӯяд:

...Раоё ҷумлагӣ бечорагонанд,
Ки аз факру фано оворагонанд.
Зи зулми молики бедин ҳалоканд,
Ба зери пои соҳибмулк хоканд...

Шоир дар ин достонаш ҳиҷоби нодаркори занони Эронро моҳирона ҳаҷв карда, ба зан муроҷиат намуда, ба мубориза барои озодӣ ва баробарҳуқуқӣ даъват мекунад:

Ту ҳам ин парда аз рух дур мекун,
Дару деворро пурнур мекун...

Дар осори Эраҷ бисьёр мисраъҳои ҳаҷвӣ дучор мешаванд, ки ба муқобили ҳокимони Табрез, Қазвин, Машҳад, раисулвузаро ва ҳатто ба муқобили подшоҳ, ки Эраҷ онро дар шеъраш «Дузди нагирифта» номидааст, нигаронида шудаанд.

Ҳар кас зи хазона бурд чизе,
Гуфтанд мабар, ки ин гуноҳ аст.
Таъқиб намудаву гирифтанд,
Дузди нагирифта подшоҳ аст.

Вақте ки Қавомуссалтана ҳукмрони Хуросон буд, дар Хуросон бисьёр зулм ва беадолатӣ мекард. Пас аз ба Хуросон ба вазифаи фармонфармои қисми ҳарбӣ ва жандармерия таъин шуданаш Муҳаммадтақихони Письён Қавомуссалтанаро ба ҳабс гирифта, ба Теҳрон мефиристонад.Дере нагузашта Қавомуссалтана ба мансаби раисулвузаро таъин мешавад. Эраҷ, ки Қавомуссалтанаро ҳамчун шахси ришвахор ва ахлоқан вайроншуда пештар медонист, ба ин муносибат як таркиббанд менависад. Дар он шоир бо ҷуръати тамом Қавомуссалтанаро дузд номида мегӯяд:

Кӣ гумон дошт, ки ин шӯр ба по хоҳад шуд?
Ҳар чӣ дузд аст, зи назмия раҳо хоҳад шуд.
Дузди катбаста[1] раисулвузаро хоҳад шуд,
Мояи ранҷи тую заҳмати мо хоҳад шуд.
Мамлакат боз ҳамон ошу ҳамон коса шавад,
Лаъли мо санг шавад, луълуи мо моса[2] шавад.

---

[1] *Катбаста* — галстукдор.
[2] *Моса* — рег, дажгол.

Ин раисулвузаро қобили фаррошӣ нест,
Лоиқи он, ки ту дил бастай, авбоше нест.
Ҳимматаш ҷуз паи аххозию[1] қаллошӣ[2] нест,
Дар бисоташ ба ҷуз аз murтaшию[3] рошӣ[4] нест.
Гар ҷаҳонро бисупориш, ҷаҳонро бихурад,
В-ар ватан луқмаи ноне шавад, онро бихурад.

Эраҷ ба муқобили хурофотпарастони ҷоҳил, ки халалрасонони пешрафти мамлакатанд, баромад карда, макру шайтанати онҳоро фош мекунад.

Муборизаи оштинопазири Эраҷ Мирзо ба муқобили руҳониёни реакционии ислом дар шеърҳое, ки ба занони Эрон бахшидааст, равшан намоён аст. Садоҳои даъват ба мубориза барои озодии зан, баробарҳуқуқии вай дар оила ва ҷамъият аз осори Эраҷ Мирзо шунида мешаванд.

Зани рубастаро идроку ҳуш нест,
Театру ресторан номускуш нест.
Чу зан таълим диду дониш омӯхт,
Равоқи ҷон ба нури биниш афрӯхт,
Ба ҳеҷ афсун зи исмат барнагардад,
Ба дарьё гар бияфтад, тар нагардад.
Агар зан нест, ишқ андар миён нест,
Ҷаҳон бе ишқ агар бошад, ҷаҳон нест.

Эраҷ Мирзо дар васфи модар як силсила шеърҳои баланд, монанди «Модар», «Муҳаббати модар», «Дили модар» эҷод карда мегӯяд, ки дар олам аз муҳаббати модар ба фарзанд олитар ва гаронбаҳотар чизе нест.

---

[1] *Аххозӣ* — бо роҳи таҳдид ба даст овардани пул.
[2] *Қаллошӣ* — фиребгарӣ, қаллобӣ.
[3] *Мурташӣ* — ришвахӯрӣ.
[4] *Рошӣ* — бо ришват ба худ тарафдоркунанда.

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ САБК ВА ШАКЛИ АШЪОРИ ЭРАҶ МИРЗО

Такрибан ҳамаи адабиётшиносони эронӣ ва ғайри эронӣ, ки дар бораи Эраҷ сухан рондаанд, ба фаъолияти адабии Эраҷ Мирзо баҳои баланд дода, ӯро шоири бузурги навовари асри XX-и Эрон мешуморанд.

Эраҷ Мирзо шеърро ниҳоят содда, равон ва салис менависад. У гарчанде аз вазну қофияи назми классикӣ асосан дур нарафтааст ва бисьёр шеърҳояш ба услуби классикӣ навишта шудаанд, дар назми форсӣ равия ва услуби нави хоси худро овардааст.

Яке аз услубҳои навоварии ин шоир он аст, ки луғатҳои забони гуфтугӯии халқиро дар назм дохил намуда, бо худи ҳамин сабки наве ба назм овардааст. Ҷамъе аз адибони муосир аз ин худдорӣ мекарданд, гӯё забони гуфтугӯӣ латофат ва дилнишинии назмро барбод медода бошад.

Эраҷ Мирзо низ дар сафи ҳамақидаҳояш исбот кард, ки содда навиштан, ба забони гуфтугӯии халқ наздик кардани назм, латифа, мақол ва зарбулмасалҳои халқӣ назмро боз ҳам зеботар ва дилнишинтар хоҳанд кард.

Эраҷ Мирзо дар оммафаҳм навиштани шеър аввало нисбат ба шахси худ серталаб буд. Шеъру достонҳои «Ҳадьяи ошиқ», «Дили модар», «Гӯянд маро чу зод модар», «Шоҳ ва Ҷом», «Орифнома», «Зӯҳра ва Манучеҳр», «Инқилоби адабӣ» ва як қатор шеърҳои дигараш ба ин шаҳодат медиҳанд. Бесабаб нест, ки Орифро танқид карда, мегӯяд:

Кунӣ бо шеъри бад арзи қаёсат,
Ғазал созӣ ва он ҳам дар сиёсат.
Ту охуӣ макун, ҷоно, гурозӣ,
Ту шоир нестӣ, таснифсозӣ...

Эраҷ дар баробари ин қайд мекунад, ки навоварӣ набояд адабиётро ба тағьирдиҳии механикии вазну қофия бурда расонда, онро ба як чизи бемаънӣ табдил диҳад.

Эраҷ луғатҳои забони гуфтугӯиро мисли ҷамъе аз шоирон ба маънои маҷозӣ не, балки ба маънои ҳақиқӣ кор фармудааст. Ин ба ашъори Эраҷ салисии зиёд дода, ҷавҳари суханашро баланд намудааст.

Кафши ту вакс зада, ҷома утухӯрда бувад.
Ҳар саҳар к-онро дар по кунӣ, инро дар бар.
Ёқаат поку кулоҳи наву сардасти тамиз,
Айнаку дасткашу соату пӯтин дар хвар...

Эраҷ дар ашъори лирикиаш ҳам аз ин қабил луғатҳо фоида мебарад:

Шаб агар бинам, к-аз болиш уфтода сарат,
Сина пеш орам, то такья диҳӣ бар вай сар.
Нафас оҳиста кашам, дида ба ҳам нагзорам,
То ту бар синаам оромӣ шаб то ба саҳар.
Чашм аз хоб чу бикшудӣ, пеши ту ниҳам,
Синии нону паниру караю ширу шакар.
Шонаю оинаю ҳавлою сабуну гулоб,
Ҷумла бо синии дигар ниҳамат дар маҳзар.

Эраҷ дар бисьёр мавридҳо мақолу зарбулмасалҳоро тағьир надода, айнан кор мефармояд:

Ҳар чанд ки тифл зишт бошад,
Дар чашми падар биҳишт бошад,
Оре, масал аст ин, ки курно[1],
Дар дидаи модар аст ҳусно.

Қатъи назар аз камбудиҳо ва маҳдудияти давраги Эраҷ Мирзо, ки мо дар ин мақолаи мухтасар ҷузван зикр намудем, осори адабии ӯ дар инкишофи адабиёти Эрон роли прогрессивӣ бозида, дар шароити Эрони охири асри XIX ва аввали асри XX-ӯм осори ӯ бо он бурроӣ ва равшанӣ, ҷасорати танқидии ӯ ба унво-

[1] *Курно* — бадшакл, кӯзапушт.



322540
КНИГОХРАНЕНИЕ
ОБЛАСТНАЯ БИБЛИОТЕКА

ни сохти иҷтимоии Эрон як диловарӣ ва мардонагии фавқулоддаест, ки қобили ҳусни таваҷҷӯҳ мебошад.

Беҳтарин ашъори иҷтимоии Эраҷ Мирзо, бешубҳа, ба ғояҳои пешқадами замонаш муфид буда ва то кунун аҳамияти худро гум накардаанд. Онҳо, хусусан, ба озодию истиқлолияти Ватан, ба демократикунонии сохти давлатӣ ва бомаърифаткунонии халқи Эрон даъват мекарданд.

Эраҷ Мирзо бештарини осорашро дар шакли маснавӣ, қасида ва қитъа эҷод кардааст. Ғазалу рубой кам дорад.

Дар вақти тартиб додани ин девони ашъор мо чанд нусха нашрҳои даврагии осори шоирро, ки чопи Эронанд ва ду нусха дастнависи дигар дар даст доштем. Лекин асосан ин девонро мо мутобиқи «Девони ашъори шоҳзода Эраҷ Мирзо», ки бо ташаббуси писараш Хусрав Эраҷ ба чоп расидааст ва инчунин мутобиқи «Куллиёти девони Эраҷ Мирзо» тартиб додем. Гуфтан лозим аст, ки ҳамаи нусхаҳо бо ҳам мувофиқат надоранд.

Азбаски таърихи аксарияти шеърҳои ин шоир аниқ ва муайян нест, мо ашъорашро на ба тарзи хронологӣ, балки бо тақсими бобҳо — «Модарнома», «Ғазалиёт», «Қасидаҳо», «Қитъаҳо ва рубоиҳо», «Маснавиёт» ва «Тарҷимаҳо» тартиб додем. Ба ҳамин тариқ, мо аввалин девони ашъори ин шоири машҳури асри XIX—XX-уми Эрон Эраҷ Мирзоро, ки хонандагони тоҷик аз соли 1925 сар карда, бисьёр шеърҳои ӯро дар матбуоти даврагии Тоҷикистон хондаанд, пешниҳод мекунем.

Ин китоби шоири дӯстдоштаи халқро ба хонандагони мӯҳтарам пешкаш карда, даъвои он надорем, ки вай комилан бекамбудӣ ва нисбат ба матнҳои аслӣ тамоман бехато бошад!

*Нодир Шанбезода.*
ш. Душанбе.

# МОДАРНОМА

## МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳан гирифтан омӯхт.

Шабҳо бари гоҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.

Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Ба ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.

Як ҳарф-ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.

Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.

Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

## МУҲАББАТИ МОДАР

Писар, рав қадри модар дон, ки доим
Кашад ранҷи писар бечора модар.

Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад
Туро беш аз падар бечора модар.

Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорадт
Зи ҷон маҳбубтар бечора модар.

Нигаҳдорӣ кунад нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз
Туро, чун ҷон, ба бар бечора модар.

Аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ нағалтад
Шаб аз бими хатар бечора модар.

Ба вақти зодани ту марги худро
Бигирад дар назар, бечора модар.

Бишӯяд кӯҳна, орояд наватро,
Чу камтар коргар бечора модар.

Тамузу дай туро соат ба соат
Намояд хушку тар бечора модар.

Агар як атса ояд аз димоғат,
Парад ҳушаш зи сар, бечора модар.

Агар як сурфае бечо намой,
Хӯрад хуни ҷигар бечора модар.

Барои он, ки шаб роҳат бихобӣ,
Нахобад то саҳар бечора модар.

Ду сол аз гирьяи рӯзу шаби ту,
Надорад хобу хӯр бечора модар.

Чу дандон оварӣ, ранҷур гардӣ,
Кашад ранҷи дигар бечора модар.

Сипас чун ~~по~~ гирифтӣ, то наяфтӣ,
Хӯрад ғам бештар бечора модар.

Ту то як мухтасар ҷоне бигирӣ,
Кунад ҷон мухтасар, бечора модар.

Ба мактаб чун равӣ, то бозгардӣ,
Бувад чашмаш ба дар бечора модар.

Агар як рубъи [1] соат дер ой,
Шавад аз худ бадар бечора модар.

Набинад ҳеҷ кас заҳмат ба дунъё,
Зи модар бештар бечора модар.

Тамоми ҳосилаш аз умр ин аст,
Ки дорад як писар бечора модар.

---

[1] *Рубъ* — чаҳорьяк.

## ДИЛИ МОДАР

Дод маъшуқа ба ошиқ пайғом:
«Ки кунад модари ту бо ман ҷанг.

Ҳар куҷо бинадам аз дур, кунад
Чеҳра пурчину ҷабин пурожанг [1],

Бо нигоҳи ғазаболуд занад
Бар дили нозуки ман тири хаданг [2].

Аз дари хона маро тард кунад [3],
Ҳамчу санг аз даҳани қалмосанг [4].

Модари сангдилат то зиндаст,
Шаҳд дар коми ману туст шаранг [5].

Нашавам якдилу якранг туро,
То насозӣ дили ӯ аз хун ранг.

---

[1] *Ожанг* — чин.
[2] *Хаданг* — дарахтест, ки чӯби он ниҳоят маҳкам ва рост аст
[3] *Тард кардан* — пеш кардан.
[4] *Қалмосанг* — фалохун.
[5] *Шаранг* — заҳр.

Гар ту хоҳӣ ба висолам бирасӣ,
Бояд ин соат бехавфу даранг [1]

Равию синаи тангаш бидарӣ,
Дил бурун орӣ аз он синаи танг.

Гарму хунин ба манаш бозорӣ,
То барад з-оинаи қалбам занг!

Ошиқи бехиради ноҳанҷор [2],
На, бал [3] он фосиқи беисмату нанг.

Ҳурмати модарӣ аз ёд бибурд,
Маст аз бодаю девона зи банг.

Рафту модарро афганд ба хок,
Сина бидриду дил овард ба чанг.

Қасди сарманзили маъшуқа намуд,
Дили модар ба кафаш чун норанг [4].

Аз қазо, хӯрд дами дар ба замин
В-андаке ранҷа шуд ӯро оранг [5].

Он дили гарм, ки ҷон дошт ҳанӯз,
Уфтод аз кафи он бефарҳанг [6].

---

1 *Даранг* — таъхир.
2 *Ноҳанҷор* — нопок, хом.
3 *Бал* — балки.
4 *Норанг* — норинҷ, як навъ мева.
5 *Оранг* — оринҷ.
6 *Бефарҳанг* — бехирад.

Аз замин боз чу бархост, намуд
Паи бардоштани он оҳанг [1].

Дид, к-аз он дили оғушта ба хун
Ояд оҳиста бурун ин оҳанг [2]

«— Оҳ, дасти писарам ёфт харош!
Вой, пои писарам хӯрд ба санг!»

---

[1] *Оҳанг* — ин ҷо қасд.
[2] *Оҳанг* — ин ҷо ба маънои садо.

## МЕҲРУБОН МОДАР

Боз чун чӯҷамокиён бинад,
Аз паи сайд баркушояд пар.

Тунду тез аз ҳаво ба зер ояд,
Ҳамчу ҳукми қазову пайки қадар.

Мокиёне, ки дар баробари боз
Набувад ғайри оҷизе музтар [1],

Хатари тифли хеш чун бинад,
Ёд н-орад зи ҳеҷ гуна хатар.

Аз ҷигар баркашонад овозе,
Ки наюшандаро халад ба ҷигар.

Биҷаҳад то ба пеши чангали боз,
Болкӯбон фарози якдигар.

Боз чун бинад ин таҳаввули [2] мурғ
Кор мушкил намоядаш ба назар.

---

[1] *Музтар* — дар ин ҷо ба маънои бечлоҷ.
[2] *Таҳаввул* — шуҷоат, диловарӣ.

Бигзарад з-ин шикори қадре саъб [1]
Дар ҳавои шикори осонтар.

Инчунин мекунад ҳиросати [2] тифл
Модари меҳрубони меҳровар.

Пас, раво бошад ар кунанд атфол [3],
Ҷон ба қурбони меҳрубон модар.

---

[1] *Саъб* — мушкил.
[2] *Ҳиросат* — нигоҳбонӣ, посбонӣ.
[3] *Атфол* — ҷамъи тифл.

## ВАТАНИ МО – ЭРОН

Мо, ки атфоли ин дабистонем,
Ҳама аз хоки поки Эронем.

Ҳама бо ҳам бародари ватанем,
Меҳрубон ҳамчу ҷисм бо ҷонем.

Ашрафу [1] анҷабӣ [2] тамоми милал,
Ёдгори қадими давронем.

Ватани мо ба ҷои модари мост,
Мо гурӯҳи ватанпарастонем.

Шукр дорем, к-аз туфулият [3]
Дарси ҳуббулватан ҳамехонем.

Чун ки ҳуббулватан зи имон аст,
Мо яқинан зи аҳли имонем.

---

[1] *Ашраф* — бо шараф, бо номус.
[2] *Анҷаб* — наҷибтарин, бузургтарин.
[3] *Туфулият* — кӯдакӣ.

Гар расад душмане барои Ватан,
Мо нахустин ҳарифи майдонем.

Дар раҳи иззату бақои Ватан
Ҷону дил роягон [1] бияфшонем.

---

[1] *Роягон* — муфт,

# ҒАЗАЛИЁТ

## ТАРАБ АФСУРДА КУНАД ДИЛ

Тараб афсурда кунад дил чу зи ҳад даргузарад,
Оби ҳайвон [1] бикушад низ, чу аз сар гузарад.

Ман аз ин зиндагии якнаҳаҷ [2] озурда шудам,
Гар чу қанд аст, нахоҳам, ки мукаррар гузарад.

Гар ҳама дидани як силсила макруҳот аст,
Қош, ин умри гаронмоя сабуктар гузарад.

Ту аз ин хилъати ҳастӣ чӣ тафохур дорӣ?
Ин либосест, ки бар пайкари ҳар хар гузарад.

Оҳ аз он рӯз, ки бе касби ҳунар шом шавад,
Вой аз он шом, ки бе мутрибу соғар гузарад.

Лаҳзае беш набуд он чӣ зи умри ту гузашт
В-он чӣ боқист, ба як лаҳзаи дигар гузарад.

Он ҳама шавкату номуси шаҳон охири кор
Чанд сатрест, ки бар сафҳаи дафтар гузарад.

---

[1] *Оби ҳайвон* — оби ҳаёти афсонавӣ.
[2] *Якнаҳаҷ* — якхела.

Оқибат дар ду-се хат ҷамъ шавад аз баду нек,
Он чӣ як умр ба Дорову Сикандар гузарад.

Эй Ватан, з-ин ҳама абнои ту кас ёфт нашуд,
Ки барои ту, нагуям зи сар, аз зар гузарад.

На шарифулуламо бигзарад аз сими сафед,
На раисулвузаро аз зари аҳмар [1] гузарад.

Гар ба маҳшар ҳам аз ин ҷинси дупо дарқоранд,
Вой аз он тарзи мазолим, ки ба маҳшар гузарад.

Ин ҳама нақш, ки бар саҳнаи гети пайдост,
Синамоест, ки аз дидаи ахтар гузарад.

В-ар яке з-он ҳама уммол[2] бувад эронӣ,
Гилаҳо байни худованду паямбар гузарад.

Руҳ пайдо кунаду бо ту ба гуфтор ояд,
Агар ин шеъри ман аз маҳзари Афсар [3] гузарад.

Анқариб аст, ки аз ишқи ту чун пироҳан,
Синаро чок кунад Эраҷу аз сар гузарад.

---

[1] *Аҳмар* — сурх.
[2] *Уммол* — ҷамъи омил.
[3] *Афсар* — номи яке аз шоҳзодагони калони Қоҷор, ки шоир ҳам буд.

## БИСЬЁР НОЗКУН

Озурдаам аз он бути бисьёр нозкун,
По аз гилеми хеш фузунтар дарозкун.

Аз чашми бад кунанд ҳама халқ эҳтироз,
Ман гаштаам зи чашми накӯ эҳтирозкун.

Ринди шаробхораму дар синаам дилест
Покизатар зи ҷомаи шайхи намозкун.

Ман аз забони хеш надорам шикояте,
Чашм аст бештар, ки бувад кашфи розкун.

Буе зи бӯстони муҳаббат набурдаанд
Солуси зоҳидони ҳақиқат маҷозкун.

Ин ҳоҷиён, ба ҳашр инон бар инон раванд.
Бо уштурони тайи тариқи Ҳиҷозкун.

Ман парварондамат, ки ту бо ин баҳо шудӣ,
Тифле надидаам чу ту бар доя нозкун.

Онро, ки оз [1] нест, ба шоҳон ниёз нест,
Султони вақти хеш бувад таркиозкун.

На зӯр суд доду на зорӣ илоҷ кард,
Оре, зар аст, зар гиреҳ аз кор бозкун.

Моро ҳавои хидмати фармонравои мулк
Ҳаст аз ҳавои рӯи бутон бениёзкун.

Душман ба дор кард, бубин чун кунад ба дӯст
Он кас, ки ҳаст душмани худ сарфароз кун.

---

[1] *Оз* — ҳирс, тамаъ, ҳарисӣ.

## МАРДУМИ ОЗОДА

Рӯзгор осуда дорад мардуми озодаро,
Заҳмати сандон намеояд дари бикшодаро.

Аз сари ман ишқ кай берун равад монанди халқ,
Чун кунам дур аз худ ин ҳамзодаи озодаро.

Хуш намеояд ба гӯшам ҷуз ҳадиси кӯдакон,
Аслан андар қалб таъсирест ҳарфи содаро.

Ман сар аз баҳри нисори мақдамат дорам ба дӯш,
Чанд пинҳон созам амри пеши по афтодаро?

Эй ки имшаб бодаро бо сода хӯрдӣ дар висоқ[1],
Нӯши ҷонат бод! Ман бесода хӯрдам бодаро.

Хонумон бар дӯш хоҳӣ шуд ту ҳам охир чу мо,
Рав, хабар кун аз ман он асбоби айшомодаро.

Ҳар чӣ хоҳад чарх бо ман каҷ битобад гӯ, битоб,
Ман ҳам ин ҷо дорам охир Оятуллозодаро.

---

[1] *Висоқ* — хона.

## ҒАЗАЛИ МОҲ

Дидам андар гардиши бозор он дилхоҳро,
Эй аҷаб набвад, ки дар бозор бинам моҳро.

Ҳар ки ӯро дид «маҳзодабашар» гӯяд ҳаме,
Ман дар ин таҳсин ситоиш мекунам афвоҳро [1].

Тарсам ин бозориён аз дидани ӯ бишкананд,
Қош тағьире диҳад якчанд гардишгоҳро.

Гум кунад тоҷир ҳисоби заръу [2] косиб роҳи дахл,
Чун бубинад бар дукон он шамсаи хиргоҳро

В-ар бияфтад чашми зоҳид бар рухаш вақти намоз,
«Лоило» гар гуфта соқит созад «Иллаллоҳро»

Ҳар кӣ ӯро дида, роҳи хонаи худ гум кунад,
Борҳо ин қисса собит гашта ин гумроҳро.

Дар забонам лакнат ояд, чун кунам бар вай салом,
Ман ки мафтун мекунам аз суҳбати худ шоҳро.

---

[1] *Афвоҳ* — даҳонҳо.
[2] *Заръ* — андозаи дарозӣ (107 см).

Эй, ки гуй қисса аз зулфи парешони дароз
Рав, бубин он турраи фархундаи кӯтоҳро.

Ғабғабе дорад, ки дур аз чашми бад, беихтиёр
Мекашад аз синаи бинанда берун оҳро.

Ҳеҷ кас огаҳ нахоҳад шуд зи кори ишқи мо,
Муғтанам дон суҳбати ин пири корогоҳро.

Гар ту исматхоҳ мебошӣ, марам аз ман, ки ман
Посбони исматам атфоли исматхоҳро.

## ҒАЗАЛИ ҚАМАР

Қамар он нест, ки ошиқ барад аз ёд ӯро,
Ёдаш он гул, на ки аз каф бубарад бод ӯро.

Малаке буд Қамар [1] пеши худованд азиз,
Мартае [2] буд фалак хурраму озод ӯро.

Чун худо халқи ҷаҳон карда ба ин тарзу мисол,
Диққате карду писандида наяфтод ӯро.

Дид чизе, ки ба дил чанг занад, дар вай нест,
Лоҷарам, дил зи Қамар канду фиристод ӯро.

Ҳусн ҳам дод худо бар ваю ҳусни аҷабе,
Гарчи бас буд ҳамон ҳусни худодод ӯро.

Ҷумла атвори накӯҳида аз ӯ боз гирифт,
Ҳар чӣ ахлоқи накӯ буду баҷо, дод ӯро.

Гар ба шамшоду ба савсан гузарад андар боғ,
Бипарастанд ҳама савсану шамшод ӯро.

Булбул аз рашки садои ту гулӯ пора кунад
В-арна баҳри чӣ бувад ин ҳама фарьёд ӯро?

---

[1] Қамаралмулуки вазирӣ.
[2] *Мартаъ* — марғзор.

## ГУЛДОНИ ДИГАР

Ёд карданд маро боз ба гулдони дигар,
Гулбунони дигар аз тарфи гулистони дигар.

Будам афсурда чу гул дар даю бишкуфтам боз,
Навбаҳор аст ба ман то ба зимистони дигар.

Бо навоҳои дигар таҳнияти [1] ман гуфтанд,
Булбулони дигар аз соҳати [2] бӯстони дигар.

Ишқ ҳар фикри дигарро зи дилам берун кард,
Ҳамчу меҳмон, ки кунад бухл ба меҳмони дигар.

Бо чунин гом, ки нисвони [3] Ватан пеш раванд,
Анқариб аст, ки Эрон шавад Эрони дигар.

---

[1] *Таҳният* — муборакбод.
[2] *Соҳат* — байн, миён.
[3] *Нисвон* — занон.

## ГУЛИ ШОДОБ

Дар ҷаҳон ҳар дил, ки доме аз хами гесӯ надорад,
Мурда бод он дил, ки ишқе бар рухи некӯ надорад.

Зеби фарқи гулрухон бошад гули шодоб, аммо
Қай ба дил чанге занад он гул, ки рангу бӯ надорад.

Исми гул пеши лабаш бурдан хато бошад, лаби ӯ
Беҳтар аст аз гул яқин аст, ин ки гуфтугӯ надорад,

Пеши рӯю чашми ӯ гар лолаю наргис бирӯяд,
Лолаю наргис яқинан ҳамчу чашму рӯ надорад.

Аз барои бӯсае аз рӯи ӯ дил мешавад хун,
Лек рӯ мехоҳад ин изҳору Эраҷ рӯ надорад.

## ПАРДА БАРАФГАН

Бо ғамазоте [1], ки ту, хонум кунӣ,
Рахна ба дину дили мардум кунӣ.

Ҷон ба лаби ошиқи бедил расад,
Бо ғамазоте, ки ту хонум кунӣ.

Дарьё-дарьё ба ту ҳусн андар аст,
Парда барафган, ки талотум кунӣ.

Ғунча ба гулзор хамӯшӣ кунад,
То ту, гуландом, такаллум кунӣ.

Сарв ситодаст муаддаб [2] ба ҷой,
То ту ба рафтор тақаддум кунӣ.

Ман ба ту изҳори тааштуқ кунам,
Ту зи ман ибрози [3] тааллум [4] кунӣ.

Аз дигарон бештарам дор дӯст,
К-аз дигарон пештарам гум кунӣ.

---

[1] *Ғамазот* — ҷамъи ғамза.
[2] *Муаддаб* — боадаб.
[3] *Иброзкунӣ* — изҳоркунӣ, намудоркунӣ, ҳувайдокунӣ.
[4] *Тааллум* — таҳсил, омӯзиш.

## ИШҚИ ХУРОСОН

Пираму орзуи васли ҷавонон дорам,
Хона вайрон буваду ҳасрати меҳмон дорам.

Ишқ боқӣ ба сару мӯи сар аз ғусса сапед,
Зери хокистари худ оташи пинҳон дорам.

Қош қайди писарон хостаме пеш аз ин,
Ман ки исрор ба озодии нисвон дорам.

Офати ҷони касон ишқ бувад ё пирӣ,
Чӣ кунам ман, ки ҳам ин дораму ҳам он дорам.

Ҳамчу он оҳани аз кӯра бурун омадаам,
Ки ба сар путку ба зери тана сандон дорам.

Нест як лаҳза, ки аз ёди ту фориғ бошам,
Гарчи пирам ману дар ҳофиза нуқсон дорам.

Ақл бо ҳофиза дар мартабаи қадр якест,
Лек ман ҳайрат аз ин одати инсон дорам.

Гарчи кас дам назанад ҳеҷ зи беақлии хеш
В-аз чӣ бо ноз диҳад шарҳ, ки нисьён [1] дорам.

---

[1] *Нисьён* — фаромӯшӣ.

Ҷурм аз ғайру уқубат мутаваҷҷеҳ бар ман,
Холи саббобаи [1] ашхоси пушаймон дорам.

Шеъри бад гуфтану нисбат ба рафиқон додан
Ёдгорест, ки аз мардуми Теҳрон дорам.

Ҳама ёрони Хуросони ман аҳли адабанд,
Бесабаб нест ба сар ишқи Хуросон дорам.

Ҳар яке аз шуаро тобеи як шайтон аст,
Ман дар ин мағзи барошуфта ду шайтон дорам.

---

[1] *Саббоба* — ангушти шаҳодат, ангушти ишорат, дар ин ҷо ба маънои ангушти ҳайрат омадааст.

## ПИРИ ГӮШАГИР

Нишаста будаму дидам зи дар башир [1] омад,
Ки хезу ҷону дил омода кун, амир омад.

Амири мамлакати ҳусн бо ҷунон ҳашмат
Чӣ хоб дид, ки сарвақти ин фақир омад?

Чу дид аз ғами ҳиҷронш сахт дилгирам,
Ба дилнавозии ин пири гӯшагир омад.

Намонда буд маро тоқати ҷудоии ӯ,
Ба мавқеъ омаду нек омаду ҳажир [2] омад.

Ба як карашма диламро рабуд он танноз,
Кунун ба саркашии мавқифи асир омад.

Шикояти шаби ҳиҷрон ба ӯ набояд кард,
Ки худ зи дарди дили ошиқон хабир омад.

---

[1] *Башир* — қосид.
[2] *Ҳажир* — нағз, хуб, дилкаш.

Чӣ зӯр буд, ки бар пайкари алил[1] расид,
Чӣ нур буд, ки дар дидаи зарир[2] омад.

Қунун ки омада, то нимашаб нигоҳаш дор,
Зи даст зуд мадеҳ доманаш, ки дер омад.

---

[1] *Алил* — ранҷур, дардманд.
[2] *Зарир* — кӯр.

## НАҒМАИ СОЗ

Ба даст ҷоми шаробу ба гӯш нағмаи соз,
Шабе хуш аст, худоё, дароз бод, дароз.

Чӣ гуна кӯтаҳ хоҳам шабе, ки андар вай
Висоли дӯст муҳайёву барги ишрат соз.

Чӣ гуна кӯтаҳ хоҳам шабе, ки Саъдӣ гуфт:
Ки дӯстро нанамояд шаби висол дароз.

Шабе бувад, ки аз ӯ гашт шоми давлат рӯз,
Шабе бувад, ки аз ӯ гашт субҳи миллат боз.

Шабе бувад, ки битобид андар ӯ моҳе,
Ки офтоб наёрад шудан ба ӯ анбоз.

Шабест фарруху шаҳзода Нусратуддавла
Гирифта ҷашне аз иззату ҷалоли ҷиҳоз [1].

Чӣ гуна ҷашне? Монанди ҷаннати мавъуд [2],
Зи чор ҷониб бикшуда боби неъмату ноз.

---

[1] *Ҷиҳоз* — бисот.
[2] *Мавъуд* — аҳду паймон кардашуда, қарор додашуда.

Ба вачд андар ҳар суй гулрухони Чигил,
Ба рақс андар ҳар ҷой маҳвашони Тироз.

Ҳаме дурахшад монанди нози зоти уқуд [1],
Шароби гулгун андар ба симгун багмоз [2].

Зи ҳар тараф шунавӣ нағмаҳои руду суруд,
Ба ҳар кучо нигарӣ гуна-гуна созу навоз.

Зи чарх гӯяд Ноҳид аз паи табрик:
Хуҷаста бодо милоди [3] шоҳи банданавоз.

---

[1] *Уқуд* — ҷамъи икд.
[2] *Багмоз* — зарф.
[3] *Милод* — вақти таваллуд.

## ХАРИ ИСО

Хари Исост, ки аз ҳар ҳунаре бохабар аст,
Ҳар хареро натавон гуфт, ки соҳибҳунар аст.

Хуш лабу хуш даҳану чобуку ширин ҳаракот,
Камхӯру пурдаву ботарбияту борбар аст.

Қасди рокибро [1] бе ҳеҷ нишон медонад,
Ки куҷо мавқеи макс [2] асту мақоми гузар аст.

Чун савораш бари мардум ҳама пайғамбар буд,
У ҳам андар бари харҳо ҳама пайғомбар аст.

Марав, эй марди мусофир, ба сафар ҷуз бо у,
Ки туро дар ҳама аҳвол рафиқи сафар аст.

Ҳоли мамдуҳин з-ин чома [3] бидон, эй ҳушьёр,
Ки чу ман мамдух бар мадҳи хараш муфтахар аст.

Ман ба ҷуз мадҳати у мадҳи дигар хар накунам,
Ҷуз хари Исо гури падари ҳарчӣ хар аст.

---

[1] *Рокиб* — савор.
[2] *Макс* — интизори, таъхир, деркуни, ором.
[3] *Чома* — шеър, достони хурд.

## МАГАР БА ХОБ БУБИНАМ

Зи дурҷи [1] дида даровардаам лаолиро [2],
Нисори мақбараи «Дурратулмаолиро».

Гумон барам, ки барои чунин нисоре буд,
Қи дурҷи дида бияндӯхт ин лаолиро.

Агар надида ба ман ҳамраҳӣ кунад имрӯз,
Чӣ узр оварам, эй дӯст, дасти холиро?

Мисоли рӯи ту дар қалби мо ба ҷост ҳанӯз,
Тиҳӣ намудӣ агар қолиби мисолиро.

Чунон буридӣ аз мо, ки кас нишон надиҳад
Ба ҳеҷ тоире [3] ин гуна тезболиро.

Маро зи марги ту қомат ҳилолвор хамид,
Барор сар, бинигар қомати ҳилолиро.

Туӣ, ки давраи таълим саҳл бишмурдӣ,
Машаққати баданӣ, заҳмати хаёлиро.

---

[1] *Дурҷ* — сандуқчаи ҷавоҳирот.
[2] *Лаолӣ* — ба маънии марворид, ин ҷо киноя аз ашк аст.
[3] *Тоир* — парранда.

Ҭуи, ки пеши ту осон намуду бемиқдор
Улувви[1] ҳиммати ту корҳои олиро.

Алаттаволӣ[2] дар кори тарбият будӣ,
Ба ҷон харидӣ ранҷи алаттаволиро.

Ду боб мадрасаи духтарон бино кардӣ,
Бидуни он ки кашӣ миннати аҳолиро.

Туро ба соири занҳо қиёс натвон кард,
Ба ҷои зар кӣ харад косаи сафолиро.

Чӣ шӯъла буд, ки ногаҳ намуд ҷилваю сӯхт
Дили адонии[3] ин кишвари аолиро[4].

Дақиқае зи хаёлат фароғболам нест,
Магар ба хоб бубинам фароғболиро.

---

[1] *Улувви ҳиммати ту* — яъне ҳиммати баланди ту.
[2] *Алаттаволӣ* — мудом, ҳамеша, пайваста.
[3] *Адонӣ* — ҷамъи адно, яъне паст.
[4] *Аолӣ* — шахсони баландмартаба.

## ТАРҶЕЪБАНД

Шуд фасли баҳору гул сало дод,
Бар чеҳраи хуби худ сафо дод.

Боди саҳарӣ зи ошноӣ
Пайғоми вафо ба ошно дод.

Булбул зи фироқи чандмоҳа,
Бозомаду шарҳи моҷаро дод.

Афсӯс, ки ҷои туст холӣ,
Эй хонуми Дурратулмаолӣ [1].

Овах, ки баҳори мо хазон шуд,
Он рӯи чу гул зи мо ниҳон шуд.

Хуноби ҷигар зи фурқати ту
Аз чашмаи чашми мо равон шуд.

Булбулсифат аз фироқи рӯят
Дар боғ насиби мо фиғон шуд.

---

[1] *Хонуми Дурратулмаолӣ* — мудираи мадрасаи духтаронаи Теҳрон.

Афсӯс, ки ҷои туст холӣ,
Эй хонуми Дурратулмаолӣ.

Гирьем зи дарди иштиёқат,
Сӯзем дар оташи фироқат.

Ҷуфти аламему ёри андӯҳ,
Бинем зи дӯстон чу тоқат.

Гӯем зи рӯи дарду ҳасрат,
Оем чу бе ту дар васоқат.

Афсӯс, ки ҷои туст холӣ,
Эй хонуми Дурратулмаолӣ.

Аз мо чӣ хилоф дида будӣ,
Қ-ингуна мафориқат намудӣ?

Сарриштаи иттиҳоди моро
Рафтию зи дасти мо рабудӣ.

Ҷои ту ба рӯи чашми мо буд,
Дар хоки сияҳ чаро ғунудӣ?

Афсӯс, ки ҷои туст холӣ,
Эй хонуми Дурратулмаолӣ.

## МУХАММАС БА УСЛУБИ СУХАНВАРОНИ ҒАРБ

Субҳдам, к-ин тоири чархошьён,
Офтобе гардад аз болои кӯҳ.
Тофта рух, болкӯбон, парзанон,
Аз пару болаш чаман гирад шукӯҳ.
Нағмахон мурғи саҳар бар шохсор.

Бинӣ он парвонаи хушхолу хат,
Ҷаста берун аз ғилофи пираҳан,
Бо пару боле пур аз заррин нуқат,
Сар занад як-як ба гулҳои чаман,
Бӯсад инро гавғабу онро узор.

Ҳамчунон он тифлаки ширинзабон,
Бо рухе сурху сапед аз ширу хун,
Он ду чашми барқзан чун ахтарон,
Сар кунад шодон зи шодича [1] бурун,
Бингарад атрофи худро шодхор [2].

---

[1] *Шодича* — яъне кӯрпа.
[2] *Шодхор* — шодмон.

Бо табассумҳои ширинтар зи қанд,
Ҳамчу парвона кушояд болу пар,
Барчаҳад аз ҷо чу аз маҷмар сипанд.
Дасти модар бӯсаду рӯи падар,
Ин дар оғӯшаш кашад, он дар канор.

## ПАРВОНАИ ХОНАГӢ

Субҳдам, к-ин мурғи кайҳоношьён,
Бол бикшояд фарози кӯҳсор.

Панҷаву минқори нурафшони ӯ
Пардаи шабро намояд торумор.

Дар чаман парвонаи ошиқ манаш,
Он гули ҷондори хушнақшу нигор.

Аз ғилофи пираҳан ояд бурун,
Пираҳан бар тан дарад аз ишқи ёр.

Бар парад з-ин гул ба он гул шодмон,
Бӯсад инро ғавғабу онро узор.

Ҳамчунон он тифлаки ширинзабон,
Дар латофат омада чун ғул ба бор.

Солиму сурху сафеду чоқу гурд,
Бо ду чашми чун ситора нурбор.

Ҳамчу гавҳар, к-аз садаф ояд бурун,
Ояд аз шодича берун шодхор.

Бингарад бар гулбунони хонагӣ,
Бол бикшояд ҳаме парвонавор.

Дасти модар бўсаду рўи падар
Ин дар оғўшаш кашад, он дар канор.

# ҚАСИДАҲО

## ВАСВАСА

*(Ба тарзи ихтисор)*

Дидаму гуфтам нодидааш ангор кунам,
Дили савдозада нагзошт, ки ин кор кунам.

Ғайри маъқул бувад мункири маҳсус шудан,
Ман аз ин ёвасароиҳо бисьёр кунам.

То магар рӯзе аз хона ба бозор ояд,
Субҳ то аввали шаб хона ба бозор кунам.

Бинам аз дуру маро раъша [1] бар андом афтад,
Такья аз сустии аъсоб ба девор кунам.

Андарон ҳол гар ангушти маро қатъ кунанд,
Хабарам нест, ки оҳе зи дили зор кунам.

В-ар саги ҳор ба ман ҳамла кунад дар он хол,
Қудратам не, ки азимат зи саги ҳор кунам.

В-ар занубам [2] ҳама бахшанд ба як истиғфор,
Нест қудрат ба забонам, ки ситиғфор кунам.

---

[1] *Раъша* — ларза.
[2] *Зануб* — ҷамъи занб, ки ба маънии гуноҳ бошад.

Қашфи асрори маро хоҳад агар ғаммозе,
Бегумон, пешаш кашфи ҳама асрор кунам.

Алгараз, сахт гирифтораму менатвонам.
То-ш бар хеш каму беш гирифтор кунам.

Набувад шоиру шоирталабу шеършинос,
Ки сараш гарму дилаш нарм ба ашъор кунам.

На мунаҷҷим, ки ниҳам шарму ҳаёро ба канор,
Пеши хуршеди рухаш суҳбати ақмор [1] кунам.

Кимиёгар набувад, к-аз паи машғулии у
Суҳбат аз Шамсу Қамар, Собиту Сайёр кунам.

Ин қадар ҳаст, ки гоҳе равам аз дунболаш,
Сер наззора бар он қомату рафтор кунам.

Гӯям оҳиста, ки қурбони ту гардад ҷонам,
То бигӯяд, ки чӣ мегуфтӣ инкор кунам.

Чӣ кунам чора ҷуз инкор дар он шавқеъ нест,
Ба «ожан» [2], гӯяд агар бештар исрор кунам.

Гар дарошӯбаду кӯбад лағаде бар шикамам,
Чӣ кунам, дарди дили худ ба кӣ изҳор кунам?

В-ар занад селию аз сар кулаҳам парт шавад,
Хешро дар сари кӯ [3] сахраи [4] наззор [5] кунам.

---

[1] *Ақмор* — ҷамъи қамар.

[2] *Ожан* — агент, гумошта, намояндаи ҳукумат барои нигоҳ доштани интизом.

[3] *Кӯ* — маҳалла, барзан.

[4] *Сахра* — масхара, ришханд.

[5] *Наззор* — ононе, ки назора мекунанд.

Шарҳи ин воқеаро гар ба ҷароид бубаранд,
Шӯҳра худро ба сифа [1] дар ҳама ақтор кунам.

Гар раисулвузаро бишнавад ин қиссаи ман,
Баъд бо ӯ ба чӣ рӯ бояд дидор кунам.

В-ар яке аз вузаро бинаду лабханд занад.
Ин таъннат ба чӣ сон бар худ ҳамвор кунам.

Мар-маро мансабу идрор аст [2] аз давлату ман
Боядам қатъи яд аз мансабу идрор кунам.

Ҳазрати воло гӯянду нависанд маро,
Ҳифзи ин мартабаро бояд бисьёр кунам.

Мар-маро аҳли ҳунар з-аҳли адаб медонанд,
Хешро дар назари аҳли адаб хор кунам.

Насаб аз дудаи Қоҷор барам, мебояд,
Фикри хушрӯӣ аз дудаи Қоҷор кунам.

Хонаи ӯро то хонаи ман роҳ басест,
Фикри ҳамсояи девор ба девор кунам.

Обрӯро бигузорам сари ин пораи дил,
Баҳри лахте ҷигарак суфра қаламкор кунам.

---

[1] *Сифа* — нодонӣ, бехирадӣ.
[2] *Идрор* — нафақа.

Ошиқи кори саре нест, ки сомон хоҳад,
Ман сару сомон чун дар сари ин кор кунам?

Чашми ӯ бошад агар наргиси шаҳло, гӯ бош,
Ман зи тимор чаро худро бемор кунам?

Ӯ агар дорад мӯи сияҳу рӯи сапед,
Ман чаро рӯзи худ аз ғусса шаби тор кунам?

Ишқ шерест қавипанҷаю хунхор, хатост,
Панҷа бо шери қавипанҷаю хунхор кунам.

Қори душвор бувад, лек маро мебояд
Ҳилате аз паи осонии душвор кунам.

Гар кушояд гиреҳ аз кор ба ҷодуию сеҳр,
Солҳо хизмати ҷодугару саҳҳор кунам.

Ӯ на ёрест, к-аз ӯ сарфи назар битвон кард,
Ман на он мор, ки бим аз сухати ғор кунам.

Хоҳам ар кор бигардад ба муроди дили ман,
Ба муроди дили ӯ бояд рафтор кунам.

Аср тағьир диҳам шакли сару ваъзу либос,
Хешро ҳамзӣ бо он бути айёр кунам.

Гирам аз марҷон тасбеҳи дарозе дар даст,
Банду мангула [1] зи абрешими зартор кунам.

Як абои [2] нави бушаҳрии аъло бар дӯш,
Остар тофта бо махмали гулдор кунам.

---

[1] *Мангула* — ришта.
[2] *Або* — ҷомаи васеъ, ки аз болои ҷомаҳои дигар мепӯшанд.

Қисаро пур кунам аз ашрафию импириёлл,
Ҷои зар хок ба домони талабгор кунам.

Чун равад ёр ҳама аср сӯи қасри малик,
Ман ҳам албатта ҳама аср ҳамин кор кунам.

Равам он ҷо, вале аз роҳ, на аз бероҳа,
Қорро бояд пӯшида зи анзор кунам.

Рӯзи аввал тарафи ӯ накунам ҳеҷ нигоҳ,
Ман ҳама кор ба услубу ба ҳанҷор кунам.

По ба рӯи по андохта бо савти ҷалӣ,
Қаҳвачиро ба бари хештан эҳзор кунам.

Шарбату бастанию[1] қаҳваю ҷое хоҳам,
Гарчи бемайл бувам, хоҳиши ҳар ҷор кунам.

Як-ду рӯзе накунам ҳеҷ таоруф бо ӯ
В-ар кунам, мухтасару сарду сабукбор кунам.

Вақти бархостан аз ҷайб кашам киса бурун,
Ҳар чӣ андар таҳи кисаст, нагунсор кунам.

Ашрафиҳоро бар дидаи ӯ бишморам,
Баъд як маблағ бар қаҳвачӣ исор кунам.

Менапурсам, ки чӣ додию чӣ қимат хоҳӣ?
Ҷои сарфи ду дирам, базл ду динор кунам.

Баъд аз он ҷой чу оранд, кунам хидмати ӯ,
Арзи хидматро шоистаю саршор кунам.

---

[1] *Бастанӣ* — мороженное, тоҷикиаш яхмос.

Пушти чоҳе чапақе чанд ба нофаш бандам,
Ҳам дар он лаҳза манаш воқифи асрор кунам.

Қам-кам ин дӯстӣ аз қаср кашад то хона,
Хонаро аз рухи ӯ ғайрати Фархор кунам.

## ДАР ИНТИЗОРИ АСП

Чашмам сапед шуд ба раҳи интизори асп,
Пайдо нашуд зи ҷониби «сурон» савори асп.

Оре, шадидтар бувад аз мавт, бегумон,
Чун интизорҳои дигар интизори асп.

Бо асп мекунанд ҳама мардумон шикор,
Ман кардаам пиёда ба сурон шикори асп.

Чашмам ба роҳ буд, ки пайдо шавад зи дар,
То ҷону дил кунам ба ташаккур нисори асп.

Аз баҳри эҳтиром равам чанд гом пеш,
Гирам зи дасти роизу[1] бусам фасори асп.

Ҳамчун инон ду даст ба гардан дарорамаш,
Бӯсам рикобвор ямину ясори асп.

Ман беқарори аспу ду чашмам бувад ба роҳ,
Бошад ба ҷои хеш камокон[2] қарори асп.

---

[1] *Роиз* — муаллими варзиш.

[2] *Камокон* — мисли пештара, чунон ки буд.

Ранҷи пиёдагию лаби хушку роҳи зишк [1],
Ёри мананду сояи астабл ёри асп.

Бо пои ланг меравам имрӯз сӯи Қанг,
Фардо чӣ суд агар бишавам ман савори асп?

То кай ба сони фохта ку-ку кунам ҳаме
Дар интизори талъати товусвори асп?

То кай бувад раво, ки дили мустаманди ман
Чун рони аспи хоҷа шавад доғдори асп?

Тарсам, ки аспро бифиристад худойгон,
Рӯзе, ки ман зи заъф наёям ба кори асп.

Тарсам пиёда тайи тариқи аҷал кунам,
Бо худ барам ба мадфани худ ёдгори асп.

Эй ёри бовафои ман, эй ҳодии музалл [2]
Гӯри маро ту ҳафр [3] бикун дар ҷавори [4] асп.

Гар якдигар надидаю нодида бигзарем.
Ҳамсоя кун мазори маро бо мазори асп.

Бе мавҷибе набошад, агар дер шуд ато,
Кардаст хоҷа раҳм ба ҳоли фигори асп.

Донад, ки чун ду рӯз дар астабли [5] ман бимонд,
Чун рӯзгори банда шавад рӯзгори асп.

---

[1] *Зишк* — бад, каҷу килеб.
[2] *Музалл* — дилфиреб, фаттон.
[3] *Ҳафр кардан* — кандан, кофтан.
[4] *Ҷавор* — ҳамсоя, наздик.
[5] *Астабл* — аспхона, тавила.

Инҳо тамом тайбати[1] маҳз аст, варна зуд
Созад вафо ба ваъда худовандгори асп.

Фармонравои шарқ, ки фарқи адуйро,
Сояд, чу шиша, зери суми устувори асп.

Дар пеши хоҷа бахшиши як асп ҳеҷ нест,
Бахшидааст хоҷа муқаррар қатори асп.

Дорам умеди он, ки ҳам имрӯз хешро
Бинам ба фарри давлати ӯ дар канори асп.

Аспе, ки роди волии машриқ ба ман диҳад,
Андар шумори пил бувад, на шумори асп.

Дорам ман аз саворин он ифтихорҳо,
Ҳарчанд аз савор бувад ифтихори асп.

Нанҳода по ҳанӯз зи астабли худ бурун,
Боло гирифтааст аҷаб кору бори асп.

Оянд аз барои тамошо зи ҳар тараф
Онон, ки чун мананд ба дил дӯстдори асп.

Дар кӯҳпоя зуд садо мунъакис шавад,
Нашгифт агар баланд шавад иштиҳори асп.

Уммедворам аспи қашанге ато кунад
Ҳоло ки рафта ҳиммати ман зери бори асп.

Миннат худойро, ки дар астаблаш аспи хуб
Чандон бувад, ки кас натавонад шумори асп.

[1] *Тайбат* — накуӣ, меҳрубонӣ.

Дар интихоби асп бувад раъи ӯ матоъ,
Бо ӯст ихтиёри ману ихтиёри асп.

Аспи муваффаре биписандад барои ман.
Бошад зи ҳусни асп яке ҳам виқори асп.

Бифристаду маро муташаккир кунад зи хеш,
Бо зину барги сохтан зарнигори асп.

Ёраб, ҳамеша то сухан аз асп меравад,
Бодо «Низомсалтана» доим савори асп.

Андар радифи асп чунин чома кас нагуфт,
Мушкил бувад ба қофия гаштан дучори асп.

## ТАЪБИРИ ХОБ

Хоб дидам, ки худо болу паре дода маро,
Дар ҳаво қуввати сайру сафаре дода маро.

Ҳамчу шоҳин ба ҳаво ҷилвакунон мегузарам,
Тезрав болею парранда паре дода маро.

Ҳар куҷо қасд кунам мерасам он ҷо филфавр,
Гуӣ аз барқ табиат асаре дода маро.

На телегроф ба гардам бирасад, на телефон,
Ки худо суръати сайри дигаре дода маро.

Ҳама бо чашми таҳайюр нигаронанд ба ман,
Болу пар, зебу фари муътабаре дода маро.

Ончунон буд, ки пиндоштам аз ин пару бол
Осмон салтанати мухтасаре дода маро.

Ҷастам аз хоб дар андеша, ки таъбираш чист?
Аз чӣ ҳақ қувваи фавқулбашаре дода маро.

Ман, ки дар ҳеҷ замин тухм наяфшондам пор,
То тасаввур кунам имсол баре дода маро.

Ғарси[1] ашҷор[2] дар анҳор накардам з-ин пеш,
То кунам фарз, ки инак самаре дода маро.

Деҳ надорам, ки бигӯям бифузуд оби қанот[3],
Зан надорам, ки бигӯям писаре дода маро.

Модарам зинда набошад, ки бигӯям шӯ кард,
Боз ҳақ дар сари пирӣ падаре дода маро.

Бандагӣ ҳеҷ накардам ба худо, то гӯям,
Ки ба подош худо ганҷи заре дода маро.

Оқибат дониши ман роҳ ба таъбир набурд,
Гарчи дар ҳар фан эзид гуҳаре дода маро.

Субҳ дидам, ки ба «суронам»-у фармонфармой,
Аспи ботарбияти боҳунаре дода маро.

Волии машриқ к-аз хидмати ӯ, бор худой,
Табъи аз дарьё зояндатаре дода маро.

---

[1] *Ғарс* — ниҳол.
[2] *Ашҷор* — ҷамъи шаҷар, ки маънояш дарахт аст.
[3] *Қанот* — кориз.

## ҚАСИДА ДАР ВАФОТИ ПАДАР

Шиква бар чарх баранд аз душман,
Аҷабо чарх бувад душмани ман.

Аллаҳ-аллаҳ, ба кӣ бояд нолид
З-ин ситамгар фалаки аҳриман [1].

Ҳама сар то по макр асту фиреб,
Ҳама по то сар ранҷ асту миҳан [2].

Гурги хунхори ҳазорон Юсуф,
Балки Гургини ҳазорон Бежан.

Талаби шодӣ аз ин чархи ҳурун [3],
Тамаъи роҳат аз ин даҳри фитан:

Бодбезӣ бувад андар ғирбол,
Обсоӣ бувад андар ҳован.

Ҳалқае нест аз он бе мотам
Хонае нест аз ӯ бе шеван.

---

[1] *Аҳриман* — ҷин, дар ин ҷо ба маънои бадқаҳр, бадхашм.
[2] *Миҳан* — меҳнат.
[3] *Ҳурун* — саркаш, гарданғафс.

Гар зи баҳри писари худ Яъқуб
Кард байтулҳазанеро маскан,

Ман зи баҳри падари худ з-ин пас,
Маскани хеш кунам байти ҳазан.

Дошт Яъқуб умеде, ки расад
Рӯзе аз Юсуфи у пироҳан.

Бари Яъқуби ман он ҳам набувад,
З-он ки пироҳани у гашт кафан.

Пираҳан гашт кафан дар тани у,
Пираҳан бод кафан дар тани ман!

Чунки пироҳани Юсуфро дид,
Чашми Яъқуб аз он шуд равшан.

Ман зи пироҳани ин Яъқубам
Пираҳан хоҳам даррид ба тан.

Падаро, рафтию ман аз паси ту
Марсият гӯям, хокам ба даҳан.

Гар бар итлолу [1] даман гирья кунанд,
Аҳзалу Аъшию Ҳассону Ҳасан,

Дар сари қабри ту ман навҳа кунам,
Ивази навҳа бар итлолу даман.

Оҳан ар бошам дар тобу тавон,
Оташат об намояд оҳан.

---

[1] *Итлол* — ҷамъи талл.

Эй куҳан чарх, басе тоза ҷавон,
Куштаӣ, то шудаӣ чархи куҳан.

З-ин ҳама зулм, ки бар ман кардӣ,
То чӣ ёбӣ ту аз он подошан?

Хотире нест, ки бошад шодон,
Хонае нест, ки монад равшан.

Аз аёғе, ки ту бахшӣ бода,
В-аз чароғе, ки ту резӣ равған,

Н-аз шиоэст, ки ҳар шом туро,
Сурх гардад ба уфуқ пироман.

Хам аз он гашт туро пушт, ки ҳаст
Борҳои гунаҳат бар гардан.

Анҷуманҳо зи ту вайрон гардад,
Ҳар шабе, к-анҷуман орӣ зи паран[1].

Набувад рофеи[2] захрат тарьёк,
Набувад дофеи[3] захмат ҷавшан.

Бо ту овехт натонад[4] Рустам,
В-аз ту бигрехт наёрад Баҳман

Наҳилам[5] домани шаҳро аз каф,
Го маро каф наҳилӣ аз домаи.

---

[1] *Паран* — парвин.
[2] *Рофеъ* — рафъкунанда.
[3] *Дофеъ* — дафъкунанда.
[4] *Натонад* — натавонад.
[5] *Наҳилам* — нагузорам.

## КОРИ ДУНЬЁ БА МУРОДИ ДИЛИ ДОНО НАШАВАД

Малико [1], бо ту дигар дӯстии мо нашавад,
Баъд агар шуд шудааст, аммо ҳоло нашавад.

Бинишастаст ғуборе зи ту дар хотири ман,
Ки ба ин зудӣ—аз хотири ман по нашавад.

Дилам аз тибати [2] пуррейбати [3] ту сахт гирифт,
То шикоят накунам аз ту, дилам во нашавад.

Хоҳӣ ар рафъи кудурат шавад аз хотири ман,
Узрхоҳӣ бикун, албатта, ва илло нашавад.

Гарчи дар давлати машрута забон озод аст,
Лек роз аз руфақо бояд ифшо нашавад.

Ғазале гуфтаму килки ту маро расво кард,
Гарчи ҳаргиз ҳунарӣ мардум расво нашавад.

---

[1] *Маликушшуаро* — Баҳор.
[2] *Тибат* — накуҳӣ, некукорӣ, меҳрубонӣ.
[3] *Рейбат* — шак, шубҳа, гумони бад.

Исми нон бурдаму гуфтӣ ту, ки «нони дигарон,
Ҳамчу ноне, ки хӯрад, ҳазрати воло[1]» нашавад.

Маҳрамона ду-се хат зери ғазал бинвиштам,
Гуфтам: «Ин роз зи килки ту ҳувайдо нашавад».

Сирри ман фош намудӣ туву тақсири ту нест,
Шоирӣ, шоир аз ин хубтар асло нашавад.

Ман ҷавоби ту ба оини адаб хоҳам дод,
То миёни ману ту маърака барпо нашавад.

Ту ҳунармандию ман низ зи аҳли ҳунарам,
Дар миёни ду ҳунарманд маодо[2] нашавад.

Ту касе ҳастӣ, к-андар ҳунару фазлу камол,
Як нафар чун ту дар ин дунёё пайдо нашавад.

Шоҳиди илму адаб, чун ба сарои ту расид,
Гуфт ҷое ба ҷаҳон хуштар аз инҷо нашавад.

Ҳар кӣ байте ду ба ҳам карду каломе ду навишт,
Бо ту дар арзи адаб ҳамсару ҳамто нашавад.

На Малик гардад—ҳар кас, ки ба каф дошт
қалам,
Бо яке ҷуғаи[3] чӯбина касе «шо»[4] нашавад.

---

[1] Шоҳзодаҳои Қоҷорро, ки Эраҷ Мирзо ҳам аз онҳо буд, «ҳазрати воло» хитоб мекарданд.

[2] *Маодо* — душманӣ, хусумат.

[3] *Ҷуға* — тоҷ.

[4] *Шо* — шоҳи шуаро «Маликушшуаро».

Нашавад синаи ту танг зи гуфтори адӯ,
Сел ҳаргиз сабаби тангии дуньё нашавад.

Ғам махӯр, гар набувад кори ҷаҳонат ба мурод,
Қори дуньё ба муроди дили доно нашавад.

Рафт матлаб зи миён, суҳбати мо аз нон буд,
Ғайр аз ин сӯҳбат, дар мамлакати мо нашавад.

Нон намегӯям хуб аст, вале бад ҳам нест,
Ҳама ҳоҳем, ки беҳтар шавад, аммо нашавад.

Эй ки будӣ ду-се маҳ пеш дар ин мулки хароб,
Нон набуд он чӣ ту мехӯрдӣ, ҳошо нашавад.

Нон аз ин турдтару[1] хубтару ширинтар,
Нони сангак, ки дигар пашмаку ҳалво нашавад.

Ин ки тибат бувад, аммо ба ҳақиқат имрӯз,
Заҳмати хоҷаи мо бояд ихфо[2] нашавад.

Боз мо шокиру мамнунем аз шахси вазир,
Қард коре, ки барои нон балво нашавад.

Шоҳ агар мӯҳтақаре[3] чанд ба дор овезад,
Қори арзоқ бадин сахтӣ гӯё нашавад.

В-ар зи нонвоҳо як тан ба танӯр андозад,
Дами нонвое ин шӯришу ғавғо нашавад.

---

[1] *Турд* — Резашаванда, титшаванда.
[2] *Ихфо* — пинҳонкунӣ, махфидорӣ.
[3] *Муҳтақар* — чаллоб, ҳаннот.

То сиёсат набувад дар кор, ин кор дуруст,
Ба худованди таборак ва таоло нашавад.

Мо ҳамин қадр зи мумтоз таманно дорем,
Ғофил аз гандум то охири ҷавзо нашавад.

Бас кун, Эраҷ, сухан аз нону зи ҷонон мегӯй,
Қори ин мулк фара ё бишавад ё нашавад.

## ЭЙ ШӮХ ПИСАР

Фикри он бош, ки соли дигар, эй шӯх писар,
Рӯзгори ту дигар гардаду кори ту дигар.

Ҳусни ту баста ба мӯест, зи ман ранҷа машав,
Гар зи рӯзи бади ту бар ту шудам ёдовар.

Бар ту ин мӯй бувад ақраб, ман ҳабли варид[1],
Эй ту дар дидаи ман ашъаи[2] ман нури басар.

Мӯй он аст, ки чун сар занад аз орази ту,
Ҳама аъзоят тағьир кунад по то сар.

На дигар васф кунад кас сари зулфат ба абир,
На дигар мадҳ кунад кас лаби лаълат ба шакар.

На дигар бошад рӯи ту чу моҳи Нахшаб,
На дигар монад қадди ту ба сарви Қашмар.

Гӯшат он гуш аст, аммо набувад ҳамчу садаф,
Чашмат он чашм аст, аммо набувад чун абҳар.

---

[1] *Ҳабли варид* — дар ин ҷо ба маънои занҷир кор фармуда шудааст.

[2] *Ашъа* — ҷамъи шиоъ.

Турраат турраи пеш аст, вале кӯ занҷир?
Синаат синаи қабл аст, вале кӯ мармар?

Ҳамчу ин мӯ, ки кунад манъи вуруд аз ушшоқ,
Хор—оҳан накунад дафъи ҳуҷум аз сангар.

На дигар кас зи қафои ту фитад дар кӯча,
На дигар кас ба ҳавои ту ситад дар маъбар [1].

Он ки бар дар бувад имсол ду чашмаш шабу рӯз,
Ки ту боз оию бархезаду гирадт ба бар.

Соли нав чун ба дари хонаи ӯ пой ниҳӣ,
Ходиму ҳоҷиби ӯ узри ту хоҳад бар дар.

На кам аз мӯрӣ, дар фикри зимистонат бош,
Пеш, к-ин мӯ ба рухат чун мӯр орад лашкар.

Ман туро тифлаки боҳуше ангоштаам,
Тифли боҳуш на худрой бувад, на худсар.

Гар ҷавонист бас, ар хушгузаронист бас аст,
Охири ҳол бубин, оқибати кор нигар.

Дар клубҳо натавон кард ҳама вақт нишот,
Дар ҳуталҳо [2] натавон бурд ҳама умр ба сар.

Ту ба аслу насаб аз силсилаи ашрофӣ,
Ин шарофатро аз силсилаи хеш мабар.

---

[1] *Маъбар* — гузаргоҳ.
[2] *Ҳутал* — ҳотел, отель, ресторан.

Вақтро мардуми боақл ғанимат шумуранд,
Агарат ақл бувад, вақт ғанимат бишмар.

Такья бар ҳусн макун, дар талаби илм барой,
Ин дарахтест, ки ҳар фасл диҳад бар ту самар.

Сим имрӯз зи дастат биравад то фардо,
Бодбар бошад чизе, ки бувад бодовар,

Хат бурун орию на хат ба ту бошад, на савод,
Хусри алдуньё валохира гардӣ охар[1],

Кӯш, к-аз илм ба худ такьягаҳе соз кунӣ,
Чун бибандад ҳусн аз хидмати ту сози сафар.

Дарсро бояд з-он пеш, ки риш ояд, хонд,
Нашунидӣ, ки бувад дарси сағар нақши ҳаҷар.

Донишу ҳусн ба ҳам нуралонур бувад,
Ваҳ аз он соҳиби ҳусне, ки бувад донишвар.

Илм агар хоҳӣ, бо мардуми олим бинишин,
Гул бигардад хушбӯ, чунки ба гул шуд ҳамбар.

Зарра бар чарх расад аз асари тобиши хур,
Мушк хушбӯ шавад аз суҳбати мушки азфар.

Чораи кори ту ин аст, ки ман мегӯям,
Бовар аз ман куну ҷуз ман макун аз кас бовар,

---

[1] *Охир* — ба тақозои қофия охар овардааст.

Пас аз ин аз ҳама кас бигсилу бо ман пайванд,
К-он чӣ аз ман ба ту ояд, ҳама хайр аст, на шар.

Якдилу якҷон дар хонаи ман манзил кун,
Ончунон дон, ки худ ин хона харидӣ бо зар.

Гарчи бемоя харидори висоли ту шудам,
Илми ман бину ту бемоягии ман манигар.

Ҳунарӣ мард, ба бадбахтию сахтӣ назияд,
В-ар зияд, як-ду-се рӯзе набувад афзунтар.

Ман ҳамон турфа нависандаи вақтам, ки баранд
Муншиотамро муштоқон чун коғази зар.

Ман ҳамон доно гуяндаи даҳрам, ки хӯранд,
Қасабулҷиби [1] ҳадисамро ҳамчун шаккар.

Саъдии асраму ин дафтару ин девонам,
Боварат нест ба девонам бину дафтар.

Беҳтарин марди шарафманд дар ин мулк манам,
Ҳамнишини ту кӣ мебояд аз ман беҳтар?

Ҳеҷ айбе ба ҷуз аз фақр надорам, биллаҳ,
Фақр фахр аст, вале танҳо бар пайғамбар.

Ҳиммати олӣ бо кисаи холӣ дардест,
Ки ба он дард гирифтор нагардад кофар!

Ту мадоро кун имрӯз ба дарвешии ман,
Ман талофӣ кунам, ар бахт ба ман шуд ёвар.

---

[1] *Қасабулҷиб* — як навъ порчаи зариф.

Эй басо муфлиси имрӯз, ки фардо шудааст·
Соҳиби хонаву деҳ, молики аспу астар,

То маро пой бувад, бар асарат меоям,
Магар он рӯз, ки бечора шавам дар бистар.

Ба худое, ки ба ман фақру ба Қорун зар дод,
Ганҷи Қорунам дар дида бувад хокистар.

Гарчи кардам сухан аз фақр, ту андеша мадор,
На чунон аст, ки дар кори ту монам музтар.

Бо ҳама фақр кашам ҷаври ту, то дорам ҷон,
Бо ҳама заъф барам бори ту, то ҳаст камар.

Гарчи оташ битафад чеҳраи оҳангар боз,
Орад аз кӯра бурун оҳани худ оҳангар.

Ман чу хуршеди ҷаҳонтобаму бинӣ хуршед
Худ бараҳнаст, вале бар ҳама бахшад зевар.

Ҳар чӣ аз баҳри ту лозим шавад, омода кунам,
Гарчи бо кадди ямин бошаду бо хуни ҷигар.

Ба фидои ту кунам ҷумлаи дороии хеш,
Эй рухат хубтар аз оинаи Искандар!

Ҳукм ҳукми туву фармоиш фармоиши туст,
Ту худовандӣ дар хонаю ман фармонбар.

На ба рӯи ту биёрам, на ба кас шиква кунам,
Гар сарам бишканӣ, ар хона кунӣ зеру забар.

Ту ба ҷуз ханда набинӣ ба лабам, гарчи маро,
Дар дил анвоъи қасас бошаду анвоъи фикар,

Ҳар чӣ дар кисаи ман бинӣ, баргиру бирав,
Ҳар чӣ аз хонаи ман хоҳӣ, бардору бубар.

Ҳар чӣ аз ҷомаи ман бинӣ хуб аст, бипӯш,
Ҷомаи хубтар ар ҳаст ба бозор, бихар.

Пеши рӯи ту ниҳам хубтарин луқмаи чарб,
Зери боли ту кашам нармтарин болиши пар.

То тавонам нагузорам, ки ту бепул шавӣ,
Гарчи бифрӯшам сардории [1] танро ба зарар.

Ончунон шику [2] мӯду [3] хуб нигоҳат дорам,
Ки зи ҳар бомӯди ин шаҳр шавӣ бомӯдтар.

Ҷомаат бояд бо ҷон мутаносиб бошад,
Ба палос андар печид нашояд гавҳар.

Пеши ту мирам парвонасифат пеши чароғ,
Даври ту гардам, чун ҳола, ки бар даври қамар.

Қашфи ту ваксзада, ҷома утӯхӯрда бувад,
Ҳар саҳар, к-онро дар по кунӣ в-инро дар бар.

Ёқаат [4] поку кулоҳи наву сардасти [5] тамиз,
Айнаку дасткашу соату путин [6] дархвар.

---

[1] *Сардорӣ* — як хел камзули мардона.
[2] *Шик* — зебо.
[3] *Мӯд* — мода, расм, одат.
[4] *Ёқа* — гиребон.
[5] *Сардаст* — нуги остин (сари остин, ки ба остин дӯхта ё часпонда шуда бошад).
[6] *Путин* — ботинка.

Дастмолатро махсус муаттар созам,
На бадон бояд ту хушк кунӣ орази тар.

Тару хушкат кунам он сон, ки фаромуш кунӣ,
Он шафаққатҳо, к-аз модар дидию падар.

Шаб агар бинам, к-аз болиш афтода сарат,
Сина пеш орам, то такья диҳӣ бар вай сар.

Нафас оҳиста кашам, дида ба ҳам нагзорам,
То ту бар синаам оромӣ шаб то ба саҳар.

В-ар дилам хост, ки як бӯса ба муи ту занам,
Ончунон нарм занам, к-ат нашавад ҳеҷ хабар.

Шаб бипӯшонам рӯи ту чу як кадбону,
Субҳ барчинам ҷои ту чу як хидматгар.

Чашм аз хоб чу бикшудӣ, пеши ту ниҳам
Синии нону паниру караву ширу шакар.

Шонаву оинаву ҳавлаву собуни гулоб,
Ҷумла бо сини дигар ниҳамат дар маҳзар.

Об резам, ки бишӯӣ рухи ҳамчун қамарат,
Он ки ношуста барад оби рухи Шамсу Қамар.

Худ занам шона сари зулфи дилорои туро
Нарму ҳамвор, ки як мӯ накунад шона ҳадар.

Бистари хоби ман ар тӯдаи хокистар буд,
Аз паи хоби ту омода кунам тахти фанар [1].

---

[1] *Тахти фанар* — тахти хоби, тахти хобии пружинадор.

Сандалиҳои туро низ фанардор кунам,
Сандалиҳои фанардор бувад роҳаттар.

Орам аз баҳри ту машшоқу муаллим, лекин
Дарси машқатро худ гирам дар таҳти назар.

Саъи устод ба кори ту на чун саъи ман аст,
Доя ҳар қадр бувад хуб, нагардад модар.

Ҳар қадар хаста кунад машғалаи рӯз маро,
Шаб зи таълими ту ғафлат накунам ҳеҷ қадар.

Чашм бар ҳам назанам, гарчи маро хоб ояд,
То ту дарси худ покиза намоӣ аз бар.

Сад ғалат дошта боши, ҳамаро мегӯям,
Гар ба як бор нафаҳмидӣ, даҳ бори дигар.

Аз китобу қаламу қайчию чоқую давот,
Ҳар чӣ дорам, ба ту хоҳам дод, эй шӯх писар.

Ҳафтае як шаб аз баҳри нишоти дили ту,
Тору сантур [1] фароҳам кунаму ромишгар.

Ҷумъаҳо пул дурушка [2] диҳамат, то биравӣ,
Гаҳ Маиния, гоҳе Шумрон, гаҳ қасри Қаҷар.

В-ар кунӣ гоҳе дар кӯҳу камар қасди шикор,
Аз пасу пеши ту биштобам дар кӯҳу камар.

Ҳам аниси шаби ман бошию ҳам мӯниси рӯз,
Ҳам рафиқи сафарам гардиву ҳам ёри ҳузар.[3]

---

[1] *Сантур* — як навъ чанг, ки бо нохун менавозанд.
[2] *Дурушка* — калимаи русӣ (дрожка) фойтун.
[3] *Ҳузар* — ҳузур.

Шаб, ки аз дарс шудӣ хаставу аз машқ касал,
Нақл гӯям ба ту аз рӯи тавориху сияр.[1]

Қиссаҳо баҳри ту хонам, ки бараш ҳеҷ бувад,
Ба Алӣ қиссаи Усмону Абубакру Умар.

Як-ду соле, ки шавӣ меҳмон дар хонаи ман,
Марди оростае гардию бо фазлу ҳунар.

Арабихону забондон шавию таърихӣ,
Соҳиби баҳра зи фиқҳу зи ҳадису зи хабар.

Хат нависӣ, ки агар бинад амируликтоб,
Кунад икрор, ки бинвиштаӣ аз вай беҳтар.

Шеър гӯӣ, ки агар бишнавад оқои малик[2]
Офарин гӯяд бар шоиру шоирпарвар.

Дохили хидмати давлат кунамат чанде баъд,
Ой аз ҷумлаи аъзои давоир ба шумар.

Ибтидо гардӣ сабботу[3] сипас оршивист[4],
Баъд муншӣ шавию баъд раиси дафтар.

Гар худо хост раисулвузаро низ шавӣ,
Ман чунин дидаам андар нафаси хеш самар.

Он чӣ дар кори ту аз дасти ман ояд, ин аст,
Беш аз ин орзуе дар дили ту ҳаст магар?

---

[1] *Сияр* — ҷамъи сират.
[2] *Оқои Малик* — ишора ба Маликушшуаро Баҳор.
[3] *Саббот* — ба рӯйхатгиранда, қайдкунанда.
[4] *Оршив* — архив.

## БЕ ДОҒ НЕСТ ЛОЛАИ БОҒИ БАШАР ҲАМЕ

Сахт аст агарчи марги падар бар писар ҳаме
Ҳон, эй писар, махӯр ғам аз ин бештар ҳаме.

Дар рӯзгор ҳар писаре бепадар шавад,
Танҳо ту нестӣ, ки шудӣ бепадар ҳаме.

Искандари кабир, ки мерафт аз ҷаҳон,
Гуфт ин сухан ба модари хунинҷигар ҳаме.

К-«аз баъди ман азое агар мекунӣ ба по,
Тавре бикун, ки бод писандидатар ҳаме.

Танҳо магирӣ, иддае аз дустон бихоҳ,
К-оянду бо ту гирья намоянд сар ҳаме.

Лекин чӣ иддае, ки набошанд доғдор,
З-он пештар ба марги касони дигар ҳаме.

Бо иддае ба гирья дарой, ки пеш аз ин
Нанмуда марг аз дари эшон гузар ҳаме.

Зеро ки доғдида бигирьяд барои хеш
В-онгаҳ туро гузорад миннат ба сар ҳаме.

Гар гирьяе кунанд, кунанд аз барои ман,
Марги касе набошадашон дар назар ҳаме».

Чун хост модараш ба васият кунад амал,
Бо иддае шавад ба азо навҳагар ҳаме.

Як тан, ки доғдида набошад, наёфтанд,
Биштофтанд, агарчи ба ҳар кӯю дар ҳаме.

Ин гуфт: «Духтарам саризо рафта пеш аз он [1]»,
Он гуфт: «Мурда шавҳарам андар сафар ҳаме».

Он дигаре суруд, ки: «— Аз ҳашт моҳ қабл,
Дорам зи фавти модари худ дида тар ҳаме».

Он як баён намуд, ки: «Аз панҷ сол пеш,
Марги падар намуда маро дар ба дар ҳаме».

Алқисса, марг чун ҳама касро газида буд,
Ҳозир нашуд ба маҳзари ӯ як нафар ҳаме.

Чун модари Сикандар аз ин гуна дид ҳол,
Донист сирри гуфтаи он номвар ҳаме.

Яъне бубин, ки ҳеҷ кас аз марг ҷон набурд,
Дигар макун ту гирья барои писар хаме.

Бар ҳар, ки бингарӣ, ба ҳамин дард мубталост,
Бедоғ нест лолаи боғи башар ҳаме.

Сахтӣ чу биссавия [2] бувад саҳл мешавад,
Чун ом шуд, балия шавад кам-асар ҳаме.

---

[1] Яъне дар вақти зоидан вафот кардааст.
[2] *Биссавия* — мусовӣ, баробар.

Боре, азизи ман, ҳама хоҳем мурду рафт,
Зорӣ макун, ки ҳеҷ надорад самар ҳаме.

Як мурда сар зи хок намеоварад бурун,
Сад сол агар ту хок бирезӣ ба сар ҳаме.

Гуфтанд, зулф кандию бар хок рехтӣ,
Бар хок рехтаст касе мушки тар ҳаме?

Бар моли ғайр дасти тасарруф макун дароз,
Худро макун ба зулму тааддӣ самар[1] ҳаме.

Он турра ҷойгоҳи дили аҳли دониш аст,
Бо ин гурӯҳ ҷавр марон ин қадар ҳаме.

Ин ошьёни мурғи дили бенавои мост,
Эй боғбон, махоҳаш зеру забар ҳаме.

Он турраро ду соҳиби дигар ба ғайри туст,
Моли ман асту моли насими саҳар ҳаме.

Гар рафт бар сафар падарат, шукр кун, ки ҳаст,
Он модари сутудаат андар ҳазар ҳаме.

Дорӣ зи худ чаҳор бародар бузургтар,
Ҳар як ба ҷои хеш чу як шери нар ҳаме.

Баркан либоси мотаму афсурдагӣ зи бар,
Кун ҷомаи шаҳомату[2] иззат ба бар ҳаме.

---

[1] *Самар* — ба ҳама машҳур, ба ҳама маълум.
[2] *Шаҳомат* — диловарӣ, далерӣ, ҷасурӣ, шуҷоат.

Аз ҳар хаёли беҳуда худро канора гир,
Машғул шав ба касбу камоли ҳунар ҳаме.

Як рӯз дарсу машқ макун тарк зинҳор,
Мапсанд вақти қимати худро ҳадар[1] ҳаме.

Як рӯз агар зи дарс гурезӣ, ба ҷони ту,
Бигрезам аз ту ҳамчу лаим аз зарар ҳаме.

В-ар панди ман ба самъи[2] итоат кунӣ қабул,
Дил бандамат чу муфлиси безар ба зар ҳаме.

Бо модарат ба рифъату[3] тоат сулук[4] кун,
Бо хоҳарат биҷӯш чу ширу шакар ҳаме.

Парҳез кун зи мардуми беору камиёр,
Ҳамсар бишав ба мардуми некӯсияр ҳаме.

Бо он қадам зи хона бурун неҳ, агар ниҳӣ,
К-ат бар тариқи ақл шавад роҳбар ҳаме.

Бош аз барои дидан бадбин ба ҷои тир,
Шав аз барои ҳифзи шарофат сипар ҳаме.

Дар табъи сода хун бадон ончунин равад,
К-андар миёни пунба бияфтад шарар ҳаме.

Қадри маро бидон, ки чу ман ҳам ба рӯзгор
Як ошиқи дуруст набинӣ дигар ҳаме.

---

[1] *Ҳадар* — беҳуда, барабас, бефоида аз даст додан.
[2] *Самъ* — гӯш.
[3] *Рифъат* — эҳтиром, қадр.
[4] *Сулук* — муомила.

## ҲИҶОБ

Ниқоб дораду дилро ба ҷилва об кунад,
Наузабиллаҳ, агар ҷилва бениқоб кунад.

Фақеҳи[1] шаҳр ба рафъи ҳиҷоб моил нест,
Чаро ки ҳар чӣ кунад ҳила, дар ҳиҷоб кунад.

Чу нест зоҳири Қуръон ба вафқи[2] хоҳиши ӯ,
Равад ба ботину тафсири носавоб кунад.

Аз ӯ далел набояд савол кард, ки гург
Ба ҳар далел ки шуд, барраро муҷоб[3] кунад.

Қас ин муаммо пурсиду ман надонистам,
Ҳар он ки ҳал кунад, инро ба ман савоб кунад.

Ба ғайри миллати Эрон, кадом ҷонавар аст,
Ки ҷуфти худро нодида интихоб кунад?

Куҷост ҳиммати як ҳайъате зи пардагиён,
Ки мардвор зи рух пардаро ҷавоб кунад.

---

[1] *Фақеҳ* — донишманди шариат.
[2] *Вафқ* — мувофиқ.
[3] *Муҷоб* — ҷавобгар.

Никоб бар рухи зан садди боби маърифат аст,
Куҷост дасти ҳақиқат, ки фатҳи боб кунад.

Бале, никоб бувад, к-ин гурӯҳи муфтиро
Ба нисфи мардуми мо моликулрикоб[1] кунад.

Ба зуҳди гурба шабеҳ аст зуҳди ҳазрати шайх,
На балки гурба ташаббеҳ бар он ҷаноб кунад.

Агар зи об каме дасти гурба тар гардад,
Чу шайхи шаҳр зи олоиш иҷтиноб[2] кунад.

Ба эҳтиёт зи худ дасти тар бигирад дур,
Басе таконаду бар хушкиаш шитоб кунад.

Касе, ки ғофил аз ин ҷинс буд, пиндорад,
Ки об панҷаи ҳар гурбаро азоб кунад.

Вале чу чашми ҳарисаш фитад ба моҳии ҳавз,
Зи сина то дум худро даруни об кунад.

Зи ман матарс, ки хонум туро хитоб кунам,
Аз ӯ битарс, ки ҳамшираат хитоб кунад.

Ба ҳайратам: зи кӣ асрори «ҳипнатисм»[3] омӯхт,
Факеҳи шаҳр, ки бедорро ба хоб кунад.

Занони Макка ҳама бениқоб мегарданд,
Бигӯ ба шайх, ки он хонаро хароб кунад.

---

[1] *Рикоб* — ҷамъи рикба, ки маънояш поида доштан, дар камин истода ба даст даровардан аст.

[2] *Иҷтиноб* — парҳез.

[3] *Ҳипнатисм* — гипнотизм.

Ба дасти кас нарасад курси моҳ дар дили шаб,
Агарчи толиби он ҷаҳди беҳисоб кунад.

Ту низ пардаи исмат бипӯшу рух бифурӯз,
Биҳил, ки хомтамаъ ҷони худ кабоб кунад.

Ту парда барфикану ҳамчу маҳ бияфшон нур,
Биҳил, ки шайхи дағо ав-ави кулоб[1] кунад.

Ба эътидол аз ин пардамон раҳой нест,
Магар мусоидате дасти инқилоб кунад.

Зи ҳам бидаррад ин абрҳои тираи шаб,
Висоқу кӯча пур аз моҳу офтоб кунад.

[1] *Кулоб* — ҷамъи калб, ки маъноаш саг аст.

## ЧАНДЕ ГУЗИДА ЁР ЗИ МАН ДУРӢ

Чанде гузида ёр зи ман дурӣ,
Афзуда шӯри бахт маро шӯрӣ.

Чун бубинадам ба хеш фузун муштоқ,
Аз ман фузун кунад бути ман дурӣ.

Оре, муҷарраб[1] аст, ки дар ҳар боб,
Муштоқияст мояи маҳҷӯрӣ[2].

Эй моҳрӯ, ки дар васфи маҳрӯён,
Дорӣ ба даст рояти[3] мансурӣ.

Дар хиргаҳи ҷамоли ту рӯзу шаб,
Оянд меҳру моҳ ба муздурӣ.

Озодиям ба ақл намегунҷад,
То ҳаст турраи туву мақҳурӣ[4].

---

[1] *Муҷарраб* — озмоянда, озмоишкунанда, санҷанда.
[2] *Маҳҷурӣ* — ҷудоӣ.
[3] *Роят* — байрақ.
[4] *Мақҳурӣ* — мағлубӣ, шикастхӯрӣ.

Бечашму рӯ бувад, ки ба худ бандад,
Наргис ба пеши чашми ту махмурӣ.

Бас неш зад ба дидаи ман мижгон,
То ҷӯямат пас аз ҳама маҳҷӯрӣ.

Атбоқи [1] анкабутии чашми ман,
Шуд рахна ҳамчу пардаи занбӯрӣ.

Ман шоири хамидаву дарвешам,
Ту ҷангҷӯй, турки силаҳшӯрӣ.

Бар хешам ар бихонӣ, мамнунам,
Аз пешам ар биронӣ, маъзурӣ.

Ман дида баҳри дидани ту ҳамехоҳам,
З-он аст, агар ҳазар кунам аз кӯрӣ.

Гар нест молу иззату зӯри ман
В-ин нестист иллати манфурӣ.

То бо манӣ ту, ҷумла бувад бо ман,
Ту иззатӣ, ту молию ту зӯрӣ.

Ту садриву ту бадриву ту қадрӣ,
Ту шоҳиву ту моҳиву ту ҳӯрӣ.

---

[1] *Атбоқ* — ин ҷо ба маънои хона, ошиёна омадааст.

Бар хонаи гилинам ту по бигзор,
То бигзарад зи хиргаҳи Темурӣ.

Аз кӯзаи сафоли ман обе нӯш,
То гирад об косаи фағфурӣ.

Гардад зи акси оинаи рӯят
Хишти височам оинаи ғурӣ [1].

Гирам, ки ҳаст кулбаи ман вайрон,
Вайронаро ту бахшӣ маъмурӣ [2].

Биншин, ки то биҳишт шавад хона,
Бо будани ту хубтар аз ҳурӣ.

Дар сода зиндагонии ман мебин,
К-ат равшанӣ бибахшаду масрурӣ [3].

Олудааш набинию чиркинаш,
К-осуда аз авор [4] бувад урӣ [5].

Дар содагӣ нуҳуфта ҳаловатҳост,
З-он бештар, ки дар ҳалоими сурӣ

На кизб андар ӯ, на шора [6], на кин,
На зиллату залолату мағрурӣ.

Мо покбоз булбули қавволем,
Дар мо маҷӯй шаҳвати асфурӣ [7].

---

[1] *Ғӯрӣ* — чойник.
[2] *Маъмурӣ* — ободӣ.
[3] *Масрурӣ* — хурсандӣ, хушвақтӣ.
[4] *Авор* — абр, хароба, вайрона.
[5] *Урӣ* — бараҳнагӣ, лучӣ, урьёнӣ.
[6] *Шора* — салла, аммома, дастори ҳиндӣ.
[7] *Асфур* — гунҷишк.

Осой дар харобаи ман чун ганҷ,
Бар ман бубахш мансаби ганҷурӣ [1].

Пӯшем дар ба рух зи ҳама ағьёр,
Мастӣ кунем аз паси мастурӣ.

Ту ҷӯӣ аз дафотири ман ашъор,
Ман бӯям аз ду орази ту сӯрӣ.

Машғулӣ хаёли туро гӯям
Афсонаҳои қоидаву Ошӯрӣ.

Таърихҳои ҳамчу лабат ширин,
Аз Себрӣ бихонаму манҷурӣ.

В-аз дидаҳои худ ба шабони тор,
Авсофи ишқи пирию ранҷурӣ.

Чун ҳар дуро ба ғоят дорам дӯст,
Ҷони туву адиби нишопурӣ.

Ошиқ туро чун ман нашавад пайдо,
Эй ҳамчу офтоб ба машҳурӣ.

---

[1] *Ганҷурӣ* — хазиначӣ.

## ОШИҚ ШУДАН ОИНИ МАН АСТ

Эй сияҳчашм, чӣ диди ту аз ин дида гуноҳ,
Ки нигоҳат чу кунам, хира кунӣ чашми сиёҳ?

Ҳар касе бо кас дар кӯча шавад рӯй ба рӯ,
Ҳамаро чашм фитад бар рухи ту хоҳ-нахоҳ

Пеши чашми ту гунаҳгор ҳамин чашми ман аст,
Чашмҳои дигаронро набувад ҳеҷ гуноҳ.

Ту ба назмияву мустахдами [1] таъминотӣ,
Гар ҳатогор маро донӣ з-ин гуна гуноҳ,

Ҷалб бар даргаҳи худ кун паи истинтоқам [2],
Баҳри таҳқиқ нигаҳ дор маро дар даргоҳ.

Ҳар ду дастамро бо банди камаршамшерат,
Сахт барбанд, ки аз ғайри ту гардад кӯтоҳ.

Соз таҳти назари худ ду-се маҳ тувқифам [3],
Ҳабси торик кун андар хами он зулфи дутоҳ.

---

[1] *Мустахдам* — ба хидмат қабулкунанда.
[2] *Истинтоқ* — пурсиш, тафтиш, тергав.
[3] *Тувқиф* — ҳабс.

Бар танам пўш аз он ҷома, ки дуздон пўшанд,
Ба гуноҳе, ки чаро кардам дуздида нигоҳ.

Дар радифи ҳама дуздон ду ба ду, чор ба чор,
Паи тасдиҳи[1] хиёбон бару рўбидани роҳ.

Ҳеҷ як лаҳза машав дур зи болои сарам,
То ба сар нагзарад уммеди фирорам ногоҳ.

Шарт бошад, ки зи озодии худ дам назанам,
Гарчи машрутаталаб бошаму озодихоҳ.

Ман гувоҳе нагирифтам, ки туро дорам дўст,
То муфаттиш шунавад қиссаи ишқам зи гувоҳ.

Доғи ишқи ту бувад шоҳид бар ҷабҳаи ман
В-ин чунин доғ набошад дигаронро ба ҷабоҳ

Ман гирифтам, ки туро дар дили худ дорам дўст,
Он кӣ будат, ки зи рози дили ман кард огоҳ?

Хуб ҳис кардӣ, ошиқ шудан оини ман аст,
Ин ба ман ирс расид аз падарам тоби суроҳ.

Беҷиҳат ахм[2] макун, тунд марав, зишт магў,
Ки чу ман бахри ту пайдо нашавад хотирхоҳ.

Баҳри ман кач кунӣ абрў, бирав, эй чашм сафед,
Ваҳ чӣ беҷову ғалат шуд, бирав, эй чашмсиёҳ.

---

[1] *Тасдиҳ* — баробаркунӣ, ҳамворкунӣ (кўча, роҳ, майдон).
[2] *Ахм* — ҷабини гирифта, туршруйӣ.

Ки туро гуфт, ки дар куча саломам накунӣ?
Кӣ туро гуфт, ки бояд наравӣ бо ман роҳ?

Он ки гӯяд: бигурез аз ману бо вай бинишин,
Хоҳад аз чола [1] бурун оию афтӣ дар чоҳ.

Он рафиқи ту туро маслиҳати хеш омӯхт,
Ба худо мебарам аз дасти рафиқи ту паноҳ.

Кист ҷуз ман, ки хӯрад ботинан аз баҳри ту ғам?
Кист ҷуз ман, ки кашад воқиан аз баҳри ту оҳ?

Кист ҷуз ман, ки агар шаҳр пур аз хушгил буд,
Ӯ ҳамон шахси туро хоҳад илло-биллоҳ.

Кист устодтар аз ман ба нигоҳе донад,
Ки чӣ устодӣ дар хилқати ту карда илоҳ?

Кист ҷуз ман, ки занад як маҳи озод қалам
В-оварад пеши ту шаҳрияи [2] худ охири моҳ?

Даври пириро бо меҳнати сахтӣ сипарад,
Ки ту айёми ҷавонӣ гузаронӣ ба рафоҳ? [3]

Филмасал гар сару пои худи ӯ монад лухт,
Кулаҳу кафш харад баҳри ту бо кафшу кулоҳ.

Ба ҳавои ту кунам гардиши боғи миллӣ,
Ба суроғи ту равам мақбараи Нодиршоҳ.

Кӯҳи сангеро дар роҳи ту бар сина занам,
Санг бар сина задан беҳтар аз ин дорад роҳ.

---

[1] *Чола* — чуқур, чуқурӣ, хандақ.
[2] *Шаҳрия* — моҳона.
[3] *Рафоҳ* — хушҳолӣ, хушнудӣ, фаровонӣ.

Хоҳӣ имрӯз ба ман ахм куну хоҳӣ на,
Оқибат рому дилороми манӣ хоҳ-нахоҳ.

Ҳозирам дуккаи полудафурӯшӣ[1] дами арк
Бо ту полуда хӯрам ман, ки нахӯрдам бо шоҳ.

Бо дирашка барамат то Гилихатмӣ ҳар рӯз,
Чӣ кунам нест дар ин шаҳр чуз ин гардишгоҳ.

Гар диҳад раҳ падари донишу садрултуҷҷор,
Бо ту осуда тавон буд шабе дар Навчоҳ.

Бош, бинӣ, ки ту худ сӯи ман ой бо майл.
Гарчи имрӯз ба ман мегузарӣ бо икроҳ[2].

Бош, бинӣ, ки вафои ману ту зоил кард
Масали Вомиқу Узро, ки бувад дар афвоҳ.

Шукри имрӯз бикун, қадри муҳиббон[3] бишнос,
Ман нагӯям, ки дар охир чу шавад во асафоҳ.

Лоҷарам меҳр кунӣ пешаю пеш орӣ чеҳр,
Буса бишмориям аз лутф зи як то панҷоҳ.

Қаҷ марав, лаҷ макун, Эраҷ, бишав оқой кун,
Чокаронатро некӯтар аз ин дор нигоҳ.

Гоҳе аҳволи маро низ бипурс аз дами дар,
Гоҳе аз лутф маро низ бубин дар сари роҳ.

---

[1] *Полуда* — як навъ хӯрдании ширинӣ аст, ки аз шираи меваҳо ва желатин сохта мешавад.
[2] *Икроҳ* — нафрат, кароҳат.
[3] *Муҳиббон* — дӯстон.

На чу ман ошиқе афтад, на чу ту маъшуқе,
Ҳар ду, бешубҳа, надорем шабаҳ аз ашбоҳ.

Гар ба дарьё шавӣ андар дили таҳтулбахрайн,
Ё равӣ дар шиками «зиплан»[1] бар қуллаи моҳ.

В-ар равӣ, дар ҳарами қудс таҳассун[2] ҷӯӣ,
Оқибат моли манӣ, моли ман, иншооллоҳ.

---

[1] *Зиплан* — цепелин, як дастгоҳе, ки ба воситаи газ ба ҳаво меравад.

[2] *Таҳассун* — истеҳком, худмудофиакунӣ.

# ҚИТЪАҲО ВА РУБОИҲО

## ФАРОМӮШ МАКУН

Хусраво, гарчи фаромӯшӣ дар табъи ту нест,
Ин суханҳои диловез фаромӯш макун!

Насби як ҳокими одилро бо суръати том
Ба нигаҳдории Табрез фаромӯш макун!

Ҳолати Форс, ки гардида зи таъсиси пулис,
Оташи фитна дар ӯ тез, фаромӯш макун!

Амри қаззоқ, ки чун амри пулис асту бувад
Оқибат мафсидатомез[1], фаромӯш макун!

Исми ин ҳарду барафган зи ҷанубу зи шимол,
З-охири кор бипарҳез, фаромӯш макун.

Кори нонро, ки бувад фарзу сазад лозимтар.
Аз ҳама кору ҳама чиз фаромӯш макун.

Нолаи бевазанонро зи паи нон ёд ор,
Оҳи пирони саҳархез фаромӯш макун!

Дафъи ин ҷамъ, ки бар ришвахӯрӣ машғуланд,
Ҳар яке дар сари як миз, фаромӯш макун.

[1] *Мафсидат* — мафосид, фиску фасод, бадахлоқӣ.

## САФАРИ ИСФАҲОН

Эй меҳин хоҷа, дар вазорати ту
Халқ яксар хушанду ман ғамгин.

Ду маҳ афзун бувад, ки нанҳодам
Сари бефикру ғусса бар болин.

Байтулэҳзон шудаст хонаи ман,
Бас дар ин хона мардуманд ғамин.

Ман ғанӣ будаму намуд маро
Сафари Исфаҳон чунин мискин.

Хусраву Исфаҳон накӯ дидам,
Хусрав ар он, агар Сифоҳон ин.

Офарин бар равони Шерӯя,
Бод бар дахмаи[1] Шакар нафрин.

Дар шигифтам, ки чун бирафт аз даст,
Он ҳама зебу зевару озин[2].

---

[1] *Дахма* — мақбара, турбат.
[2] *Озин* — асбоби ороиш, зевар.

Чун бар ин рӯзгори худ нигарам,
Дудам аз дил равад ба чархи барин.

Пеш аз инам замона фаррух буд,
Эй хушо он замонаи пешин!

Ҳама асбоби айшам омода,
Хона олию саҳни хона гузин.

Хотирам хуррам аз китобу қалам,
Манзарам тоза аз гулу насрин.

Фаршҳо доштам ҳама зартор,
Меблҳо доштам ҳама заррин.

Нарду шатранҷам аз бадоеъи Ҳинд,
Қаламу коғаз аз саноеъи Чин.

Мизҳо хубу пардаҳо марғуб,
Ҳавзам аз сангу оина сангин.

Дафу най беҳисоб дар толор[1],
Хуми май беадад ба шеби замин.

Арку барбат гузашта аз оҳод[2],
Тору дунбак расида то ашрин[3].

Ҷомаҳои даям хазу санҷоб,
Ҷомҳои маям ҳама симин.

---

[1] *Толор* — хонаи қабулкунӣ, хонаи пазирои.
[2] *Оҳод* — ҷамъи ҳад.
[3] *Ашрин* — бист.

Аспҳо дар тавилаам баста,
Ҳамаро пойбанду рашмаву[1] зин.

Ҳар куҷо аҳли донишу идрок
Шуда дар базми банда садрнишин.

Табхи мозандаронию рашти̅
Суфраамро намуда атрогин.

Нону ангури суфраам ба сафо
Қурси хуршеду хӯшаи Парвин.

Чашм аз хоби ноз накшудам,
Ҷуз ба рӯи буте чу ҳурулин[2].

Алғараз, доштам бисоте хуш,
Шуставу руфта дархури[3] таҳсин.

Сафари Исфаҳон чу пеш омад,
Ба хазон шуд ҳавола фарвардин.

Ҳама барбод рафту ман мондам,
Бо гилиме ба зери фарши гилин.

Ҳар саҳар вомхоҳ бар дари ман
Ба тақозои вом карда камин.

Аз дари хона по бурун наниҳам,
То наку̅ нангарам ясору ямин.

Ходими маҳваше, ки пешам буд,
Пеш бо сад таҷаммулу тамкин,

---

[1] *Рашма* — расани дарози аспбанди̅.
[2] *Ҳурулин* — зебоҷамоли ҷаннат.
[3] *Дархур* — лоиқ, сазовор.

Меҳрубон, дилнавоз, оқодуст,
Хушзабон, хандарӯ, кушодаҷабин,

Ба тақозо накарда лабро боз,
Кардӣ аз бӯса коми ман ширин,

Ҳолиё ҳар саҳар ба ҷои ду зулф,
Пешам афганда бар ду абрӯ чин.

Ман зи васлаш зи безарӣ безор,
Мекунад фақр мардро ғамгин.

Ҳар саҳар зар талаб кунад аз ман,
Ман зи хиҷлат фиганда сар ба замин.

Гӯям, эй шӯх, ғам махӯр чандон,
Бо ман, эй моҳ, бад макун чандин.

Хоҷа чун шарҳи ҳоли ман шунавад,
Зуд таклиф мекунад таъин.

Ҳол, эй хоҷаи муборакфол,
Меҳрхӯ, покдил, муборакдин.

Эй туро рӯю хӯй ҳар ду накӯ,
Эй туро қавлу аҳд ҳар ду матин.

Ман басе дидаам бузургонро,
Кардаам хидмати кеҳину меҳин.

Ту чуноӣ, ки баъди сесад қарн
Ба ту н-ояд дар ин замона қарин.

Ҳиммате кун, ки боз баргардад
Мар-маро он таайюши[1] дерин.

В-ончунон кун, ки баъд аз ин дигар,
Нашавам ҷуз ба миннати ту раҳин.

Ҳам маҳоҳ он, ки баҳри як муддат,
Бубарам сад тааннату[2] таҳҷин[3].

Гаҳ диҳам заҳмати фалонулмулк,
Гаҳ кашам миннати фалонуддин.

Чанд гӯям адибро, ки биё,
Шарҳи ҳолам ба хоҷа кун таббин[4].

Чанд гӯям имод коре кун,
Чанд хонам ба гӯши хар ёсин.

Хостӣ қитъаи тақозой,
Гуфтам ин қитъа ҳамчу дурри самин.

Барнагардам ба хона, то надиҳӣ
Дастхатти ҳукумати Қазвин.

Ту ҳам, эй хоҷа, аз хари шайтон,
Меҳрбонӣ куну биё поин!

То гузаштасту бигзарад ночор,
Бас шаҳуру санин ба халқи замин.

Рӯзгори бақои умри ту бод,
Он чӣ боқист аз шаҳуру санин.

---

[1] *Таайюш* — ишрати ҳаёт, хушвақтона зиндагӣ кардан.
[2] *Тааннат* — азият
[3] *Таҳҷин* — дар ин ҷо ба маънои азоб, уқубат.
[4] *Таббин* — ошкор.

## БА ҶОИ БАНДА БИМОНАНД ДӮСТОН ХУРСАНД

Сутудатабъ, Ваҳидо [1], расид номаи ту,
Шуд аз расиданаш ин ҷони нотавон хурсанд.

Зи гуфтаҳои ту дар васфи хеш хурсандам,
Чунон ки аз карами абр бӯстон хурсанд.

На ман ба танҳо хурсанд аз он шудам, ки шавад,
Барои ҳар кӣ фиристанд армуғон [2] хурсанд,

Ахулфазоилу уммулмакоримӣ в-аз ту,
Дили Абулфараҷу ибни Хуллакон хурсанд.

Замона фурсати ин ҳарфҳо ба мо надиҳад,
Ғамин мабош, агар нестӣ ба ҷон хурсанд.

Ба ҳар кӣ дарнигарӣ, чун ману ту дилтанг аст,
Гумон мабар, ки бувад кас дар ин ҷаҳон хурсанд.

---

[1] Шоир ва адиби номӣ Ваҳиди Дастгардӣ.
[2] *Армуғон* — тӯхфа.

Агар зи дарди дили банда бохабар бошӣ,
Шавӣ зи дарди дили хеш, бегумон, хурсанд.

Ман аз равони худ озурдаам, вале мардум
Аз ин ки ҳаст фалон шеъри ман равон, хурсанд.

Чунон ки дар ғами ҷонкандан аст марди салиб [1]
Ба назра ҷамъе дар пойдори он хурсанд.

Тамом беҳунаронанд ҳалқи давраи мо,
Куҷо шавад ду ҳунарвар дар он миён хурсанд?

Зи заъфи аҳли дил арбоби мулк хурсанданд,
Чунон ки роҳзан аз заъфи корвон хурсанд.

Ман ар малул гузаштам зи дӯстон, саҳл аст,
Ба ҷои банда бимонанд дӯстон хурсанд.

---

[1] *Салиб* — оне, ки ба дор кашида мешавад, марди Исавӣ мазҳаб.

## ҶАЗБАИ ШЕРОЗИЁН

Ҳазрати Шӯрида, устоди сухансанҷ,
Он ки ҳама чиз беҳтар аз ҳама донад.

Боди сабо гар гузар ба Форс намояд,
Шеъри маро аз лаҳози[1] ӯ гузаронад.

Банда надонам, ки дар куҷо равам охир,
Ҷазбаи шерозиён маро бикашонад.

Маскани Шӯрида асту мадфани Саъдӣ,
Шаҳри дигар ҳамсарӣ ба ӯ натавонад.

Бозам аз ин ҷойгоҳи нағзи дилафрӯз
То ба куҷо дасти рӯзгор биронад.

Меравам, он ҷо, ки рӯзгор бихоҳад,
Мекашам, он ҷо, ки осмон бикашонад.

Банда ҳамин қадр шокирам, ки ба Шероз,
Ҳар кӣ шабе дилбаре ба бар бинишонад?

---

1 *Лаҳоз* — дар ин ҷо ба маънои назар.

Чун шаръи набӣ[1] аз ин ҳагар ҷаст,
Рафтанду ба хона орамиданд.

Ғафлат шуда буда халқи «ваҳшӣ»
Чун шери даранда меҷаҳиданд.

Бепеча зани кушодарӯро
Почини[2] афоф[3] медариданд.

Лабҳои қашанги хушгилашро
Монанди набот мемакиданд.

Билҷумла[4] тамоми мардуми шаҳр
Дар баҳри гуноҳ метапиданд.

Дарҳои биҳишт баста мешуд,
Мардум ҳама меҷаҳаннамиданд[5].

Мегашт қиёмат ошкоро,
Якбора ба сур[6] медамиданд.

Ин аст, ки пеши холиқу халқ
Туллоби[7] улум рӯсафеданд.

Бо ин уламо ҳанӯз мардум
Аз равнақи мулк ноумеданд!

---

[1] *Набӣ* — пайғамбари ислом.
[2] *Почин* — либоси зерини занон.
[3] *Афоф* — номус, иффат.
[4] *Билҷумла* — боре.
[5] *Меҷаҳаннамиданд* — ба ҷаҳҳанам мерафтанд.
[6] *Сур* — сури Исрофил.
[7] *Туллоб* — талабаҳо.

## УМРАШ ДАРОЗ БОД

Фармонравои шарқ, ки умраш дароз бод,
Мехост заҳмати мани дарвеш кам кунад.

Аз пирию пиёдагию роҳҳои дур
Фарсуда диду хост, ки осудаам кунад.

Аспе карам намуд, ки аз рам ба хотирам
Андӯҳ рӯи андӯҳу ғам рӯи ғам кунад.

Аспе карам намуд, ки чун гардамаш савор,
Сад рам ба ҷои як рам, дар ҳар қадам кунад.

Аспе, ки ҳар кӣ хост савораш шавад, нахуст
Бояд қалам гирифта васоё рақам кунад.

Гар филмасал ба дидани аҳбоб меравад,
Аввал видоъ бо ҳама аҳлу хадам кунад.

Гар гоҳ-гоҳ аспи касон мекунанд рам,
Ин асп рам қадам ба қадам дам ба дам кунад.

Бошад дирам азиз, валекин савори ӯ
Чун лафзи рам дар ӯст, ҳарос аз дирам кунад.

Гуӣ, ки ҷин намуда дар андоми ӯ хулул
Бечора аз қиёфаи худ низ рам кунад.

Бар тахтасанге ар гузарад дар канори роҳ,
Бод афтадаш ба бинию лабҳо варам кунад.

Созад ду гӯш тезу ду чашм оварад ба рақс,
Ҳай аз димоғу сина бурун боду дам кунад.

Гуӣ магар, ки санги палангест тез чанг,
Қ-аш панҷа бедаранг фурӯ дар шикам кунад.

Як по равад ба пешу ду по меравад ба пас,
Як заръ[2] роҳро ду-се навбат қадам кунад.

В-ар ҳай кунӣ ба хашм ду дасту ду пои хеш,
Инро сутун намояду онро алам кунад.

Гуӣ ки шиква мекунад аз ман ба кирдигор,
Қ-ин бадсавор бар мани бадзин ситам кунад.

Раққосвор чарх занад бар сари дуцой,
Гоҳе бағал бидуздаду гаҳ шона хам кунад.

В-ар зарбате занӣ, ки ниҳад даст бар замин,
Фавран бино ба ҷуфту лагад пушти ҳам кунад.

Гар филмасал чанори калоне ба дашт буд,
Бо соқу сум чанори калонро қалам кунад.

Аз бас инони ӯро бояд кашид сахт,
Чашми саворро зи тааб пур зи нам кунад.

---

[1] *Хулул* — ҳуҷум.
[2] *Як заръ* — як метру 7 см аст.

Аз саркашӣ урук бар андоми рокибаш [1],
Сахту ситабру [2] сурх чу шохи бакам [3] кунад.

Ногуфта нагзарем, ки ин аспи хушхисол
Танҳо на гоҳгир [4] бувад, сурфа ҳам кунад.

Дар рӯи зин ба ракс дарорад саворро
З-он сурфаҳои сахт, ки бо зеру бам кунад.

Рӯзе ду тухми мурғ кунам дар гулӯи ӯ,
То сина мултаҳам шаваду сурфа кам кунад.

Гӯянд филфилаш бигузорам ба зери дум,
Гар орзӯ кунам, ки думи худ алам кунад.

Ҳар чанд бо савобики хидмат аз ин ҳакир,
Мамдуҳ нест, додаи мамдуҳ зам кунад.

Окил касе бувад, ки ба ӯ ҳар чӣ медиҳанд,
Лову ниъам [5] нагӯяду шукри неъам [6] кунад.

Лекин маро чӣ чора, ки ин аспи гоҳгир
Тарсам, равонаам ба диёри адам кунад.

Ман фикри хеш нестам, андеша з-он кунам
К-ӯ хоҷаро ба куштани ман муттаҳам кунад.

---

1 *Рокиб* — савор.
2 *Ситабр* — фарбеҳ, танумaнд, ғафс.
3 *Бакам* — чӯбе, ки аз ӯ ранги сурх созанд.
4 *Гоҳгир* — сутури ғофилгиранда.
5 *Ниъам* — ҳа, ҳо, бале, оре.
6 *Неъам* — неъмат.

Саммаст[1] бар вуҷуди ман ин аспу зудтар
Бояд худойгони аҷал дафъи сам кунад.

Ё аспро бигираду бахшад ба дигаре,
Он гаҳ яке, ки рам нанамояд, карам кунад.

Ё гар атия[2] боз нагирад худойгон,
Як аспи хоса низ ба ин асп зам кунад.

---

[1] *Сам* — заҳр.
[2] *Атия* — атоъҳо, бахшиш, ҳадья, эҳсон.

## ВАФО

Вафо дар гулрухон атр аст дар гул,
Ман инро хондаам вақте ба дафтар.

Вафои гулрухону атри гулҳо
Ба лутфу хосият ҳастанд ҳамбар.

Гули сурх андарин бӯстон зиёд аст,
Яке беатру он дигар муаттар.

Гули сурхе, ки танҳо ранг дорад,
Набошад бо гули хушбӯ баробар.

Назарбозӣ кунӣ бо ӯ ту аз дур,
Ки дар ӯ нест чизе, ғайри манзар.

Агар он манзари зебо аз ӯ рафт,
Аз ӯ рафтаст, ҳар пероя[1] фар[2].

Шавад ё тӯъмаи чорӯби деҳқон
Ваё бозичаи боди ситамгар.

---

[1] *Пероя* — ороиш, зинат, зеб.
[2] *Фар* — дурахшонӣ, тобиш, чило, зебой.

Ба ҳар сурат чу шуд пажмурда имрӯз,
Фаромӯшаш кунӣ то рӯзи дигар.

Вале он гул, ки рангу бӯй дорад,
Чу рангаш рафт, аз бӯяш хӯрӣ бар.

«Гулобе» монад аз ӯ роҳатафзо,
«Асосе» зояд аз он рӯҳпарвар.

Пас аз рафтан ҳам ӯро мекунӣ ёд,
Чу атрашро занӣ бар синаю сар.

Ба ёд орӣ ки он вақте гуле буд,
В-аз ӯ рӯи чаман пурзебу зевар.

Гули рӯи нигори бовафо ҳам
Агар пажмурда шуд аз даври ахтар,

Вафои ӯ, ки бошад ҷои атраш,
Шавад дар сафҳаи қалбат мусаввар.

Чу ёди меҳрубониҳояш афтӣ,
Занад меҳри нахустин аз дилат сар.

Ба ҳар чашме к-аз аввал дида будӣ,
Ба он чашмаш бубинӣ то ба охар.

## ДӮСТДОРИ ЭРОН –
## ҚУЛУНИЛ МУҲАММАДТАҚИХОН

Дилам ба ҳоли ту, эй дӯстдори Эрон, сӯхт [1],
Ки чун ту шери нареро дар ин куном [2] кунанд.

Тамоми халқи Хуросон ба ҳайратанд дучор,
Ки ин муқотилаи бо туро чӣ ном кунанд?

Ба чашми мардуми ин мамлакат набошад об,
Вагарна гирья бароят аладдавом кунанд.

Мухолифини ту сармасти бодаи гулранг,
Мувофиқини ту хуни ҷигар ба ком кунанд.

Низоми мо фақат аз ҳиммати ту доир буд,
Биё, бубин, ки чӣ баъди ту бо низом кунанд?

Расид навбати он, к-аз барои хунхоҳӣ
Тамоми иддаи «жандармарӣ» қиём кунанд.

Дурӯғу рост ҳама муттаҳам шуданд ба ҷубн,
Ба ҳар васила зи худ дафъи иттиҳом [3] кунанд.

---

[1] Дар шаҳодати Қулунил Муҳаммадтақихони писён фармондеҳи жандармерии Хуросон сурудаст.
[2] Ҷойгоҳи шер.
[3] *Иттиҳом* — гунаҳгоркунӣ, айбдоркунӣ, айбнома.

Мароми ту ҳама озодию адолат буд,
Пас аз ту худ ҳама тарвиҷи[1] ин маром кунанд.

Қасон, ки орзуи иззати Ватан доранд,
Пас аз шаҳодати ту орзуи хом кунанд.

Ба ҷисми ҳайати жандармарӣ равоне нест
В-агарна ҷунбише аз баҳри интиқом кунанд.

Туро саломат аз он дашти кин наёварданд,
Кунун ба мадфани ту рафтаву салом кунанд.

Пас аз ту, худ ба сари мизҳои меҳмонӣ,
Паи саломати ҳам-истикоки[2] ҷом кунанд.

Пас аз ту бар сари он аспҳо савор шаванд,
Арӯсвор дар ин кӯчаҳо хиром кунанд.

Сабилҳоро то зери чашм тоб диҳанд,
Ба қадду қомати худ ифтихори том кунанд.

Худо нахост, ки ин мамлакат шавад обод,
Ватанпарастон беӯхда эҳтимом кунанд.

Аз ин сипас ҳама мардони мамлакат бояд
Барои зодани шабҳи ту фикри мом кунанд.

Сазад, ки ҳар чӣ ба ҳар ҷо ватанпараст бувад
Пас аз ту то ба абад ҷома мушкфом кунанд.

---

[1] *Тарвиҷ* — паҳнкунӣ.
[2] *Истикок* — алоқа, муносибат.

## БА САРИ БУРИДАИ КУЛУНИЛ МУҲАММАДТАҚИХОН

Ба эҳтиром ба ин сар назар кунед, эй халқ,
Қи беҳаёт, вале дар ҳаёти ҷовид аст.

Бадал ба ин сари бетан шавад ду рӯзи дигар
Нишони байраҷи Эрон, ки шеру Хуршед аст.

## ТАОРУФҲОИ ПУЧ

Ёраб, ин одат чӣ мебошад, ки аҳли мулки мо
Гоҳи берун рафтан аз маҷлис зи дар рам мекунанд.

Ҷумла биншинанд бо ҳам хубу бархезанд хуш,
Чун ба пеши дар расанд, аз якдигар рам мекунанд.

Ҳамчунон дар мавқеъи ворид шудан бар маҷлисе
Гаҳ зи пеши рӯ, гаҳе аз пушти сар рам мекунанд.

Дар дами дар ин яке бар чап равад, он як ба рост,
Аз ду ҷониб дӯхта бар дар назар, рам мекунанд.

Бар забон оранд бисмиллоҳ-бисмиллоҳро,
Гӯиё ҷин дида ё аз ҷонавар рам мекунанд.

Ин ки вақти рафтуомад буд, аммо ин гурӯҳ
Дар нишастан низ як навъи дигар рам мекунанд.

Ин яке чун менишинад, он як аз ҷо меҷаҳад,
То ду навбат — гоҳ кам, гаҳ бештар рам мекунанд.

Фарзан андар маҷлисе гар даҳ нафар биншастаанд,
Чун яке ворид шавад, ҳардаҳ нафар рам мекунанд.

Гӯй андар сафҳаи маҷлис фанар биншондаанд,
Чун яке по мениҳад, рӯи фанар рам мекунанд.

Номи ин рамро чу нодонон адаб бинҳодаанд,
Бештар аз соҳибони симу зар рам мекунанд.

Гар вазире аз дар ояд, рам мусаллам мешавад,
Дигар он ҷо аҳли маҷлис мӯътабар рам мекунанд.

Ҳеҷ ҳайвоне зи ҷинси худ надорад эҳтироз
В-ин башарҳо аз ҳаюлои[1] башар рам мекунанд.

Аз барои ранҷбар рам мутлақан маъмул нест,
То тавонанд, аз барои ганҷвар рам мекунанд.

---

[1] *Ҳаюло* — намуд, шакл, афт, башара, симо, дидор.

## ТИФЛ БА ҲАНГОМИ ВАЛОДАТ

Донӣ, ки чаро тифл ба ҳангоми валодат
Бо гирьяю бо нолаю бо оҳу фиғон аст?

Бо он, ки бурун омада аз маҳбаси торик
В-имрӯз дар ин арсаи пурнури ҷаҳон аст,

Бо ин, ки дар он ҷо ҳама хун буда хӯрокаш
В-ин ҷо шакараш бар лабу шираш ба даҳон аст.

Донад, ки дар ин нашъа чиҳо бар сараш ояд,
Бечора аз он лаҳзаи аввал нигарон аст.

## ДАР ҶАВОБИ ШАРҲЕ, КИ БА ИМЗОИ МИМИ СИПОСӢ ДАР ҶАРИДАИ «ШАФАҚИ СУРХ» ДАРҶ ШУДА БУД

Мими Сипосӣ куҷост, то ки нагӯянд,
Орифи бечора додхоҳ надорад.

Мими Сипосӣ агар қадам ниниҳад пеш,
Ҷими асосӣ дигар паноҳ надорад.

Ҳар ки нагӯяд, ки Ориф одами хубест,
Омии маҳз асту иштибоҳ надорад.

Рӯзи қиёмат шавад ба сурати харчанг,
Ҳар кӣ зи одат адаб нигоҳ надорад.

Оина бошад вуҷуди ҳазрати Ориф,
Ғусса чаро мехӯрӣ, ки оҳ надорад.

Кист дар Эрон, ки ҳар чӣ дорад, аз ӯ нест,
Ёва чӣ гӯӣ, ки молу ҷоҳ надорад.

Ӯ малаке бошад аз малоики аршӣ,
Ҳеҷ малак мартаъу сипоҳ надорад.

Мавлавии ӯ расад зи олами лоҳут,
Ҷома мадар, гар ба сар кулоҳ надорад.

Рав ту шабе дар тиатри ӯ, ки бубинӣ,
Ҳеҷ шаҳе он қадар сипоҳ надорад.

Он ҳама аз баҳри ӯ зананд касон даст
Он ҳама мисзан хусуфи моҳ надорад.

Маҷлиси ҳолаш надидаӣ, ки бубинӣ,
Ҳеҷ кас ин поя дастгоҳ надорад.

Он ҳама ӯро бувад алоқа ба Эрон,
Ҳеҷ ҳашише ба хонақоҳ надорад.

То ки равон дида ашки моми ватанро,
Хандаи ширини қоҳ-қоҳ надорад.

Гоҳ ба гоҳ ар кунад ба рӯи накӯ майл,
Қист, ки ин майл гоҳ-гоҳ надорад?

Орифи мо ҳар чӣ ҳасту нест ҳамин аст,
Ҳеҷ дар ӯ макру васваса роҳ надорад.

Бо ҳама тундию зудранҷию талхӣ
Рабт ба он оби зери коҳ надорад.

Одами беайб, гӯ, ту ҳеҷ шунидӣ,
Боғ, ки гул дораду гиёҳ надорад.

Дар дили ман ҳеҷ ҷуз муҳаббати ӯ нест,
Ҳайф, ки ин муддао гувоҳ надорад.

Оҳ, ки ман раҳ наёфтам ба дили ӯ,
Ман чӣ кунам, ин хароба роҳ надорад.

Ҳар кӣ саоят[1] кунад миёни ману ӯ,
Хӯ, ки бубинам чу ман рафоҳ[2] надорад.

Соию[3] наммом[4] рӯзи хуб набинад,
Чоҳкан осудагӣ зи чоҳ надорад.

Банда агар чанд шеъри ҳазл сурудам,
Ин ҳама алғавсу ё илоҳ надорад.

В-ар ду-се ҷо номи Ориф омада дар шеър,
Воасафо, вомусибатоҳ надорад.

Мардум агар шеърхоҳу шеършиносанд,
Рабт ба ин абди[5] рӯсиёҳ надорад.

Ман чӣ кунам, шеърам аз шифоъ[6] биафтад,
Банда тасаллут, ки бар шифоҳ[7] надорад.

Сели равон оқибат зи сайр бимонад,
Шеъри равон ҳеҷ истгоҳ надорад.

Мими Сипосӣ, қасам ба ҳазрати Аббос,
Банда дар ин моҷаро гуноҳ надорад.

---

[1] *Саоят* — тӯҳмат, бӯҳтон.
[2] *Рафоҳ* — беҳбудӣ, хушӣ, осудагӣ, тинҷӣ.
[3] *Сой* — рашкбар.
[4] *Наммом* — суханчин, ғайбатчӣ, тӯҳматгар.
[5] *Абд* — ғулом.
[6] *Шифоъ* — даво.
[7] *Шифоҳ* — лабҳо.

## ҚИТЪАҲО БА АҲМАДШОҲИ ҚОҶОР

Ваҳ! чӣ хуб омадӣ, сафо кардӣ,
Чӣ аҷаб шуд, ки майли мо кардӣ!

Эй басо орзут мекардам,
Хуб шуд омадӣ, сафо кардӣ!

Офтоб аз кадом самт дамид,
Ки ту имрӯз ёди мо кардӣ?

Аз чӣ дасте саҳар баланд шудӣ [1],
Ки тафаққуд [2] ба бенаво кардӣ?

Қалами по ба ихтиёри ту буд,
Ё зи саҳвулқалам [3] хато кардӣ?

Бевафоӣ магар чӣ айбе дошт,
Ки пушаймон шудӣ, вафо кардӣ?

Шаб магар хоби тозае дидӣ,
Ки саҳар ёди ошно кардӣ?

---

[1] Яъне саҳар аз кадом даст бархостӣ?
[2] *Тафаққуд* — аҳволпурсӣ.
[3] *Саҳвулқалам* — хатои қалам.

Ҳеҷ донӣ, ки андар ин муддат,
Аз фироқат ба мо чиҳо кардӣ?

Даст бардор аз дилам, эй шоҳ,
Ки ту ин мулкро гадо кардӣ.

Бо ту ҳеҷ оштӣ нахоҳам кард,
Бо ҳамон по, ки омадӣ, баргард!

* * *

Фикри шоҳи фитане[1] бояд кард,
Шоҳи мо гандаю гӯлу хириф[2] аст.

Тахту тоҷу ҳамаро бинҳодаст,
Дар ҳутелҳои[3] Ероп мӯътакиф[4] аст.

Нашавад мунсариф[5] аз сайри Фаранг[6],
Ин ҳамон Аҳмади лоянсариф[7] аст.

---

[1] *Фитан* — боҳуш, доно, зирак.
[2] *Хириф* — кару кӯру беҳис.
[3] *Ҳутел* — отель, меҳмонхона.
[4] *Мӯътакиф* — гӯшанишин, узлатгузин.
[5] *Мунсариф* — сарфи назаркунанда, дасткашанда.
[6] *Фаранг* — Европа.
[7] *Лоянсариф* — сарфшаванда.

## ОМАД

Шукр худоро, ки бахти ҳодиям [1] омад,
Ҳодии даргоҳи шайхи ҳодиям [2] омад.

Аз паси саргаштагӣ ба водии ҳайрат,
Ҳодии сарманзили иродиям [3] омад.

Аз паси як умр ранҷ дар талаби ганҷ,
Ҳодии он кони фазли водиям омад.

В-аз рашаҳоти ғамоми [4] фазлу камолаш
Номаи имрӯз баҳри шодиям омад.

Қарда дар он нома аз макориму алтоф,
Дарҷ бадон ҳад, ки худ зиёдиям омад.

Дод бисоти маро бисоти рабеӣ [5],
Гарчи мар-он нома дар ҷамодиям омад.

---

[1] *Ҳодӣ* — раҳнамо.
[2] Эраҷ ин абьётро ба шоир ва рӯҳонӣ Ҳоҷа Шайх ҳодии берҷинди сурудааст.
[3] *Иродӣ* — мансуб ба ирода — нерӯи азм.
[4] *Ғамом* — абр умуман, махсусан абри сафед.
[5] *Рабеъ* — баҳор.

Чарх чу донист бар мурод расидам,
Дӣ паи тамҳиди номуродиям омад.

Қард зи хона маро буруну ба хона
Ҳазрати зи қадри устодиям омад.

Ҳеҷ зи ҳирмони худ шигифт надорам,
К-ин ҳама аз сӯи бахти одиям омад.

Дарки лиқояш ғанимат аст, ки бар чанг
Аз сафари ин хуҷиста водиям омад.

## ОБИ ҲАЁТ

Оби ҳаёт аст падарсӯхта,
Ҳабби набот аст падарсӯхта.

Мӯймиён, тангдаҳон, дилсиёҳ,
Мисли давот аст падарсӯхта.

Менарасад ҷуз ба фурӯмоягон,
Хамсу закот аст падарсӯхта.

Ваҳ чӣ сияҳчардаю ширинлаб аст,
Чун шакалот аст падарсӯхта,

Об шавад, чун ба даҳонаш барӣ,
Тути Ҳирот аст падарсӯхта.

Сахт бувад раҳ ба дилаш ёфтан,
Ҳасни калот аст [1] падарсӯхта.

Бо ҳама норостию баддилӣ,
Хушҳаракот аст падарсухта.

---

[1] *Калот* — истеҳкоме, ки бар қуллаи кӯҳ сохта шуда бошад.

## ШИГИФТИҲОИ ТАБИАТ

Табиат гаҳ шигифтиҳо намояд,
Шигифтӣ бар шигифтиҳо фазояд.

Гаҳе бинӣ, ки андар гулхане зишт,
Ки ҳаст оганда аз хору хасу хишт,

Яке лола дамида сурху дилкаш,
Ки дида гардад аз дидори он хуш.

Гаҳе дар водии пурхору пурсанг
Ба хору санг ҳомил чанд фарсанг,

Биёбӣ иттифоқан чашмаи хурд,
Ки ҷон ёбад, аз ӯ чун ташнае хӯрд.

Гаҳе болои кӯҳи саъбу беоб,
Дар он аз растаниҳо ҷумла ноёб,

Дарахте соягустар раста бинӣ,
Расӣ дар сояаш, роҳат нишинӣ.

Саниъуддавла ҳам дар давраи мо
Яке буд аз шигифтиҳои дунё.

## МОКИЁН

Дар буни як беша мокиёне ҳар рӯз,
Байза ниҳодию бурдӣ онро як курд.

Баски ба ҷо омаду наёфт ба ҷо тухм,
Хотираш аз дастбурди курд биёзурд.

Буд дар он беша подшоҳ яке шер,
Доварӣ аз курд пеши шоҳ ҳамебурд.

Шер бадӯ дод посухе, ки бибояд,
Посухи шоҳонааш ба ҳофиза биспурд.

Гуфт: «Чаро мокиён шудӣ, на шудӣ шер?
То натавонанд халқ тухми туро хӯрд».

## ИН ҲОКИМ

Ин ҳоким беарза ба мо, аҳли Хуросон,
Дарде нафиристоду даво низ набахшид.

Гӯянд, ки аз фарти лаомат [1] ба ҳама умр,
Дар роҳи худо нон ба гадо низ набахшид.

Танҳо на аз ӯ халқи худо хайр надиданд,
Тақсири касеро ба худо низ набахшид.

Розӣ ба абое [2] шудам аз ҳиммати олеш,
Бо ҳимлати олеш або низ набахшид.

---

[1] *Лаомат* — лаимӣ, мумсикӣ.
[2] *Або* — ҷомаи васеъ, ки аз болои ҷомаҳои дигар мепӯшанд.

## КӮБИДАНИ АШҚИЁ

Бишнав, ки латифаи қашангест,
Ин аст ҳақиқат асли маънеш.

Дар «дастан шаҳ Ҳусайн» бингар,
К-он турк кафан фиганда дар пеш.

Хоҳад, ки кашад синону хӯлӣ,
Кубад қамаро ба каллаи хеш.

Он турки дигар зи «синазанҳо»,
Фарьёд кунад зи синаи реш.

К-эй Шумр, ту қотили Ҳусайнӣ,
В-он гоҳ канад зи хештан риш.

Кубидани ашқиё аз ин беҳ?
Доноии маърифат аз ин беш?

* * *

Қист он? Бешуур дарвеше,
Ки ҳамеша ба лаб бувад хомӯш,

Накунад ҳеч гуфтугӯ бо кас,
На ба ҳарфи касе намояд гӯш.

Корҳое кунад сафеҳона,
Хоруқи одату мухолифи ҳуш.

Масалан, дар ҳавои гарми тамӯз
Хирқаи пашм афганад бар дӯш.

Лек дар айни сурати сармо,
Тан бараҳна намояд аз танпӯш.

## ДАР МАЗАММАТИ ШАРОБ

Иблис шабе рафт ба болини ҷавоне,
Ороста бо шакли муҳибе сару барро.

Гуфто, ки — манам маргу агар хоҳӣ зинҳор
Бояд бигузинӣ ту яке зин се хатарро:

«Ё он падари пири худатро бикушӣ зор,
Ё бишканӣ аз хоҳари худ синаю сарро.

Ё худ зи маи ноб бинушӣ ду-се соғар,
То он ки бипӯшам зи ҳалоки ту назарро».

Ларзид аз ин бим ҷавон бар худу ҷо дошт,
Қ-аз марг фитад ларза ба тан зайғами нарро.

Гуфто: — Накунам бо падару хоҳарам ин кор,
Лекин ба май аз хеш кунам дафъи зарарро.

Ҷоме ду-се май хӯрду чу шуд чира зи мастӣ,
Ҳам хоҳари худро заду ҳам кушт падарро.

Эй кош, шавад хушк буни току худованд
З-ин мояи шар ҳифз кунад навъи башарро!

## БИҲИШТ ВА ҶАҲАННАМ

Расул, дид, ки ҷамъе гусастаафсоранд,
Чу хост он ҳамаро рақба[1] дар риқоб[2] кунад.

Биҳишту дӯзахе орост баҳри биму умед,
Ки даъвати ҳама бар манҳаҷи[3] савоб кунад.

Ман аз ҷаҳим натарсам аз он, ки бори худой
На матбахист, ки дар оташам кабоб кунад.

Зи мору ақрабу оташ газандатар дорад,
Худой хоҳад агар бандаро азоб кунад.

Ҷаҳим қаҳри илоҳист, к-андар ин олам
Туро ба хӯи баду феъли бад ақоб кунад.

Ба қадри вусъати фикри ту он ягона ҳаким
Сухан зи дӯзаху фирдавс дар китоб кунад.

---

[1] *Рақба* — гардан, ғулом, чизи касе, ки дигар кас фоида мебарад.
[2] *Риқоб* — ҷамъи рақба, гарданҳо.
[3] *Манҳаҷ* — тарик, дар ин ҷо бар манҳаҷи савоб: яъне бар роҳи рост.

Барои завқи ту шаҳватпарасти Абдулбатн [1],
Ҳадиси меваю ҳурияю шароб кунад.

Аз он намоз, ки худ ҳеч аз он намефаҳмӣ,
Худо чӣ фоидаву баҳра иктисоб кунад?

Тафохуре набувад мар худои оламро,
Ки чун ту аблаҳе ӯро худо ҳисоб кунад.

---

[1] *Абдулбатн* — дар ин ҷо ба маънии шикампараст, пурхӯр.

## ДӮЗАХ

Ба қадри фаҳми ту карданд васф дӯзахро,
Ки мори ҳафтсару ақраби дусар дорад.

Худой хоҳад агар бандаро азоб кунад,
Зи мору ақрабу оташ газандатар дорад.

Азон гурӯҳ чӣ хоҳӣ, ки аз ҳазор нафар
Ақал дувист нафар рузвахони[1] хар дорад.

Дувисти дигар чингиру[2] шоиру раммол[3],
Дувист воиз аз рузвахон батар дорад.

[1] *Рузваҳон* — қиссаи шаҳидони Карбалоро мехондагӣ, дуохон.
[2] *Чингир* — фолбин, чинҳоро ба кор андозанда.
[3] *Раммол* — фолбин.

## МУХОЛИФАТИ МУОҲИДАИ СОЛИ 1907

Гӯянд, ки Инглис бо Рус,
Аҳде бастаст тоза имсол.

Қ-андар политик ҳам дар Эрон,
З-ин пас накунанд ҳеҷ эҳмол.

Афсӯс, ки кофиёни ин мулк
Биншаставу фориғанд аз ин ҳол,

Қ-аз сулҳ миёни гурбаю муш,
Барбод равад дӯкони баққол.

•

## БОЯД ҚАВӢ БУД

Қисса шунидам, ки Булало[1] ба ҳама умр,
Лаҳм[2] нахӯрду завоти[3] лаҳм наёзурд.

Дар маразі мавт бо иҷозаи дастур,
Ходими ӯ «Ҷӯҷабо»[4] ба маҳзари ӯ бурд.

Хоҷа чу он мурғи кушта дид баробар,
Ашки таҳассур зи ҳар ду дида бияфшурд.

Гуфт ба тайр: «Аз чӣ шери шарза нагаштӣ,
То натавонад касат ба хун кушаду хӯрд?

Марг барои заиф амри табиист,
Ҳар қавӣ аввал заиф гашту сипас мурд.

[1] *Абулалои* муаррӣ, шоири номдори араб.
[2] *Лаҳм* — гӯшт.
[3] *Завот* — Дар ин ҷо ба маънои ҷонвар, мавҷудоти зинда.
[4] *Ҷӯҷабо* — мурғшӯрбо.

## ДУЗДИ НАГИРИФТА

Ҳар кас зи хазона бурд чизе,
Гуфтанд мабар, ки ин гуноҳ аст.

Таъқиб намудаву гирифтанд,
Дузди нагирифта подшоҳ аст.

## БЕ ҲОИЛИ[1] ПИРОҲАН

Гӯӣ, ки ту расвоӣ, ман бо ту наёмезам,
Расво ту маро кардӣ пеши ҳама марду зан.

Хоҳам, ки рухат бинам бе воситаи айнак,
Хоҳам, ки сарат гирам бе ҳоили пироҳан.

[1] *Ҳоил* — мамониат, парда.

## ҚИТЪА

Нишаста буд фақеҳе[1] ба садри маҷлиси дарс,
Ба ҷои лафзи ан андар китоби худ ман дид.

Қаламтарошу калам баргирифту ман ан кард,
Сипас ки дошт дар он боб андаке тардид[2].

Яке зи туллоб[3] ин диду гуфт бо дигарон,
Ҷаноби оқо ан кард, ҷумла ан бикунед.

---

[1] *Фақеҳ* — донишманди ислом.
[2] *Тардид* — дудилагӣ, шубҳа.
[3] *Туллоб* — талабагон.

## ВУЗАРО

Вузаро аз чӣ дида менашаванд?
Ростӣ, мардумони диданианд.

Не ғалат гуфтам: ин маидиҳо [1],
Диданӣ на, ҳамон шуниданианд.

То вазиранд, аз касон бибуранд,
Алҳақ, ин нокасон буриданианд.

Дар височанду [2] нестанд дар он,
Собиту маҳв чун шуниданианд.

Аз чӣ дар парда васфашон гӯям?
Баъзе аз пардаҳо дариданианд!

---

[1] *Маидӣ* — биёбонӣ, саҳрои.
[2] *Височ* — хона.

## ТӮТӢ

Маро ҳаст як тӯтӣ андар қафас,
Ки мислаш ба хубӣ надидаст кас.

Сараш сабзранг асту думмаш дароз,
Ба чанголу минқор монанди боз.

Хӯрокаш диҳам аз нахудчиву[1] қанд,
Нахудчиву қанд аст ӯро писанд.

Чунон ҳушьёр асту боҷавҳар аст,
Ки аз аксари баччаҳо хуштар аст.

Зи ту ҳар чӣ бишнид, гирад ба ёд,
Чу шогирди бофаҳм аз устод.

Ҳамин нукта бас бошад аз ҳуши ӯ,
Ки чизе нагардад фаромӯши ӯ.

---

[1] *Нахудчӣ* — нахӯдбирьён

## КУФРОН НЕСТ

Эй меҳинхоҷа, яқин аст, ки дар давраи ту,
Гар шавад ранҷа дили аҳли ҳунар, шоён нест.

Ту ҳунарманд вазирию яқин дар бари ту
Қадри аҳли ҳунару ғайри ҳунар яксон нест.

Бо вазирони дигар фарқи фаровон дорӣ,
Он чӣ бошад ба ту танҳо, ба ҳамаи онон нест.

Ҳафт сайёра дурахшонанд аз чарх, вале,
Ҳеҷ як меҳрсифат нурдеҳу рахшон нест.

Олими панҷ забон, соҳиби хат, молики рабт,
Ҷомеъи ин ҳама авсоф шудан осон нест.

Аввалин воқифи авзоъи сиёсат ба Фаранг,
Дар ҳузури ту ба ҷуз тифли алифбохон нест.

Баски авсофи худовандӣ дар хилқати туст,
Гар худованд бихонанд туро, куфрон нест.

Лувҳашаллоҳ [1], аз он хӯи хушу рӯи накӯ,
Аз ду гавҳар, ки туро дода худо, арзон нест.

[1] *Лувҳашаллоҳ* — офарин, аҳсан.

Гар ба ҳар рӯз дусад вориди содир дорӣ,
Як дил аз тарзи пазироии ту пажмон[1] нест.

Ёд дорӣ, ки маро ваъдаи коре додӣ,
Эй ту он инсон, к-андар гуҳарат нисьён[2] нест.

Ваъдаи марди карим ар набувад хифти[3] вафо,
Ҳамчу раъдест, ки андар ақибаш борон нест.

В-ар вафо гардад, лекин на ба ҳангому ба вақт,
Оби сардест, ки дар мавсими тобистон нест.

Аз паси ин сафари шум маро кори маош
Сахт шуд, аз ту чӣ пинҳон, зи худо пинҳон нест.

Он чӣ дар хона маро буд зи сиёҳу зи сафед,
Рафт бар боду ба ҷуз лутфи туаш товон нест.

То тавонӣ, ту аз ин суфра ба мардум бихӯрон,
К-андар ин хона касе то ба абад меҳмон нест.

Дорам уммед нависӣ ба имодуссултон,
Ҳокими Қазвин ҷуз Эраҷи мадҳатхон нест.

---

1 *Пажмон* — ғамгин, андуҳгин.
2 *Нисьён* — фаромӯшхотирӣ.
3 *Хифт* — халқа, гиреҳ.

## ДАР ДАВЛАТИ ЗАКОУЛМУЛК

Надонам аз чӣ ба ҳар ҷо, ки лафзи «кор» омад,
Радифи онро филфавр лафзи «бор» кунанд.

Барои он, ки чу коре ба дасташон афтод,
Бар он саранд, ки то бори хеш бор кунанд.

Пиёдаҳои сипоҳӣ ба шаҳри мо ҳар як
Ба як карашма ҳама кори сад савор кунанд.

Барои бурдани аспу дурушкаи[1] мардум,
Биё бубин, ки чӣ ҷуфту калак[2] савор кунанд.

Ба ҷои он, ки нишинанду ҳарфи шеър зананд,
Чӣ хуш бувад, ки нишинанду фикри кор кунанд.

Дар ин муҳит, ки боқист номи хоҷаву шайх,
Чӣ гуна аҳли адаб бар ман ифтихор кунанд?

Сухансароиро дар давлати Закоулмулк
Ҳама ба Эраҷи бекора вогузор кунанд.

---

[1] *Дурушка* — калимаи русӣ (дрожка) фойтун.
[2] *Калак* — гупсар.

## АНДАР САХО ЗАРБУЛМАСАЛ

Эй муиззулмулк, эй андар сахо зарбулмасал,
Аз чӣ рӯ шеъру хати моро гирифтӣ сарсарӣ?

Бад накардам ман, ки чунин гавҳари арзандаро
Бо адаб кардам нисори базми чун ту гавҳарӣ.

Шеъру хатти ман бувад он гавҳари сангинбаҳо,
Ки амири мамлакат бошад мар ӯро муштарӣ.

Фахри мирони замона ҳазрати мири Низом,
Он ки бар ӯ фахр дорад донишу донишварӣ.

Гар мураххас мекунӣ андар ҳузури ин амир,
Метавонам то барам ман бо адаб ин доварӣ.

Ман чу бар аспи суханронӣ савор оям, бувад
Ҳамрикобам Фаррухию ҳамиинонам Унсурӣ.

Хатм бар ман гашт шеъру шоирӣ, чунонки шуд
Бар Муҳаммад хотами пайғамбарон пайғамбарӣ.

## ҶАНГ

Ду нафар дузд харе дуздиданд,
Сари тақсим ба ҳам ҷангиданд.

Он ду буданд чу гарми задухӯрд,
Дузди саввӯм харашонро заду бурд.

## ПАРҲОИ ХУРӮС

Эй ҳамсафари азизи ман Маҷд,
Афкори ту хандаоварандаст.

Хоҳӣ ту агар нависӣ ин ҷанг,
Бинвис, чӣ ҷои шеъри бандаст.

Ин панд, ки медиҳам, фаро гир,
Ҳарчанд ки андаке газандаст.

«Дар шеър мапечу дар фанӣ ӯ»[1]
К-ин кор зи корҳои гандаст.

Рав ҳавчию[2] рӯзномачӣ шав,
Ин аст, ки фоидат диҳандаст.

Имрӯз ба ҳар куҷо адибест,
Дар гӯшаи узлате хазандаст.

Ин аст танобӣ эҳтиёҷе,
К-ат бари ҳар касе кашандаст.

---

[1] Ин сатр аз Низомии Ганҷавист.
[2] *Ҳавчӣ* — маѓалбардор, тӯпалангандоз, ғавғочӣ.

Рав таҷрибае зи ҳоли ман гир,
Қ-ин таҷриба мар туро писандаст.

Бинӣ ту, ки шеъри банда имрӯз
Бар табъи ҷаҳониён писандаст.

Ҳар шеър, ки бишнаванд некӯ,
Ҳарчанд ки буи хун диҳандаст,

Чун мухтасару салису хуб аст,
Ё софи сареҳу пӯсткандаст.

Аз фарти муҳаббате, ки доранд,
Гӯянд, ки шеър шеъри рандаст.

Бо ин ҳама ҳеҷ кас напурсад,
Қ-ин мардак мурда ё ки зиндаст.

Duздони хурӯс дигаронанд,
Парҳош бурун зи ҷайби бандаст.

## АШКИ ШАЙХ

Наузабиллаҳ аз он қатраҳои дидаи шайх,
Чӣ хонаҳо, ки аз ин оби кам хароб кунад.

Шунидаам, ки ба дарьёи Ҳинд ҷонаварест,
Ки касби рӯзӣ бо чашми ашкьёб кунад.

Ба соҳил ояду беҳис ба рӯи хок афтад,
Ду дида хира ба рухсори офтоб кунад.

Шавад зи тобиши хур чашми ӯ пур аз қаю ашк,
Барои ҷалби магас дида пурлуоб кунад.

Чу гашт косаи чашмаш пур аз забобу[1] ҳавом[2],
Ба ҳам ниҳад мижаву сар ба зери об кунад.

Ба оби дидаи сӯзандатар зи оташи тез
Тани забобу дили пашшаро кабоб кунад.

Чу ашки ин ҳайвон аст ашки дидаи шайх,
Марав, ки сайди ту чун пашшаву забоб кунад.

---

[1] *Забоб* — магас.
[2] *Ҳавом* — ҷамъи ҳома, ки маънояш ҳашарот аст.

## НОМАИ МАНЗУМ

Ваалайкассалом, мирохӯр,
Соҳиби аспу астару уштур.

Ёди ман кардӣ, офаринат бод!
Ҳама авқот шева инат бод!

Номаи номии туро дидам,
Меҳрубонитро писандидам.

Хуб кардӣ, ки ёди ман кардӣ.
Воқиъан, мардию аҷаб мардӣ.

Хуб кардӣ, ки зери чархи кабуд,
Гар муҳаббат набуд, ҳеҷ набуд.

Ман надонам, ки дев ё малакӣ,
Суратан сабзгуну бонамакӣ.

Он, ки ширин бувад чу қанд, туӣ,
Аввалин шахси Бирҷанд туӣ.

Хоф [1] рафтию боз баргаштӣ,
Гард рафтӣ — дароз баргаштӣ.

---

[1] *Хоф* — тобистон.

Майсанободро фано кардӣ,
Лираву Искинос ҷо кардӣ.

Сардарахтию меваро бурдӣ,
Ҳамаи коҳу бедаро хӯрдӣ.

Хуб кардӣ, ки нӯши ҷонат бод,
Гӯштат боду устухонат бод.

Ҳастам ихлоскеши соҳибҷамъ[1],
Ки ба ҷамъи шумо бувад чун шамъ.

Шамъ гуфтан бар ӯ каме лусаст[2]
К-ӯ шикамганда ҳамчу фонус аст.

Гар бувад чоқ ё бувад борик,
Бандаи он касам, ки бошад нек.

Соҳиби ҷамъ одами хубест,
Одами бериёи маҳбубест.

Баъд аз Исфандиёри рӯинтан,
Ҳаст чашми ҳама ба ӯ равшан.

Эй битобад сабилу созад пуз[3],
Дар кунад пеши ину он қанпӯз[4].

Хон аз он хубҳои даврон аст,
Хубӣ аз чеҳрааш намоён аст.

---

[1] *Соҳибҷамъ* — Муҳаммадхонро соҳибҷамъ мегуфтанд.
[2] *Лус* — хушомадгуй, хуб гап задан.
[3] Худнамоӣ кардан, ҳаракати сохта кардан.
[4] *Қанпӯз ё кампӯз* — мағрурӣ, худписандӣ, ҳавобаландӣ.

Менависӣ ба Машҳад омада буд,
Мухлис ӯро надиду рафт, чӣ суд?

Мисли мисбоҳ[1] холӣ аз иллат,
Қ-аз барои ваколати миллат,

Омад аз Бирҷанду бар Рай рафт,
Ман надидам кай омаду кай рафт?

То қиёмат сиёҳ бошад рӯм,
Қ-аз пазироиаш шудам маҳрум.

Гарчи бо ҷинс шоҳзода будам,
Бандаи шоҳзода Мӯътазидам.

Мухлисам бар раиси назмия,
Ошиқам бар пулиси назмия.

На пулисе, ки каллааш чу кадуст,
Он пулисе, ки мисли барги ҳулӯст[2]

Он пулисе, ки арднонси[3] шаб аст,
На ки дар руз ҳомили ҳатаб[4] аст.

Алғараз ҳамчу он гули зарда,
Дар дили банда сахт ҷо карда.

Гарчи ҳастам аз ӯ каме дилгир,
Арзи ихлос кун зи ман ба Амир[5] .

---

[1] Мисбоуссалтанаи асадӣ.
[2] *Ҳулу* — шафтолу.
[3] *Арднонс* — калимаи франсавӣ аст, офицер ё сарбозе, ки дар хидмати офицери аз худ баландтар бошад.
[4] *Ҳатаб* — ҳезум.
[5] Амири шавкатулмулк.

Ҳазрати Ҳоҷ шайхи ҳодиро,
Бандагӣ арза кун зи ҷониби мо,

Хоҳам аз ман гули суман пошӣ
Бар раиси маорифи кошӣ.

Ҳамчунин бар тамоми оқоён,
Арзи ихлоси бандаро бирасон.

Он, ки табъам равон шудаст чу об,
Иллаташро бигӯяму дарьёб.

Хӯрдаам аз барои дафъи малол
Намаки мева ёздаҳ мисқол.

Чун гирифтаст таб гиребонам,
Лоҷарам мустаидди ҳазьёнам.

Як дуо мекунам зи рӯи сафо,
Ҳама омин кунед, эй руфақо,

То ба дарьёст рафтуомади фулк [1]
Тиз бар риши Эътисомулмулк.

[1] *Фулк* — заврақ, киштӣ.

## Қуч[1]

Чӣ хоҳанд аз ҷони ҳам ин ду қуч,
Ки ҷанганд бо ҳам сари ҳеҷу пуч.

Чаро ташнаи хуни ҳам гаштаанд,
На меросбар, на падар куштаанд.

На ин хӯрда он дигареро алаф,
На он карда обишхӯри ин талаф.

Магар ин ду аз ҷинси ҳам нестанд?
Пас ин сон ба кини ҳам аз чистанд?

Ҷаҳон сулҳ буду сафо сар ба сар,
На буд ар ду барҳамзани бадсияр.

---

1 *Қуч* — гӯсфанди нари калоншох.

## ҲУҶҶАТУЛИСЛОМ

Ҳуҷҷатулислом катак[1] мезанад,
Бар сару мағзат даканак мезанад.

Гар кумакат Рустами дастон бувад,
Ҳам ба туву ҳам ба кумак мезанад.

Чакзани сахте бувад ин паҳлавон,
Мултафиташ бош, ки чак[2] мезанад.

Чун бибарад даст ба сихи кабоб,
Бар ҷигари реш намак мезанад.

Нармак-нармак ба сарангушти хеш,
Димдададак-димдададак мезанад.

Ҳоло дар ҳасрати Абдулазим,
Шайхи даридӯз калак[3] мезанад.

---

[1] *Катак* — хонача.
[2] *Чак* — тарсакӣ, шаппотӣ.
[3] *Калак* — фиреб.

В-он чигари нозукаш аз баҳри бавл
Рӯзӣ сад мартаба лак [1] мезанад.

Иншоаллоҳ ду-се рӯзи дигар,
Хайма аз он ҷо ба дарак мезанад...

---

[1] *Лак* — доғ, лакка.

## РУБОИҲО

### БАРФИ ХУНУК

Омад ба чаман барфи шигарфи хунуке,
Дар савр кӣ дида ҳамчу барфи хунуке?
Ногаҳ зи дили ғунча бурун омад барф,
Чун аз даҳани малеҳ ҳарфи хунуке.

## АЗМИ САФАР

Акнун, ки ҳавои Рай ба сар дораму бас,
Малбус [1] ҳамин пӯст ба бар дораму бас.
З-асбоби сафар, ки ҷумла мардум доранд,
Ман банда ҳамин азми сафар дораму бас.

[1] Яъне пӯшоки пӯшидагӣ ҳамин пӯст дораму халос.

## ДАР ҶИЛАВГИРӢ АЗ ҒАЗАБ

Ҳар вақт, ки дидӣ ғазабат рӯ овард,
Аз як то сад шумора кун, эй сарамард,
Дар зимни шумора ақлат ояд сари ҷой,
Дигар накунӣ он, чӣ намебояд кард.

## РӮЗЕ

Дирӯз чӣ гулҳои ҷаҳонафрӯзе,
Имрӯз чӣ сармои гулистонсӯзе.
Орандаи барду [1] офарининдаи вард [2],
Онро рӯзе писандад, инро рӯзе.

[1] *Бард* — сармо, хунукӣ.
*Вард* — гул.

# МАСНАВИЁТ

## ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНДАШ

Аз моли ҷаҳон зи кӯҳнаву нав
Дорам писаре ба номи Хусрав.

Ҳар чанд, ки синни ӯ чаҳор аст,
Пайдост, ки тифли ҳушьёр аст.

Дар дидаи ман чунин намояд,
Бар дидаи ғайр то чӣ ояд.

Ҳар чанд ки тифл зишт бошад,
Дар чашми падар биҳишт бошад.

Оре, масал аст ин ки Қурно [1],
Дар дидаи модар аст ҳусно [2].

Ҳон, эй писари азизу дилбанд,
Бишнав зи падар насиҳате чанд.

З-ин гуфта саодати ту ҷӯям,
Пас, ёд бигир ҳар чӣ гӯям.

---

[1] *Қурно* — зишт, бадшакл, кӯзапушт.
[2] *Ҳусно* — зебо, хушрӯй.

Мебош ба умри худ саҳархез,
Аз хоби саҳаргаҳон бипарҳез.

Андар нафаси саҳар нишотест,
Қ-онро бо рӯҳ иртиботест[1].

Дарьёб саҳар канори ҷӯро,
Покиза бишӯй дасту рӯро.

Собунат агар бувад муяссар,
Бар шустани дастуру, чӣ беҳтар!

Бо ҳувлаи[2] пок хушк кун рӯй,
Пас, шона бизан ба мӯю абрӯй.

Қун поку тамиз гӯшу гардан,
Қ-ин кор зарурат аст кардан.

То он ки ба паҳлуят нишинад,
Чирку гили гӯши ту набинад.

Дар покии даст кӯш, к-аз даст,
Донанд туро чӣ мартабат ҳаст.

Чиркин магузор бехи дандон,
Қ-он вақти сухан шавад намоён.

Пироҳани хеш кун гузида,
Ҳам шустаю ҳам ӯту кашида.

---

[1] *Иртибот* — алоқа.
[2] *Ҳувла* — сачоқ.

Кун кафшу кулоҳ бо бараш пок,
Неку бисутур[1] зи ҷомаат хок.

Дар оина хешро назар кун,
Покиза либоси худ ба бар кун.

Аз нарму хашан[2] ҳар он чӣ пушӣ,
Бояд, ки ба покиаш бикушӣ.

Гар ҷома гилем ё ки дебост,
Чун поку тамиз буд, зебост.

Чун ғайр ба пеши хеш бинӣ,
Ангушт мабар ба гушу бинӣ.

Дандон бари кас хилол манмой,
Нохун ба сар ину он маперой.

Дар базм чунон даҳан мадаррон,
К-ат қаъри даҳон шавад намоён.

Хамьёза кашид менабояд,
Тавре, ки ба халқ хуш наёяд.

Чун бар сари суфрае нишастӣ,
Зинҳор макун дароздастӣ.

З-он коса бихур, ки пеши даст аст,
Бар косаи дигаре мабар даст.

Деҳ қут зи бешу кам шикамро,
Дарбанд мабош бешу камро.

---

[1] *Бисутур* — аз калимаи сутурдан.
[2] *Хашан* — дағал, дурушт.

Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хидматаш ба ҷон бош.

Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.

Чун ин ду шаванд аз ту хурсанд,
Хурсанд шавад зи ту худованд.

Дар кӯча чу меравӣ ба мактаб,
Маъқул гузар куну муаддаб.

Чун боадабу тамиз бошӣ,
Назди ҳама кас азиз бошӣ.

Дар мадраса сокиту матин шав,
Беҳуда магӯю ёва машнав.

Андар сари дарс гӯш мебош,
Бо ҳушу суханниюш мебош.

Мекӯш, ки ҳар чӣ гӯяд устод,
Гирӣ ҳамаро ба чобукӣ ёд.

Кам гӯю магӯй ҳар чӣ донӣ,
Лаб дӯхта дор, то тавонӣ.

Бас сар, ки фитодаи забон аст,
Бо як нуқати забон зиён аст.

Он қадр равост гуфтани он.
К-ояд зарар аз нуҳуфтани он.

Нодон ба сари забон ниҳад дил,
Дар қалб бувад забони оқил.

Андар васати каломи мардум,
Лаб боз макун ту бар такаллум.

Зинҳор магӯ сухан ба ҷуз рост,
Ҳар чанд туро дар он зарарҳост.

Гуфтори дурӯғро асар нест,
Чизе зи дурӯғ зиштар нест.

То пешаи туст ростгӯӣ,
Ҳаргиз набарӣ сиёҳрӯӣ.

Чун хӯй кунад забон ба дашном,
Он беҳ, ки бурида бод аз ком.

Аз айби касон забон фурӯ банд,
Айбаш ба забони хеш мапсанд.

Зинҳор мадеҳ бадон ба худ роҳ,
К-аз мӯниси бад наузабиллоҳ.

Дар суҳбати сифла [1] чун дароӣ,
Биттабъ [2] ба сифлагӣ гароӣ.

Бо мардуми зишараф даромез,
То табъи ту зишараф шавад низ.

Лаблоби [3] заиф бин, ки чанде,
Печад ба чанори арҷуманде.

---

[1] *Сифла* — одами пасттабиат, нокас.
[2] *Биттабъ* — табиатан, табиӣ.
[3] *Лаблоб* — алафи печак, гиёҳе, ки ба дарахт мепечад.

Дар суҳбати ӯ баланд гардад,
Монанди вай арҷманд гардад.

Дар аҳди шубоб чанд соле,
Қасби ҳунаре куну камоле.

То он ки ба рӯзгори пирӣ,
Дар зиллату масканат намирӣ,

Имрӯз се сол пеш аз ин нест,
Бе илм дигар наметавон зист.

Гар санъату ҳарфае надонӣ,
Заҳмат бибарӣ зи зиндагонӣ.

Аз тиббу табеию риёзӣ,
Қалби ту ба ҳар чӣ ҳаст розӣ.

Як фан биписанду хоси худ кун,
Таҳсил ба ихтисоси худ кун.

Чун хуби кам аз бади фузун беҳ,
Зифан ба ҷаҳон зи зӯфнун беҳ.

Хонам ба ту байте аз Низомӣ,
Он мири суҳанварони номӣ.

«Полонгарии ба ғояти худ
Беҳтар зи кулоҳдӯзии бад».

Он тифл, ки қадри вақт донист,
Донистани қадри худ тавонист.

Ҳар чиз равад зи дасти инсон,
Шояд, ки ба дастояд осон.

Ҷуз вақт, ки пеши кас напояд,
Чун рафт зи каф, ба каф наёяд.

Гар гавҳаре аз кафат бурун тофт,
Дар сояи вақт метавон ёфт.

Гар вақт равад зи дастат арзон,
Бо ҳеҷ гуҳар харид натвон.

Ҳар шаб, ки равӣ ба ҷомаи хоб,
Қун нек тааммул андар ин боб,

Қ-он рӯз ба илми ту чӣ афзуд
В-аз кардаи худ чӣ бурдаӣ суд?

Рӯзе, ки дар он накардаӣ кор,
Он рӯз зи умри хеш машмор!

## САРГУЗАШТ

Ман он соат, ки аз модар бизодам,
Ба доми меҳру чанги маҳ фитодам.

Маро гаштанд меҳру маҳ ду ходим,
Ба навбат рӯзу шаб бар ман мулозим.

Яке момо, яке лолои ман шуд,
Сари зонуи ин ду ҷои ман шуд.

Ба ман гуфтанд, к: «Ин лолову момо,
Куҳан хидматгузоронанд бар мо.

Ниёкони туро ҳам ин ду буданд,
Ки рӯзу шаб парасторӣ намуданд.

Ту ҳам аз ин ду ёбӣ парваришҳо,
Хурӣ аз суфраи инон хӯришҳо».

Гирифтам пеш роҳи зиндагонӣ,
Зи тифлӣ по ниҳодам бар ҷавонӣ.

Зи як то синни сиву чил расидам,
Худӣ оростам — қадде кашидам.

Ба зеварҳо ҳаме кардам музайян
Ҷуруну андаруни хонаи тан.

Лабам аз лаъл шуд, дандон зи луълӯ,
Зи нақди умр ҷайбу ҷайб мамлӯ.[1]

Ду чашм аз ҷазъу[2] ду гуна зи марҷон,
Гуҳарҳои фаровон ҳишта дар ҷон.

Зи анбар мӯй кардам в-аз садаф гӯш,
Зи сими сода огандам баногӯш.

Чу кам-кам соҳиби ин моя гаштам,
Рафиқи духтари ҳамсоя гаштам.

Бинои шаҳвату мастӣ ниҳодам,
Зимоми дил ба дасти нафс додам.

Ду ходим ёфтандам ғофилу маст,
Барои ғоратам гаштанд ҳамдаст.

Чу огаҳ аз даруни байт буданд,
Асосулбайтро[3] як-як рабуданд.

Яке шаб омаду лаъли лабам бурд,
Яке рӯз омаду рахти шабам бурд.

Яке аз нақди умрам кост кам-кам,
Яке аз гавҳари ҷонам дамодам.

---

[1] *Мамлӯ* — пур, лаб ба лаб.
[2] *Ҷазъ* — сангест сиёҳ ва дорои холҳои сафед, муҳраи ямани.
[3] *Асосулбайт* — мебель, асбобу анҷоми хона.

Ду ҷузъи сиву ду лӯълӯ шуд аз ҷанг,
Яке аз шиша шуд, в-он дигар аз санг.

Чӣ гӯям худ чиҳо омад ба рӯзам
Чӣ сон карданд эшон моясӯзам.

Тухӣ шуд хона, холӣ монд дастам,
Ба панҷоҳу се сол инам, ки ҳастам.

На эҳсосоти ман бар ҷо, на афкор,
Ҳамоно сурате ҳастам ба девор.

Супорам навҷавонони Ватанро,
Ки гоҳе бингаранд ин акси манро.

Зи кайди меҳру маҳ ғофил намонанд,
Ҷавониро ба ғафлат нагзаронанд.

## ПИСАРИ БЕҲУНАР

Дошт Аббосқулихон писаре,
Писари беадабу беҳунаре.

Исми ӯ буд Алимардонхон,
Кулфати[1] хона зи дасташ ба амон.

Баски буд он писарак хираю бад,
Ҳама аз ӯ бадашон меомад.

Ҳар чӣ мегуфт лала[2] лаҷ мекард,
Даҳанашро ба лала каҷ мекард.

Ҳар куҷо лонаи гунҷишке буд,
Бачагунҷишк даровардӣ зуд.

Ҳар чӣ медоданд мегуфт кам аст,
Модараш мот, ки ин чӣ шикам аст.

---

[1] *Кулфат* — дар ин ҷо ба маънои канизак, хидматгорзан омадааст.

[2] *Лала* — мураббии хонагӣ.

На падар розӣ аз ӯ, на модар,
На муаллим, на лала, на навкар.

Эй писарҷони ман, ин қисса бихон,
Ту машав мисли Алимардонхон!

## РӮЗУ ШАБ

Ҳоз бартофт ба олам хуршед,
Бар рухи халқи ҷаҳон теғ кашид.

Шуд барафрӯхта қонуни фасод,
Оташи фитна дар офоқ афтод.

Тофт бар хобгаҳи олам нӯр,
Мор ҷунбиду ба ҷӯш омад мӯр.

Рӯи офоқ пур аз валвала шуд,
Роҳату амн зи гетӣ яла шуд.

Шер бархост паи сайди ғизол,
Боз аз саъва намуд истиқбол.

Қаҳбаи бухл ба рух ғоза [1] кашид,
Ғарчаи [2] мафсада ҳамьёза кашид.

Мардумон дар такупӯ афтоданд,
Рӯ ба ҳар барзану кӯ бинҳоданд.

---

[1] *Ғоза* — сурхоб,
[2] *Ғарча* — аҳмақ, нодон.

Гашт беотифатӣ[1] боз шурӯъ,
Ёфт ҳирсу валау[2] ҷаҳл шуюъ[3].

Омад аз хона бурун ширфурӯш,
Кӯзаи шири пур аз об ба дӯш.

Қосиди дузд ба бозор омад,
Толиби музд сари кор омад.

Шуд бурун ҳазрати Шайхулислом,
Ришро баста ҳино аз ҳаммом.

Ширкати худро аз моли ятим,
Шафқате донад бар ҳоли ятим.

Саф кашиданд падарсӯхтаҳо,
Чашм бар мансаби ҳам дӯхтаҳо.

Рӯз обистани ранҷу тааб[4] аст,
Эй хушо, шаб, ки фароғат ба шаб аст!

Ман ҳама душмани рӯзам, ки ба рӯз,
Кунад анвои ҷиноёт бурӯз[5].

Эй хушо, шаб ки пас аз соати панҷ,
Зулм отил шаваду хуспад ранҷ.

Мардум аз шарри ҳам осуда шаванд,
Фориғ аз суҳбати беҳуда шаванд.

---

[1] *Беотифатӣ* — бемеҳрӣ, беҳамдардӣ.
[2] *Валаъ* — ҳирсу оз.
[3] *Шуюъ* — паҳншавӣ.
[4] *Тааб* — азоб, нороҳатӣ, сахт монда шудан, бефара шудан.
[5] *Бурӯз* — ошкоршавӣ.

## МАСНАВИИ ИНҚИЛОБИ АДАБӢ

Эй худо, боз шаби тор омад,
На табибу на парастор омад.

Боз ёд омадам он чашми сиёҳ,
Он сари зулфу баногӯши чу моҳ.

Дардам аз ҳар шаби пеш афзун аст,
Сӯзиши ишқ зи ҳад берун аст.

Тундтар гашта зи ҳар шаб таби ман,
Бадтар аз ҳар шаби ман имшаби ман.

Накунад ёди ман он шӯх дигар,
На ба зӯру на ба зорӣ, на ба зар.

Қори ҳар дарди дигар осон аст,
Оҳ аз ин дард, ки бедармон аст!

Ёраб, он шӯх дигар бор куҷост,
К-имшаб аз ҷони ман оташ бархост.

Боз чашми кӣ бар ӯ афтодаст
Ки дилам дар такупӯ афтодаст?

Ба бисоти кӣ ниҳодаст қадам,
Ки ман имшаб нашикебам як дам?

Бар дилам доим аз ӯ бим омад,
Ҷилгрофот, ки бесим омад.

Соати даҳ шуду ҷонам ба лаб аст,
Охир, эй шӯх, биё нисфи шаб аст.

Гар наёӣ ту, шавам девона,
Ошиқам бар ту, шунидӣ ё на?

Ҳар чӣ гуфтӣ ту, итоат кардам,
Сарфи ҷон базли [1] бизоат кардам.

Ҳақ туро низ чу ман хор кунад,
Ба яке чун ту гирифтор кунад.

Дурию бемазагӣ боз чаро?
Ман, ки мурдам зи фироқат «деҳ биё».

Бикашӣ ҳамчу ман оҳи дигаре,
Бишавӣ чашм ба роҳи дигаре.

То ту ҳам лаззати дурӣ начашӣ,
Даст аз куштани ошиқ накашӣ.

Ин суханҳо ба кӣ мегӯям ман?
Чораи дил зи кӣ меҷӯям ман?

* * *

Доим андешаю ташвиш кунам,
Ки чӣ хоке ба сари хеш кунам.

---

[1] *Базл* — додан, бахшидан.

Як тараф хубии рафтори худам,
Як тараф заҳмати ҳамкори бадам.

Як тараф пирию заъфи басарам,
Як тараф харҷи фаранги писарам.

Доим афганда яке хон дорам,
Зоиру шоиру меҳмон дорам.

Ҳар чӣ омад ба кафам, гум кардам,
Сарфи осоиши мардум кардам.

Баъди сисол қаламфарсой,
Навкарӣ, кисабурӣ, муллоӣ.

Гоҳ ҳоким шудану гоҳ дабир,
Гаҳ надими шаҳу ғаҳ ёри вазир.

Бо сафарҳои паёпай кардан,
Ноқаи роҳати худ пай кардан [1].

Гирди сардории султон рафтан,
«Бала қурбон, бала қурбон» гуфтан.

Гуфтани ин, ки: «малик зилли худост,
Синааш оинаи ғайбнамост».

Муддате хилватии хос шудан,
Ҳамсари лутию раққос шудан.

Мурғи нопухта зи «дурӣ» бурдан,
Руи нон ҳиштану фаврӣ хӯрдан.

---

[1] *Пай кардан* — ба маънии рагу паи поро ба шамшер қатъ кардан, гоҳе ба маънии оҷиз кардан ва берафтор кардан низ ояд.

Сохтан бо кумаку ғайри кумак,
Аз барои руфақо дузу калак [1].

Боз ҳам кисаам аз зар холист,
Қисаам холию ҳиммат олист.

Бо ҳама ҷуфту ҷалову такупӯ,
Дони мо пуш йлниям инсаласу [2].

* * *

На саре дораму на сомоне,
На деҳе, мазраае, дӯконе.

На сару кор ба як бонк марост,
На ба як бонк яке донг [3] марост.

Бигурезад зи ман аз нимаи роҳ
Пул ғул омаду ман бисмиллоҳ.

Ман ба бесиму зарӣ монусам [4],
Лек аз ҷои дигар маъюсам.

* * *

Инқилоби адабӣ хоҳам кард,
Форсиро арабӣ хоҳам кард.

Инқилоби адабӣ маҳкам шуд,
Форсӣ бо арабӣ тавъам шуд.

---

[1] *Дузу калак* — фиребгарӣ, қаллобӣ

[2] Мисраи боло ба франсавӣ гуфта шудааст, тарҷимааш чунин аст: «Дар ҷайбам ҳатто як шоҳӣ пайдо намешавад».

[3] *Донг* — шашьяк, ҳиссаи чизе.

[4] *Монус* — одат кардагӣ, унсгирифта, улфатшуда.

Дари таҷдиду таҷаддуд во шуд,
Адабийёт шаламшӯрбо шуд.

То шуд аз шеър бурун вазну «равӣ»[1],
Ёфт кохи адабиёт навӣ.

Мекунам қофияҳоро пасу пеш,
То шавам нобиғаи[2] давраи хеш.

Қори имрӯзаи ман кори бадест,
Кори инсони қалилулхирадест.

Гилаи ман бувад аз машғалаам,
Бошад аз машғалаи ман гилаам.

Ҳама гӯянд, ки ман устодам,
Дар сухан доди таҷаддуд додам.

Ҳар адибе ба ҷалолат нарасад,
Ҳар харе ҳам ба ваколат нарасад.

Ҳар дабангуз[3], ки волӣ нашавад,
Доми аҷлолаи олӣ нашавад.

Ҳар кӣ як ҳарф бизад содаву рост,
Натавон гуфт: раисулвузарост.

Ту мапиндор, ки ҳар аҳмақу хар,
Муқбилулсалтана гардад охар.

---

[1] *Равӣ* — ҳарфи охири қофия.
[2] *Нобиға* — доҳӣ, пешво.
[3] *Дабангуз* — аҳмақ, аблах.

Қори ин чархи фалак тӯ дар тӯст,
Кас надонад, ки чӣ дар ботини ӯст.

Нақди ин умр, ки бисьёр кам аст,
Ростӣ, бад гузарондан ситам аст.

Ин ҷавонон, ки таҷаддудталабанд,
Ростӣ, душмани илму адабанд.

Шеърро дар назари аҳли адаб,
Сабр бошад ватаду ишқ сабаб.

Шоирӣ табъи равон мехоҳад,
На маонӣ, на баён мехоҳад.

Он, ки пеши ту худои адаб аст,
Нуктачини калимоти араб аст.

Ҳар чӣ мегӯяд, аз онҳо гӯяд,
В-он чӣ меҷӯяд, аз онҳо ҷӯяд.

Як тараф коста шону шарафам,
Як тараф бо ҳама дорад тарафам.

Ман аз ин пеш муовин будам,
На ғалаткор, на хоин будам.

Чокаше [1] омаду маъзулам кард,
Се маҳ овораю бепулам кард.

Чӣ кунам? Марказиён ришвахӯранд,
Ҳамагӣ косабару кисабуранд.

---

[1] *Чокаш* — далла, дайюс.

Баъд гуфтанд, ки ин хуб нашуд,
Лоиқи ходими маҳбуб нашуд.

Пеши худ фикр ба ҳолам карданд,
Инспектор женеролам карданд.

Чанд маҳ рафту «мажарҳол» омад,
Шушам аз омаданаш ҳол омад [1].

Як муовин ҳам аз он каҷкулаҳон
Парвариш дида дар амъои [2] шаҳон

Ҷаста аз бинии давлат берун,
Ки дар ин давра манам Афлотун.

Омад аз роҳу музан [3] бар дил шуд,
Кори аҳли дил аз ӯ мушкил шуд.

Чӣ кунад гар мутафаръин [4] нашавад,
Пас, бигӯ ҳеҷ муовин нашавад.

Алғараз, боз маро кор афзуд,
Ки маро таҷриба афзунтар буд.

Чӣ бигӯям, ки чӣ ҳиммат кардам,
Ба «мажарҳол» чӣ хидмат кардам.

Баъд чун кор ба сомон афтод,
Оҷудон [5] тоза ба кӯрон [6] афтод,

---

[1] Нафас танг шуд.
[2] *Амъо* — рӯдаҳо.
[3] *Музан* — абр, киноя аз ғамоваранда.
[4] *Мутафаръин* — мағрур, ҳавобаланд.
[5] *Оҷудон* — афсаре, ки дар хидмати афсари болотар аз худ бошад.
[6] *Кӯрон* — ҷараён.

Риштаи кор ба даст оварданд,
Дар сафи банда шикаст оварданд.

Дум алам кард муовин, ки манам,
Ман дар атрофи «мажар» муътаманам.

Қор бо ман бувад аз сар то бун,
Банда гуфтам: «ба ҷаҳаннам, ту бикун».

Дод зимнан мажарам дилдорӣ,
Ки ту ҳар кор, ки будат, дорӣ.

Боз шуд машғала тафтиш маро,
Дорад ин масъала дилреш маро,

Қ-ин идора ба ғалат доира шуд,
Чун яке аз шуаби [1] соира шуд.

Андар ин доира як одам нест,
Пурсанал низ ба он мунзам нест.

Шуаби доираи ман кам шуд,
Шер бе ёлу думу ишкам шуд.

* * *

Ман раиси ҳама будам вақте,
Мояи воҳима будам вақте.

Он замон шумр ҷилавдорам буд,
Асбаҳӣ котиби асрорам буд.

---

[1] *Шуаб* — ҷамъи шӯъба.

Рувасо [1] ҷумла мутеам буданд,
Тобеъи амри мунеам [2] буданд.

Ҳолиё гӯш ба арзам накунанд,
Ҷуз яке чун ҳама фарзам накунанд.

Он касоне, ки буданд азнобам [3],
Кор баргашту шуданд арбобам.

Бо ҳуқуқи каму бо харҷи зиёд,
Ҷеғаи ҷӯбиам аз раҳ афтод.

Рӯзу шаб як нафас осуда наям,
Ман дигар, эй руфақо, мурданиям.

* * *

Баски дар левару [4] ҳангоми лата [5]
Дусия [6] кардаму кортан [7], тарта [8]

Баски нат [9] додаму анкат [10] кардам,
Иштибоҳе ба вату [11] нат кардам.

---

[1] *Рувасо* — ҷамъи раис.
[2] *Мунеъ* — олӣ.
[3] *Азноб* — дар ин ҷо ба маънои зердаст.
[4] *Левар* — зимистон.
[5] *Лата* — тобистон.
[6] Парванда, корҳои идоравӣ.
[7] *Кортан* — ҷузвадон.
[8] *Тарта* — ҷо ба ҷо ва мураттаб кардан.
[9] *Нат* — ёддошт.
[10] *Анкат* — расидагӣ, тафтиш.
[11] *Ват* — фармон, ҳукми давлатӣ.

Сӯзан овардаму синҷоқ[1] задам,
Пуназу[2] пунс[3] ба авроқ задам.

Ҳай нишастам ба манаъат паси миз,
Ҳай тапандам ду сияҳ лойшамиз[4].

Ҳай параф[5] ҳиштаму имзо кардам,
Хотири муддаӣ арзо кардам.

Гоҳ бо зангу замоне бо ҳӯ,
Пеш хидмат талабидам ба бурӯ[6].

Ту бимирӣ зи амӯр[7] афтодам,
Аз шару шӯру шуур афтодам.

Чӣ кунам? З-он ҳама шифру нумру[8]
Нест дар даст маро ғайри зурӯ[9].

Ҳай бидеҳ картану бистон ду сия,
Ҳай биёр аз дари дӯкон насия.

* * *

Гар чӣ дар молияам ҳолия ман,
Мутааззӣ шудам аз молия ман.

Ҳайф бошад, ки маро фикри баланд,
Сарф гардад ба хурофоте чанд.

---

[1.2.3] Ин калимаҳои франсавӣ дар идораҳои Эрон ҳам ҳамчун истилоҳ маъмуланд.

[4.5] Ин номҳо низ франсавӣ буда дар идораҳои Эрон маъмуланд.

[6] *Бурӯ* — хонаи кор.

[7] *Амӯр* — ишқ.

[8] *Нумру* — шумора, адад.

[9] *Зурӯ* — шумора.

Ҳайф, к-имрӯз гирифторам ман,
В-арна маҷмӯаи афкорам ман.

Ҷаҳл аз миллати худ бардорам,
Миннате бар сарашон бигзорам.

Он чиро гуфтаам аз зишту нафис,
Нест фурсат, ки кунам покнавис.

* * *

Ин бузургон, ки талабгори мананд,
Толиби табъи гуҳарбори мананд.

Қас нашуд, к-ам зи ғам озода кунад,
Фикри ҳоли мани афтода кунад.

Дар деҳе гӯшаи боғе бидиҳад,
Гӯсфандеву улоғе бидиҳад.

Нагузорад, ки ман озурда шавам,
Бо чунин завқ дилафсурда шавам.

* * *

Нақди ин умр, ки бисьёр кам аст,
Ростӣ, бад гузарондан ситам аст.

Қори ин чархи фалак тӯ дар тӯст,
Қас надонад, ки чӣ дар ботини ӯст.

Надиҳад шарбати ширин ба касе,
Ки дар ӯ ёфт нагардад магасе.

Нӯш бе неш муяссар нашавад,
Нест софе, ки мукаддар нашавад.

* * *

Гӯш кун, к-омадам имшаб ба назар,
Қиссаи дигар аз ин бомазатар.

Андар ин сол, ки аз ҷониби Ғарб
Шуд равон селсифат оташи ҳарб.

Инглис аз дили дарьё бархост,
Оштӣ аз сари дуньё бархост,

Пой бигзошт ба майдони дағо
Ҳофизи сулҳи ҷаҳон Амрико.

Гории Лира зи Алмон омад,
Ба тани мардуми «Рай» ҷон омад.

Ҷунбиш афтод дар эҳзоби ғаюр,
Об дохил шуда дар лонаи мӯр.

Риштаи тоқати жандарм гусехт,
Иддае монду дигар идда гурехт.

Ҳама гуфтанд, ки аз ваҳдати дин
Кард бояд кумаки муттаҳидин.

Аҳли Рай арзи шаҳомат[1] карданд,
Чӣ бигӯям? чӣ қиёмат карданд.

Лек аз он тарс, ки маҳсур шаванд,
Буд лозим, ки зи Рай дур шаванд.

Лоҷарам рӯй ниҳоданд ба Қум
Як-яку даҳ-даҳу сад-сад мардум.

---

[1] *Шаҳомат* — қаҳрамонӣ, ҷасурӣ.

Мақсади иддаи маъдуде пул,
Мақсади боқии дигар маҷҳул.

Ман ҳам аз ҷумлаи эшон будам,
Ҷузъи он ҷамъи парешон будам.

Ман ҳам аз дарди Ватан бо руфақо
Меравам, лек надонам ба куҷо...

Фитнаҳо бар сари дину Ватан аст,
Ин ду лафз аст, ки асли фитан аст.

Сӯҳбати дину Ватан яъне чӣ?
Дини ту, мувтани [1] ман яъне чӣ?

Ҳама олам ҳама касро Ватан аст,
Ҳама ҷо мувтани ҳар марду зан аст.

Чист дар каллаи ту ин ду хаёл,
Ки кунад хуни маро бар ту ҳалол?

---

[1] *Мувтан* — ҷамъи моватан, яъне ватан, ҷои истиқомат.

## ИДИ НАВРӮЗ

Иди наврӯзу аввали сол аст,
Рӯзи айшу нишоти атфол аст.

Ҳама он рӯз рахти нав пушанд,
Чою шарбат ба хушдилӣ нӯшанд.

Писари хуб рӯзи ид андар
Равад аввал ба хидмати модар.

Даст дар гарданаш кунад чун тавқ,
Сару usдасташ бибӯсад аз сари шавқ.

Гӯяд: Ин иди нав муборак бод,
Сад чунин соли нав бубинӣ шод.

Баъд ояд ба дастбӯси падар,
Бӯса бахшад падар ба рӯи писар.

Писари бад чу рӯзи ид шавад,
Мавқеъи диду боздид шавад.

На падар дӯст дорадаш на аму,
На касе идӣ оварад бари ӯ.

Идӣ он рӯз ҳаққи он писар аст,
Ки наҷибу шарифу боҳунар аст.

## АВВАЛУ ОХИР ҲАМА ХОҲЕМ МУРД

Табъи ман ин нукта чӣ покиза гуфт,
Саҳл бувад хӯрдани афсӯси муфт.

Мардуми инҷ мулк зи кеҳ то ба меҳ,
Ҳеҷ надонанд ҷуз аҳсанту «зеҳ [1]».

Ҳар касе андар ғами ҷони худ аст,
Фориғ аз андешаи неку бад аст.

Баъд, ки мурдам, ҳама ёдам кунанд,
Раҳмати вофир ба ниҳодам кунанд.

Гар бари каннос [2] барӣ ёсро [3],
Ранҷа кунӣ шомаи канносро.

З-он чӣ пас аз марг бароям кунанд,
Қош каме ҳини [4] бақоям кунанд.

Дил ба кафи ғусса набояд супурд,
Аввалу охир ҳама хоҳем мурд.

---

1 *Зеҳ* — офарин, аҳсан.
2 *Каннос* — ахлоткаш.
3 Ёс — ёсуман.
4 *Ҳин* — замон, айём.

## ҚАДРИ УСТОД

Гуфт устод: «мабар дарс аз ёд»,
Ёд бод он чӣ маро гуфт устод!

Ҳеҷ ёдам наравад ин маънӣ,
Ки маро модари ман нодон зод.

Падарам низ чу устодам дид,
Гашт аз тарбияти ман озод.

Пас маро миннат аз устод бувад,
Ки ба таълими ман устод истод.

Ҳар чӣ медонист омӯхт маро,
Ғайри як асл, киногуфта ниҳод.

Қадри устод накӯ донистан,
Ҳайф, устод ба ман ёд надод.

Гар бимурдаст, равонаш пурнур,
В-ар бувад зинда, худо ёраш бод!

## ҚИБЛАИ МО

Ҳоҷиён рахт чу аз Макка баранд,
Муддате дар ақиби сар нигаранд,

То ба ҷое, ки ҳарам дар назар аст,
Чашми ҳаҷҷоҷ ба дунболи сар аст.

Ман ҳам аз кӯи ту барбастам бор,
Боз бо кӯи ту дорам сару кор.

Чашми дил сӯи ту дорам шабу рӯз,
Чашм бар рӯи ту дорам шабу рӯз.

Ту, санам, қиблаи омоли манӣ,
Чун кунам сарфи назар? Моли манӣ!

Рӯи рахшандаи ту қиблаи мост,
Мардуми дидаи мо қибланамост.

## ШАВҚИ ДАРС ХОНДАН

Ҳамд бар кирдигори якто бод,
Ки маро шавқи дарс хондан дод.

Ошно кард чашми ман ба китоб,
Дод тавфиқи хайрам аз ҳар боб.

Дар сари ман ҳавои дарс ниҳод,
Дар дили ман муҳаббати устод.

Падарамро ато намуд ҳаёт,
То кунад сарфи кори ман авқот.[1]

Модарамро тановарӣ[2] бахшид,
Меҳри фарзандпарварӣ бахшид.

Ҳар ду микдори худ ба кор оранд,
То маро дарсухон[3] ба бор оранд.

Ишқ бошад ба дарсу машқ маро,
Набувад ҷуз ба ин ду ишқ маро.

---

[1] *Авқот* — ҷамъи вақт.
[2] *Тановарӣ* — тануманди.
[3] *Дарсухон* — дастурхон.

Дарсу машқам чу нотамом бувад,
Бозӣ аз баҳри ман ҳаром бувад.

Дар сари корҳои бемасраф,
Накунам ҳеҷ вақти хеш талаф.

## ХИЛҚАТ

Гуфт он чоҳкан андар буни чоҳ,
Қ: — Эй худо, то ба кай ин чоҳи сиёҳ?

На аз ин далв шавад пора расан,
На маро ҷон бадар ояд зи бадан.

Рафт аз даст ба куллӣ баданам,
То ба кай кор? Магар ман чуданам?[1]

Қош чарх аз ҳаракат хаста шавад,
Дари фабрики худо баста шавад.

Матури номия аз кор афтад,
Тарани рашд зи рафтор афтад.

З-ин залозил, ки дар ин фарш афтад,
Қош як зилзила дар арш афтад.

То ки бардорад даст аз сари нос,
Шарри ин хилқати беаслу асос.

---

[1] *Чудан* — чӯян.

Гар бувад зиндагӣ, ин мурдан ч
Ин ҳама бурдану овардан чист?

Ту чӣ он кӯзагари булҳавасӣ,
Қи кунад кӯза зи ҳаррӯза басе,

Хуб чун созаду омода кунад,
Ба замин резаду дарҳам шиканад,

Боз мурғи ҳавасаш пар гирад,
Амали лағви худ аз сар гирад.

О, худо, хуб, ки санҷидам ман,
Аз ту ҳам ҳеҷ нафаҳмидам ман.

Қош мурғе шуда пар боз кунам,
То лаби боми ту парвоз кунам.

## ҲАДЬЯИ ОШИҚ

Ошиқе меҳнати бисьёр кашид,
То лаби Даҷла ба маъшуқа расид.

Нашуда аз гули рӯяш сероб,
Ки фалак дастагуле дод ба об.

Нозанин чашм ба шат[1] дӯхта буд,
Фориғ аз ошиқи дилсӯхта буд.

Дид: бар рӯи шат ояд ба шитоб,
Навгуле чун гули рӯяш шодоб.

Гуфт: «Ваҳ-ваҳ чӣ гули раъноест,
Лоиқи дасти чу ман зебоест.

Ҳайф аз ин гул, ки барад об ӯро,
Кунад аз манзара ноёб ӯро».

З-ин сухан ошиқи маъшуқапараст,
Ҷаст дар об чу моҳӣ аз шаст.

---

[1] *Шат* — дарьё, руд.

Хонда буд ин масал он мояи ноз,
Ки накӯй куну дар об андоз.

Хост, к-озод кунад аз бандаш,
Исми гул бурду дар об афгандаш.

Гуфт: «Рав, то ки зи ҳаҷрам бираҳӣ,
Номи бемеҳрӣ бар ман ниниҳӣ.

Мавриди некии хосат кардам,
Аз ғами хеш халосат кардам».

Боре он ошиқи бечора чу бат,[1]
Дил ба дарьё заду афтод ба шат.

Дид обест фаровону дуруст
Ба нишот омаду даст аз ҷон шуст.

Дасту пое заду гулро бирабуд,
Сӯи дилдораш партоб намуд.

Гуфт, к-эй офати ҷон сунбули ту,
Мо, ки рафтем, бигир, ин гули ту.

Бикунаш зеби сар, эй дилбари ман,
Ёди обе, ки гузашт аз сари ман.

Ҷуз барои дили ман бӯш макун,
Ошиқи хеш фаромӯш макун!

---

[1] *Бат* — мурғобӣ.

Худ надонист магар ошиқи мо,
Ки зи хубон натавон хост вафо.

Ошиқонро ҳама гар об барад,
Хубрӯён ҳамаро хоб барад.

## АЛОЙ

Набинӣ хайр аз умрат, Алой,
Расад аз осмон бар ту балое!

Туро кардем, эй гӯсола, маъмур,
На маъмуре, ки алмаъмур маъзур.

Қи бинмой дар Амрико тафаҳҳус,
Биёрӣ мусташирӣ [1] бо тахассус.

Дар Амрико ба харҳо кардӣ эълон,
Ки бошад мартаъи сабзе дар Эрон.

Зи навъи худ фиристодӣ каманде,
Хусусан як хари болобаланде.

Чамушу [2] бадлагому хому гаҳгир, [3]
На аз афсор метарсад, на занҷир.

Харони дохилӣ маъқул буданд,
Ваҷеҳулмиллаву [4] мақбул буданд.

---

[1] *Мусташир* — машвараткунанда.
[2] *Чамуш* — сутури лагадзананда.
[3] *Гаҳгир* — сутури ғофилгиранда.
[4] *Ваҷеҳулмилла* — дӯстдоштаи миллат.

Ки бошад ин масал манзури ҳар кас,
Забони хар «халиҷ» медонаду бас.

На танҳо мартаи моро чариданд,
Падарсаг соҳибон бар сабза р...нд.

## МОЕМ БИРИНҶУ ОСМОН ДАНГ

Эй бар качалони[1] даҳр сарҳанг,
Ҳақ ҳифз кунад сари ту аз санг.

Моҳи фалакӣ намуда тақлид,
Аз зуфти сарат ба шаклу аз ранг.

Бошад качалӣ ниҳон ба фарқат,
Чун нашъа, ки мазмар аст дар банг.

Ояд чу насими Рай ба Машҳад,
Аз бӯи сари ту мешавам манг,[2]

Мадҳуш кунад мусофиринро
Бӯи сарат аз ҳазор фарсанг.

Гуфтӣ ту ба шеъри худ, ки ҳастам.
Ман соиси сад ҳазор алданг.[3]

Рафтӣ, ки кунӣ зи банда таъриф
Ҳаҷвам кардӣ ту, эй қарамданг.[4]

---

[1] *Качал* — кал.
[2] Яъне сарам мегардад.
[3] *Алданг* — беномус, беҳиммат.
[4] *Қарамданг* — аблаҳ, аҳмақ.

Соис яъне, ки корфармо,
Ё роҳнамо ба сулҳ ё ҷанг.

Маънои сиёсат амру наҳӣ аст,
Хуб аст назар кунӣ ба фарҳанг.

Қай алдангон ба ман мутеанд?
З-ин нисбати бад бувад маро нанг.

Мошооллоҳ рафта-рафта,
Хаттат шуда мисли хатти харчанг.

Инҳо ҳама тейбату мазоҳ аст,
Аз ман нашавӣ, рафиқ, дилтанг.

Дар шеър на кас турост хамдӯш,
Дар хат на касе турост ҳамсанг [1]

Бар чанг чу панҷа баркушоӣ,
Аз панҷаи Борбад [2] фитад чанг.

Сози ту аҷибтар зи «Дарвеш»,
Нақши ту ғарибтар зи «аржанг»

Ту кай качалӣ? Сарат пур аз мӯст
В-онгоҳ чӣ мӯи хубу хушранг!

Тозӣ ту ба илм ҳамчу харгӯш,
Дигар мутааллимин чу харчанг.

Аз бурдани номи дош Қозим,
Гардида дилам чу қофия танг.

---

[1] *Ҳамсанг* — баробар.
[2] Навозандаи машҳури қадими тоҷик.

Сад ҳайф аз он ҳарифи якрӯй.
Афсус аз он рафиқи якранг!

То субҳ маро намебарад хоб,
Орад чу хаёли ӯ шабоҳанг.

Афсӯс, ки рафту дӯстонро
Дигар нарасад ба доманаш чанг.

Мо низ равем аз паи ӯ,
Яъне, ки барандамон ба урданг.[1]

Роҳест, ки тай намояд онро,
Ҳам аспи даванда, ҳам хари ланг.

Ҳам он, ки ба чоҳ кард манзил,
Ҳам он, ки ба моҳ бурд авранг.

Ҳам он ки вазир шуд ба тазвир,
Ҳам он ки вакил шуд ба найранг.

Дар ҳам кӯбад замона моро,
Моем биринчу осмон данг.

---

[1] *Урданг* — бо зону ба пушти касе задан.

## ҶАВОБИ ЁВАГӮ

Шунидам ёвагӯе, арзапӯе,
Гадое, сифлае, беобрӯе.

Чу ашъори ҳиҷобамро шунида,
Ҳиҷоби шарму иффатро[1] дарида.

Забон бикшода бар дашноми банда,
Ба зиштӣ ёд карда номи банда.

Вале ман ҳеҷ бад аз кас нагӯям,
Ба ҷуз роҳи адаб роҳе напӯям.

Маро аз фаҳш додан ор бошад,
Ки фаҳш оини сардамдор[2] бошад.

Гузорам амрро дар пои таҳқиқ,
Сипас хоҳам зи аҳли фикру тасдиқ.

Суханро рӯй бо соҳибдилон аст,
На бо хар бедили бехонумон аст.

---

[1] *Иффат* — покӣ, покдоманӣ, парҳезгорӣ.
[2] *Сардамдор* — соҳиби қаландархона, соҳиби хонақоҳ.

Ба қавли ту зане, к-андар барам буд,
Манаш нашнохтам, к-ӯ хоҳарам буд.

Гирифтам, қавли ту айни савоб аст,
На ин ҳам боз тақсири [1] ҳиҷоб аст?

На бояд манъ кард ин одати бад,
Ки кас нодида бар хоҳар начаспад?

Тамоми ин мафосид [2] аз ҳиҷоб аст,
Ҳиҷоб аст он чӣ Эрон з-он хароб аст.

Туро ҳам шуд ҳиҷоб асбоби ин занн,[3]
Ки хондӣ модаратро хоҳари ман.

Агар он зан ба сар маъҷар [4] намезад
Якин, ин шубҳа аз ту сар намезад.

Нафаҳмида намегуфтиву акнун,
Намеафтод роз аз парда берун.

Наяндешидӣ, эй бечораи хар,
Ки хоҳар соз н-ояд бо бародар.

Ҳиҷоби дасту сурат худ яқин аст,
Ки зидди насси [5] Қуръони мубин аст.

---

[1] *Тақсир* — айб, гуноҳ.
[2] *Мафосид* — ҷамъи муфсида, ки маънояш фиску фаҷур аст.
[3] *Занн* — гумон.
[4] *Маъҷар* — ҳиҷоб, чодар, сатр.
[5] *Насс* — матн.

## ҲИКОЯТИ МУШУ ГУРБА

Эй писар, лаҳзае ту гӯш бидеҳ,
Гӯш бар қиссаи ду муш бидеҳ,

Ки яке пир буду оқил буд,
Дигаре бачча буду ҷоҳил буд.

Ҳар ду дар кунҷи сақфи як хона,
Доштанд аз барои худ лона.

Гурбае ҳам дар он ҳаволӣ буд,
Қ-аз дағал пур, зи сидқ холӣ буд.

Чашми гурба ба чашми муш афтод,
Ба фиребаш забони чарб кушод.

Гуфт: — Эй мушҷон, чӣ зебоӣ,
Ту чаро пеши ман намеоӣ?

Ҳар чӣ хоҳад дили ту, ман дорам,
Пеши ман о, ки пеши ту орам.

Пирамуш ин шуниду аз сари панд,
Гуфт бо мушбачча, к:— Эй фарзанд!

Нарави, гурба гул мезанадат,
Дур шав в-арна пуст меканадат.

Бачамуши сафеди бемашъар,[1]
Ин суханро накард аз у бовар.

Гуфт: Манъам зи гурба аз паи чист?
У маро дуст аст, душман нест.

Гурба ҳам аз қабилаи муш аст,
Мисли мо соҳиби думу гуш аст.

Ту бубин: чашми у чӣ мақбул аст,
Чӣ садо? Нозук асту маъқул аст.

Боз он пирмуши корогоҳ,
Гуфт бо мушбаччаи гумроҳ:

Ба ту мегуям, эй писар, даррав,
Ҳарфи ин куҳнагургро нашнав.

Гуфт, мушак, ки: — Ҳеҷ нагрезам,
Аз чунин дуст ман напарҳезам.

Гурба з-он гуфтугу чу гул бишкуфт,
Бори дигар зи макру ҳила бигуфт:

Ман рафиқи туам, натарс, биё!
Тарси беҳуда аз рафиқ чаро?

Пирамуш аз забони он фартут
Монд моту муатталу мабҳут.[2]

---

[1] *Бемашъар* — беақл, бехирад.
[2] *Мабҳут мондан* — ҳайрон мондан.

Гуфт: — Ваҳ, ин чӣ қадр танноз аст,
Чӣ забонбозу ҳилапардоз аст.

Баччамуши сафеди беидрок,
Гуфт: — Ман меравам, надорам бок.

Бонг зад пирамуш, к: — Эй кӯдан [1]
Ин қадар ҳарфҳои муфт мазан.

Ту кӣ бошию гурба кист? Улоғ [2],
Рафтану мурданат якест улоғ.

Гурба бо муш ошно нашавад,
Гург бо барра ҳамчаро нашавад.

Пурдағал гурбаи ба фан устод,
Боз оҳиста лаб ба нутқ кушод.

Гуфт: Ин ҳарфҳо ту гӯш макун,
Гӯш бар ҳарфи пирамуш макун.

Пирҳо ғолибан хараф [3] бошанд,
Аз раҳи рост мунҳараф [4] бошанд.

Нуқлу бодом дораму гирдӯ,[5]
Ман ба ту медиҳам, бидеҳ ту ба ӯ.

Бачаи ҳарфнашнави сода,
Ба қабули доруғ омода.

---

[1] *Кӯдан* — аблаҳ.
[2] *Улоғ* — хар.
[3] *Хараф* — камақл, кӯтоҳақл.
[4] *Мунҳараф* — ивазшаванда, нопойдор, мухталиф.
[5] *Гирдӯ* — чормағз.

Сухани кизби[1] гурба сидқ ангошт,
Рафту фавран бинои нола гузошт,

Қи: — Ба додам расед, мурдам ман,
Беҷиҳат гӯли гурба хӯрдам ман.

Думам аз бех канду дастам хӯрд,
Шикамам пора карду гӯшам бурд.

Панҷааш рафт то ҷигаргоҳам,
Ман чунин дӯстро намехоҳам.

Пирамушаш ҷавоб дод: — Бирав,
Баъд аз ин панди пирро нашнав.

Ҳар кӣ ҳарфи бузургтар нашунид,
Он бубинад, ки баччамуш бидид!

---

[5] *Кизб* — дурӯғ.

## ЗӮҲРА ВА МАНУЧЕҲР

Субҳ натобида ҳанӯз офтоб,
Вонашуда дидаи наргис зи хоб,

Тоза гули оташие мушкбӯй,
Шуста зи шабнам ба чаман дасту рӯй.

Мунтазири ҳавлаи[1] боди саҳар,
То ки кунад хушк бадон рӯи тар.

Моҳрухе чашму чароғи сипоҳ,
Ноиби аввал ба ваҷоҳат[2] чу моҳ.

Соҳиби шамшеру нишон дар ҷамол,
Бандаи маҳмези зарифаш ҳилол.

Наҷми[3] фалак ошиқи сардӯшияш,
Зуҳра талабгори ҳамоғушияш.

Тирадурахшон чу шабаҳ[4] чакмааш[5]
Хуфта яке шер ба ҳар тукмааш.

---

[1] *Ҳавла* — дастурупоккун, сачоқ.
[2] *Ваҷоҳат* — афт, башара, ру.
[3] *Наҷм* — ситора.
[4] *Шабаҳ* — санги сиёҳ.
[5] *Чакма* — муза.

Духта бар тарфи кулоҳаш лаба [1]
В-он лаба бар шакли маҳи якшаба.

Бофта бар гардани ҷонҳо каманд,
Номи камандаш шуда воксилбанд [2]

Карда Манучеҳр падар номи ӯ,
Тозатар аз шохи гул андоми ӯ.

Чашм бимолиду баромад зи хоб,
Бо рухи тобандатар аз офтоб.

Рӯз чу рӯзи хуши одина буд,
Дар гарави хизмати одӣ набуд.

Хост ба майли дилу вафқи маром
Рӯзи хуши хеш расонад ба шом.

Чун зи ҳавасҳои фузун аз шумор
Ҳеҷ набудаш ҳавасе ҷуз шикор,

Асп талаб карду туфангу фишанг [3],
Тохт ба саҳро паи нахчиру [4] ранг [5]

Рафт кунад ҳар чӣ марол [6] асту меш
Бархии [7] бозуи тавонои хеш.

---

[1] *Лаба* — чамбарак, гирдак.
[2] *Воксилбанд* — танобҳои махсуси офицерон, ки ба гардану китфашон мекунанд.
[3] *Фишанг* — тир.
[4] *Нахчир* — шикор.
[5] *Ранг* — бузи кӯҳӣ.
[6] *Марол* — оҳу, ғизол.
[7] *Бархӣ* — фидо.

* * *

В-аз тарафе низ дар он субҳгоҳ,
Зуҳра, меҳин духтари холуи моҳ.

Олиҳаи ишқу худованди ноз,
Одамиёнро ба муҳаббат гудоз.

Пешаи вай ошиқӣ омухтан,
Хирмани абнои башар сухтан.

Хастаю оҷиз шуда дар кори худ,
Волаву ошуфта чу афкори худ.

Хост, ки бар хастагӣ орад шикаст,
Як-ду-се соат кашад аз кор даст.

Сайри гулу гардиши боғе кунад,
Тоза зи гулгашт димоге кунад.

Қанд зи бар кисвати [1] афлокиён,
Кард ба сар миқнааи [2] хокиён.

Хештан орост ба шакли башар,
Суи замин кард зи гардун гузар,

Омад аз оромгаҳи худ фуруд,
Рафт бадон су, ки Манучеҳр буд.

Зери дарахте ба лаби чашмасор,
Чашми вай афтод ба чашми савор.

[1] *Кисват* — либос, пушок.
[2] *Миқнаа* — сарбанди занон, румол.

Тири назар гашт дар ӯ коргар,
Қоргар аст, оре, тири назар.

Ларза бияфтод дар аъсоби[1] ӯ,
Ранг парид аз рухи шодоби ӯ.

Гашт ба як дил, на, ба сад дил асир
Дар ҳами фитроки ҷавони далер.

Рафт, ки якбора диҳад дил ба бод,
Боди улуввияти хеш уфтод.

Гуфт ба худ: «Хилқати ишқ аз ман аст,
Ин чӣ заифию забун гаштан аст.

Ман, ки яке унсури афлокиям,
Аз чӣ забуни писари хокиям?

Олиҳаи[2] ишқ манам дар ҷаҳон,
Аз чӣ ба ман чира шавад ин ҷавон?

Ман агар ошуфтаю шайдо шавам,
Пеши худоён ҳама расво шавам.

Ишқ, ки аз панҷаи ман зодааст
В-аз шикани зулфи ман афтодааст.

Бо ман агар даъвии гуштӣ кунад,
Бо дигарон, пас, чӣ дуруштӣ кунад.

Хобгаҳи ишқ бувад мушти ман,
Зодаи ман чун газад ангушти ман.

---

[1] *Аъсоб* — ҷамъи асаб.
[2] *Олиҳа* — худо.

Торе аз он дом, ки доим танам,
Дар раҳи ин тоза ҷавон афганам.

Ишқ ниҳам дар ваю зораш кунам,
Турфа ғизолест, шикораш кунам.

Даст кашам бар гулӯю гӯши ӯ,
То бипарад аз сари ӯ ҳуши ӯ.

Ҷунбиши як гӯшаи абрӯи ман
Мекашадаш соясифат сӯи ман.

Ман, ки башарро ба ҳам андохтам,
Ошиқу дилдодаи ҳам сохтам.

Хуб тавонам, ки кунам кори хеш,
Созамаш аз ишқ гирифтори хеш.

Гарчи низомист, ғуломаш кунам,
Мунсариф аз шуғли низомаш кунам».

Ин ҳамаро гуфту қавӣ кард дил,
Дод ба худ ҷуръату шуд мустақил.

Кард ниҳон аҷзу аён нози хеш,
Ҳамҳамае[1] дод ба овози хеш.

Гуфт: «Салом, эй писари Моҳу Ҳур,
Чашми бад аз рӯи накӯи ту дур!

Эй зи башар беҳтару бигзидатар,
Балки зи ман низ писандидатар.

---

[1] *Ҳамҳама* — мағал, ғурунг-ғурунг.

Эй ки пас аз халқи ту халлоқи ту
Ҳамчу халоиқ шуда муштоқи ту.

Эй ту беҳин меваи боғи беҳӣ,
Ғунчаи сурхи чамани фарраҳӣ.

Чини сари зулфи арӯси ҳаёт,
Холи дилорои рухи коинот.

Дар чамани ҳусн гулу фохта,
Сурху сафедӣ ба рухат тохта.

Баски ту хилқат шудаӣ шӯху шанг,
Гашта ба хилқаткуни ту арса танг.

Қ-аз паси ту боз чӣ ранг оварад,
Ҳусни ҷаҳонро ба чӣ қолиб барад.

Бе ту ҷаҳон ҳеҷ сафое надошт,
Боғи умед обу ҳавое надошт,

Қасди куҷо дорию номи ту чист?
Дар дили ин кӯҳ маромн ту чист?

Қош фурӯд ой аз он тезгом,
Қ-аз сари ин чашма ситонем ком.

Дар сари ин сабза ману ту ба ҳам,
Хуш ба ҳам оем дар ин субҳдам.

Муғтанам [1] аст ин чамани дилфиреб,
Эй шаҳи ман, пой барор аз рикеб.

---

[1] *Муғтанам* — фоиданок, судманд, ғанимат.

Шохи гули, по ба сари сабза нех,
Шохи гул андар васати[1] сабза бех.

Банд кун он ришта ба карпуси[2] зин,
Чуфт бизан аз сари зин бар замин.

Хохӣ агар панча ба хам афганам,
В-аз ду кафи даст рикобе кунам.

То ту нихӣ бар кафи ман пои худ,
Гарм кунӣ дар дили ман чои худ.

Ё ки бинех по ба сари дӯши ман,
Сур[3] бихӯр аз дӯш дар оғӯши ман.

Нарму сабукрӯх биё дар барам,
Т-от чу сабза ба замин густарам.

Бӯсаи ширин дихамат бешумор,
Киссаи ширин кунамат сад хазор.

Кӯху биёбон паи оху мабур,
Ғуссаи хамчашмии оху махӯр.

Гарм бувад рӯз дили кӯхсор,
Охувако, даст бидор аз шикор.

Хайф бувад, к-аз асари офтоб,
Кохад аз он рӯи чу гул обутоб.

---

[1] *Васат* — байн.
[2] *Карпус* — кош.
[3] *Сур хӯрдан* — худро рахо кардан.

Ё зи дами боди ҷиноятшиор,
Бар сари зулфат бинишинад ғубор.

Ҳоҳи агар бо дили худ шавр кун,
Ҳар чӣ дилат гуфт, ҳамон тавр кун»,

Ин ҳама бишнид Манучеҳр аз ӯ,
Ҳеҷ наёмад ба дилаш меҳр аз ӯ.

Рӯҳи ҷавон ҳамчу дилаш сода буд,
Мунсариф аз майли буту бода буд.

Гарчи ба қад андаке афзун намуд,
Соли вай аз шонздаҳ афзун набуд.

Кашмакаши ишқ надида ҳанӯз,
Лаззати мастӣ начашида ҳанӯз.

Бо ҳамаи нӯшлабӣ, эй аҷаб,
Қ-аз маи нӯшаш нарасида ба лаб.

Буд дар ӯ рӯҳи сипоҳигарӣ,
Монеъи дил бохтану дилбарӣ.

Лоҷарам аз ҳиҷб [1] ҷавобе надод,
Ёфт хитобею хитобе надод.

Гуӣ часпида зи шаҳди зиёд
Лаб ба лаби он писари ҳурзод.

Зӯҳра дигарбора сухан соз кард,
Замзамаи дилбарӣ оғоз кард:

---

[1] *Ҳиҷб* — шарм.

Қ-«Эй писари хуб, тааллул [2] макун,
Дар амали хайр тааммул макун.

Меҳри маро, эй ба ту аз ман дуруд,
Бинию аз асп наёӣ фуруд.

Субҳ ба ин хуррамию ин чаман,
Бо чаманоро саname ҳамчу ман,

Ҳайф набошад, ки гаронӣ кунӣ,
Собирию сахткамонӣ кунӣ?

Лаб мафишор ин ҳама бар як дигар,
Ранги табиӣ зи лаби худ мабар.

Бар лаби лаълат чу биёрӣ фишор,
Ранги табиӣ кунад аз вай фирор.

Ё бирасад сурхии ӯро шикаст,
Ё кунадаш сурхтар аз он чӣ ҳаст.

Он, ки туро ин даҳани танг дод
В-ин лаби ҷонпарвари гулранг дод.

Дод, ки то бӯса фишонӣ ҳаме,
Гаҳ бидиҳӣ, гаҳ биситонӣ ҳаме.

Гоҳ бидеҳ сония бе бешу кам,
Гирӣ сӣ бӯса зи ман пушти ҳам.

Гоҳ яке бӯса бубахшӣ зи хеш,
Муддаташ аз муддати сӣ бӯса беш.

---

[2] *Тааллул кардан* — рӯй гардонданд, дур шудан.

Бӯсаи аввал зи лаб ояд бадар,
Бӯсаи сонӣ кашад аз ноф сар.

Ҳол бубин, майли кадомин туро́ст,
Ҳарду ҳам ар майли ту бошад, равост».

Боз чу ин гуфту ҷавобе надид,
Зӯри худоӣ ба тани худ дамид.

Даст заду банди рикобаш гирифт,
Решаи ҷону раги хобаш гирифт.

Хоҳ-нахоҳ аз сари зинаш кашид,
Дар бағали худ ба заминаш кашид.

Ҳарду кашида сари сабза дароз,
Ҳарду зада такья бар оринҷи ноз.

Қад мутавозию [1] маҳозӣ ду ҳад [2],
Гӯӣ, ки андоза бигиранд қад.

Орази ҳарду шуда гулгуну гарм,
Ин яке аз шаҳвату он як зи шарм.

Ишқ ба озарм муқобил шуда,
Бар ду тараф масъала мушкил шуда.

Зуҳраи танноз ба анвои ноз
Қард бар ӯ дасти таматтуъ дароз.

---

[1] *Мутавозӣ* — мувофиқ, ба ҳамдигар монанд.
[2] *Ҳад* — чеҳра, рӯй, рухсор.

Тукма ба зери гулӯяш ҳар чӣ буд,
Бо сари ангушти атуфат[1] кушуд.

Ёфт чу бо бекулаҳӣ хуштараш,
Қаҷ шуду бардошт кулаҳ аз сараш.

Даст ба ду қисмати фарқаш кашид,
Барқе аз он фарқ ба қалбаш расид.

Мӯй, ки гарм афтаду тимор гарм,
Барқ ҷаҳад охир аз он мӯи нарм.

Аз кафи он даст, ки бо меҳр зад,
Барқи латифе ба Манучеҳр зад.

Хост чу бӯсад зи рухи фаррухаш,
Ранги Манучеҳр парид аз рухаш.

Дид, ки он бӯса тамомаш кунад,
Мунсариф аз шуғли низомаш кунад.

Хӯрд такон ҷумлаи аъзои ӯ,
Аз нуки сар то ба нуки пои ӯ.

Бар тани ӯ чандише[2] омад падид,
Пас, араки гарм ба ҷонаш давид.

Дид, к-аз он бӯса фано мешавад,
Булҳавасу сар ба ҳаво мешавад.

Бурд каме сурати худро ақаб,
Турфа диле дошта ё лил-аҷаб.

---

[1] *Атуфат* — меҳрубонӣ.
[2] *Чандиш* — ларзиш, ларза, раъша.

Зӯҳра аз ин воқиа бетоб шуд,
Бӯса миёни ду лабаш об шуд.

Ҳар рутаберо[1], ки начинӣ ба вақт,
Об шавад баъд ба шохи дарахт.

Гуфт: «Зи ман рух зи чӣ бартофтӣ?
Балки зи ман хубтаре ёфтӣ?

Дил ба ҳавои дигаре доштӣ,
Ё лаби ман бенамак ангоштӣ?

Бар рухам ар охта будӣ ту теғ,
Беҳ, ки зи ман бӯса намоӣ дареғ.

Ҷуз ту кас аз бӯсаи ман сар нахӯрд,
Ҳеҷ кас ин тавр ба ман барнахӯрд.

Аз чӣ кунӣ ахм[2], магар ман бадам,
Балки малулӣ, ки чаро омадам?

Ман, ки ба ин хубию раъноиям,
Духтараке ишқию шайдоиям.

Гири ту афтодаам, эй тозакор,
Беҳтар аз ин гир наёяд шикор.

Хуб бубин: бад ба саропом ҳаст?
Як сари мӯ айб дар аъзом ҳаст?

Ҳеҷ худо нуқс ба ман додааст?
Ҳеҷ касе мисли ман афтодааст?

---

[1] *Рутаб* — хурмо, мева.
[2] *Ахм кардан* — рӯ турш кардан, абрӯ чин кардан.

Ин сару симои фараҳзои ман,
Ин фараҳафзо сару симои ман

Ин лабу ин гунаю ин биниам,
Бинии ҳамчун қалами чиниам.

Ин сару ин синаю ин соқи ман,
Ин кафи нарм, ин кафали [1] чоқи ман.

Ин бару ин шонаю ин синаам,
Синаи софитар аз оинаам.

Ин гулу ин гардану ин нофи ман,
Ин шиками бешикану софи ман.

Боз маро ҳаст ду чизи дигар,
Қ-ат надиҳам ҳеч аз онҳо хабар.

Рози даруни дили почин мапурс,
Аз сифати ноф ба поин мапурс,

Ҳаст дар ин парда бас овозҳо,
Нағмаи дигар занад ин созҳо.

Чун биниҳам пои тараб бар бисот,
Аз дару девор биборад нишот.

Бар сари ин сабза биракҳсам чунон,
Қ-аз асари пом намонад нишон.

---

[1] *Кафал* — дунба, рон.

Зери паи ман нашавад сабза лаҳ[1],
Нармтарам ман ба-ба аз гургбаҳ[2].

Чун зи тараб бар сари гул по ниҳам,
Дар сабукӣ толии[3] парвонаам.

Гар биҷаҳам аз сари ин гул бар он,
Ҳеҷ ба гулҳо нарасонам зиён.

Рақси ман андар сари гулҳои боғ,
Рақси шиоест ба рӯи чароғ.

Баски бувад найиру[4] рахшон танам,
Нур диҳад аз паси пироҳанам.

З-он чӣ туро хуб бувад дар назар,
Бусаи ман ҳаст аз он хубтар.

Ҳар чӣ зи ҷинси асалу шаккар аст,
Бӯсаи ман аз ҳама ширинтар аст.

То ду-се бӯса наситонӣ ҳаме,
Лаззати ин кор надонӣ ҳаме.

Ту биситон бӯсае аз ман фареҳ[5],
Бад шуд агар, боз сари ҷош неҳ.

Ноз макун, ман зи ту хушгилтарам,
Ман зи ту дар ҳусни ваҷоҳат сарам.

---

[1] *Лиҳ* — пачақ.
[2] *Гургбаҳ* — дар ин ҷо мақсуд гардест, ки ба рӯи баъзе меваҳо монанди шафтолу, зардолу вуҷуд дорад.
[3] *Толӣ* — пайгир, пайрав.
[4] *Найир* — дурахшон, нурдиҳанда.
[5] *Фареҳ* — фараҳ, шодмонӣ.

Не ғалат афтод, ту хушгилтарӣ,
Дар ҳама чиз аз ҳама олам сарӣ.

Аҳм макун, гӯш ба ҳарфам бинеҳ,
Муфт нахоҳам, зи ту қарзам бидеҳ.

Нест дар ин гуфтаи ман сусае[1],
Гар ту ба ман қарз диҳӣ бӯсае.

Бӯсаи дигар сари он мениҳам,
Лаҳзаи дигар ба ту пас медиҳам.

Ман на туро беҳуда вил мекунам,
Гар надиҳӣ бӯса, ду дил мекунам.

Гар надиҳӣ бӯса, азобат кунам,
Аз аташи ишқ кабобат кунам.

Не ғалате рафт, бибахшо ба ман,
Дур шуд аз ҳадди назокат сухан.

Бар ту агар гуфтаи ман ҷавр кард,
Ман чӣ кунам? Ишқи ту ин тавр кард.

Ман, ки нагуфтам ту бидеҳ бӯса муфт,
Тоқ бидеҳ бӯсаю баргир ҷуфт.

Аз чӣ кунӣ сад дари додуситад?
Фоида дар додуситад мерасад.

Қарз бидеҳ, манфиаташро бигир,
Зуд ҳам ин қарз гузорам, на дер.

---

[1] *Суса* — ҳила, фиреб, шубҳа.

Аз лаби ман бӯса мукаррар бигир,
Чунки ба охир расад, аз сар бигир.

Аз сари ман то ба қадам яксара
Ҳаст чарогоҳи ту, оҳубара.

Аз ту бувад дарраю моҳури [1] он,
Чашмаи наздику тали дури он.

Ҳар тарафашро, ки бихоҳӣ, бичар,
Ҳар гули хубе, ки биёбӣ, бихӯр.

Айш туро монеу маҳзур [2] нест,
Тумр [3] бувад ёнеу [4] нотур [5] нест.

В-ар ту надонӣ чӣ кунӣ, ёд гир,
Ёд аз ин Зӯҳраи устод гир.

Хез! Ту сайёд шаву ман шикор,
Ман бидавам, сар ба паи ман гузор.

Ман на шикорам, ки зи ту рам кунам,
Заҳмати пои ту фароҳам кунам.

Тир бияндоз, ки ман аз ҳаво,
Гираму дар сина кунам ҷо ба ҷо.

Ман зи паи тири ту ҳар сӯ давам,
Тири ту ҳар сӯ равад, он сӯ равам.

---

[1] *Моҳур* — ноҳамворӣ.
[2] *Маҳзур* — дастнорас, мушкил.
[3] *Тумр* — хурмо.
[4] *Ёнеъ* — калимаи арабӣ, маънояш меваи наврасида.
[5] *Нотур* — нигаҳбон.

Чашм ба ҳам нeҳ, ки набинӣ маро,
Ман зи ту пинҳон шавам ин гӯшаҳо.

Гар ту маро оию пайдо кунӣ,
Медиҳамат ҳар чӣ таманно кунӣ.

Рег биёвар, ки занӣ тоқу ҷуфт,
Бо гарави бӯса, на бо ҳарфи муфт.

Ҷар бизанӣ ё назанӣ бурдаӣ,
Хубрухӣ, ҳар чӣ кунӣ, кардаӣ.

Гоҳ яке низ аз ин регҳо,
Байни ду ангушт бинеҳ дар хифо [1].

Бехабар аз ман бипарон сӯи ман,
Нарм бизан, бар ҳадафи [2] рӯи ман.

Қаҷ шаву з-ин ҷӯи равон пушти ҳам,
Об бипош аз сари ман то қадам.

Мушти худ аз чашма пур аз об кун,
Сар ба паи ман неҳу партоб кун.

Ғусса махӯр, гар тани ман хис [3] шуд,
Рахти утӯкардаи ман кис [4] шуд.

Об бипош аз сари ман то ба по,
Ҳаст дар ин кор басе нуктаҳо.

---

1 *Хифо* — пинҳонӣ.
2 *Ҳадаф* — нишона.
3 *Хис* — тар.
4 *Кис* — чину чурук, ноҳамвории либоси утук кардашуда.

Нозуку танг аст маро пираҳан,
Тар ки шавад, нек бичаспад ба тан.

Пасту баландӣ ҳама пайдо шавад,
Он чӣ нуҳуфтаст, ҳувайдо шавад.

Қашф басе сирри ниҳонат кунад,
Рози паси парда аёнат кунад.

Гоҳ бикаш даст ба абрӯи ман,
Гоҳ ба ҳам зан сари гесӯи ман.

Гоҳ биё пеш, ки бӯсӣ маро,
Рух чу барам пеш, ту вопас гиро.

Гар гузар аз бӯса кунад матлабат,
Мезанам ангушти адаб бар лабат.

Гар бибарӣ даст ба поини ман,
Тарка[1] хӯрӣ аз кафи симини ман.

Ноф ба поин набарӣ дастро,
Нашканӣ аз бехирадӣ бастро.

Гар бубарӣ дасти тахаттӣ[2] ба паст,
Таркаи гул мезанамат пушти даст.

Гоҳ биё рӯи замоне ба зер,
Гоҳ бидеҳ гулию[3] гӯле бигир.

---

[1] *Тарка* — химча.
[2] *Тахаттӣ* — таҷовуз.
[3] *Гул додан* — фиреб додан.

Гаҳ ба лаби кӯҳ барорем ҳой,
То ба дили кӯҳ бипечад садой.

Сабза нигар, тоза ба бор омада,
Софию пайвастаю равғанзада.

Сарсараи[1] фасли баҳорон бувад
В-аз паи сар хӯрдани ёрон бувад.

Ҳамчу ду парвонаи беболу пар
Дода инон бар кафи боди саҳар.

Даст ба ҳам дода бар он сархӯрем,
Гоҳ ба ҳам, гоҳ зи ҳам бигзарем.

Балки зи аҷроми замин рад шавем,
Ҳар ду яке рӯҳи муҷаррад шавем.

Сайр намоем дар офоқи нур,
Аз назари мардуми хокӣ ба дур.

Бош ту чун гурбаю ман муши ту,
Муши гирифтор дар оғуши ту.

Гурбасифат варҷаҳу[2] гозам[3] бигир
Вил деҳу партам куну бозам бигир.

Тифл шаву хусп ба домони ман,
Шир бинӯш аз сари пистони ман.

---

[1] *Сарсара* — сайру гардиш.
[2] *Варҷаҳ* — яъне барҷаҳ.
[3] *Гоз гирифтан* — газидан.

Аз сари зулфам талаби мушк кун,
Бо нафаси ман арақат хушк кун.

Варчаҳу шодӣ куну бишкан, бизан,
Гул бикан аз шохаю бар ман бизан.

Даст бикаш бар шиками софи ман,
Бӯса бизан бар даҳани нофи ман.

Моч кун аз синаи симини ман
Гоз бигир аз лаби ширини ман.

Ҳамчу гулам баркану чун мул [1] бинӯш,
Бифгану лухтам куну бозам бипӯш.

Ғунчасифат ханда куну боз шав,
Ишва шаву ғамза шаву ноз шав.

Қилқилакам [1] мекуну нишгон [2] бигир,
Ман чӣ бигӯям чӣ бикун? Ҷон бигир».

Гуфту дигарбора талаб кард бӯс,
Боз шуд он чеҳраи хандон-абӯс [3]

Аз ғазаб афганда бар абрӯ гиреҳ,
Аз паи пайкор камон карда зеҳ.

Хост чу бо Зӯҳра кунад гуфтугӯ,
Рӯи ҳам афтод ду мижгони ӯ.

---

[1] *Мул* — шароб.
[2] *Қилқилак* — ҳуштак.
[3] *Нишгон* — фишор овардан ба пӯсту гӯшти бадани касе бо ду сарангушт.
[4] *Абӯс* — бадқавоқ.

Хуфтани мижгонаш на аз ноз буд,
Балки дар он хуфтагӣ як роз буд.

Амри табиист, ки дар байни роҳ,
Чун бирасад мард лаби партгоҳ,

Хоҳад аз ин сӯ чу ба он сӯ ҷаҳад,
Чашми худ аз воҳима бар ҳам ниҳад.

Тозаҷавон оқибатандеш буд,
Бохабар аз оқибати хеш буд.

Дид расидаст лаби партгоҳ,
Воҳимаро чашм бибаст аз нигоҳ.

Кист, ки аз ишқ биҷӯшад ҳаме,
В-аз ду ҷаҳон дида бипӯшад ҳаме?

Боре аз он бӯса ҷавони далер,
Воҳима бигрифту сар афганд зер.

Гуфт, ки: «Эй нусха бадал аз парӣ,
Ҷилди саввӯм аз Қамару Муштарӣ.

Атфи [1] баён аз гулу сарву суман,
Ҷумлаи таъкид [2] зи богу чаман.

Донамат аз ҷинси башар бартарӣ,
Лек надонам башарӣ ё парӣ?

Ишва аз ин беш ба корам макун,
Ҳарфи масоъӣ [3] ба шикорам макун.

---

[1] *Атф* — дучанд, ду баробар, моил шудан ба тарафи чизе.
[2] *Таъкид* — тасдиққунӣ, қабулкунӣ, такрор.
[3] *Масоъ* — ҷидду ҷаҳд, кӯшиш.

Бар лабам он қадр талангур[1] мазан,
Ҷош бимонад, ба лабам пар мазан.

Шӯх машав, шуъбадабозӣ[2] макун,
Пеш маё, дастдарозӣ макун.

Даст мазан, то нашавад зинҳор,
Орази ман лоласифат доғдор.

Гар асаре монад аз ангушти ту,
Боз шавад мушти ману мушти ту.

Узр чӣ орад ба касон рӯи ман,
Як манаму чашми ҳама сӯи ман.

Зӯҳр, ки дар хона ниҳам пои худ,
Бигзарам аз мувқафи[2] лолои[3] худ.

Он, ки қадаш хуфта чу шамшер шуд,
То қади ман росттар аз тир шуд.

Бинад агар дар рухи ман лаккае[3]
Бешак, аз он лакка хӯрад яккае[4].

То дили шаб ур-уру ғавғо кунад,
Муфтазиҳам[5] созаду расво кунад.

---

[1] *Талангур* — ҳуппоқ.
[2] *Шуъбадабозӣ* — найрангбозӣ, чашмбандӣ.
[3] *Мувқаф* — қароргоҳ, иқоматгоҳ.
[4] *Лоло* — мураббӣ.
[5] *Лакка* — доғ.
[6] *Якка хӯрдан* — як қад паридан, такон хӯрдан.
[7] *Муфтазиҳ* — расво, шарманда, беобрӯ.

Халқ чӣ донанд, ки ин доғ чист?
Бар рухи ман доғи ту ё доғи кист?

Қист, ки ин зулм ба ман кардааст?
Мард бар ӯ тӯҳмату зан кардааст.

Шаҳди лаби ман на макидаст кас,
Дар қуруқи ман начаридаст кас.

Ҳеҷ хаёле назада роҳи ман,
Бадрақаи[1] кас нашуда оҳи ман.

Зоғчаи кас нанишастам ба бом,
Бод ба гӯшам нарасонда паём.

Сер надида назаре дар рухам,
Шод нагашта диле аз посухам.

Ҳеҷ парешон нашуда хоби ман,
Абр надида шаби маҳтоби ман.

Оинаи ман напазируфта занг,
Пои субогам нарасида ба санг.

Хӯрдаам аз хубрухон муштҳо,
Сӯзану нишгон зи сарангуштҳо.

Хубрухон, хушравишон хел-хел,
Сӯи ман оянд ҳама ҳамчу сел.

Аср гузар кун тарафи лолазор,
Сарвқадон бин ҳама лолаузор.

---

[1] *Бадрақа* — ҳамроҳ.

Ҳар зану марде, ки ба ман бингарад,
Як қадам аз паҳлуи ман нагзарад.

Ишвакунон бигзарад аз сӯи ман,
То занад оранҷ ба паҳлуи ман.

Гарчи ҷавонам ману соҳибҷамол,
Меҳри бутонро накунам эҳтимол.

Зан накунад дар дили ҷангӣ мақом,
Ишқи занон аст ба ҷангӣ ҳаром.

Ошиқию марди сипоҳи куҷо?
Додани дил дасти манохӣ [1] куҷо?

Ҷойгаҳи ман шуда қалби сипоҳ,
Қалби занонро накунам ҷойгоҳ.

Мардуми беаслиҳа чун гӯсфанд
Дар қуруқи ғайрати мо мечаранд.

Гург набошему шубонем мо,
Ҳофизи номуси касонем мо.

То ки бар ин галла бузургӣ кунем,
Нест сазовор, ки гургӣ кунем.

Хун, ки чакад баҳри ватан рӯи хок,
Ҳайф бувад, гар набувад хуни пок.

Қалби сипоҳ аст чу маъвои ман,
Қалби фалон зан нашавад ҷои ман.

---

[1] *Манохӣ* — амали манъшуда.

Макри занон хондаам андар замон,
Ишқи занон дидаам аз ину он.

Дидаю дониста наяфтам ба чоҳ,
Қач накунам пои худ аз шоҳроҳ

Шоҳпарастист ҳама дини ман,
Ҳубби ватан пешаю оини ман,

Бинад агар ҳазрати ашраф маро,
Ояду берун кунад аз саф маро,

Гар шунавад, шоҳ ғазаб мекунад,
Беадабонро шаҳ адаб мекунад.

Ҳар чӣ миёни ману ту бигзарад,
Бод бари шоҳ хабар мебарад.

Бод бари шоҳ барад аз ҳаво,
Кӯҳ бигӯяд ба забони садо.

Бар сари мо фикре агар раҳ кунад,
Хилқати он фикр худи шаҳ кунад.

Фурми [1] низом аст чу дар бар маро,
Суҳбати зан нест муяссар маро.

Баъд, ки оям ба либоси савил [2]
Аз ту таҳошӣ [3] накунам бедалел.

---

[1] *Фурма* — форма.
[2] *Либоси савил* — либоси граждани.
[3] *Таҳошӣ* — парҳез.

Ноз маёмӯз ту сарбозро,
Баҳри худ андӯхта кун нозро.

Хезу бирав, даст бидор аз сарам,
Низ мабар даст ба поинтарам».

Зӯҳра ки дар мавқеъи гуфтори ӯ,
Буд фано дар лаби гулнори ӯ.

Монда дар ӯ хира чу суратгаре
Дар қаламн сурати буҳтоваре [1].

Ё чу касе ҳеҷ надида тазарв,
Дида тазарве ба сари шохи сарв.

Дид чу инкори Манучеҳрро,
Кард фузун дар талабаш меҳрро.

Панҷаи ишқ асту қавӣ панҷаест,
Кист, к-аз ин панҷа дар ишканҷа нест!

Манъи бутон ишқ фузунтар кунад,
Ноз дили хуншуда хунтар кунад.

Ҳар чӣ ба он дер бувад дастрас,
Беш бувад дар талаби он ҳавас.

Ҳар чӣ, ки таҳсили вай осон бувад,
Қадр каму қиматаш арзон бувад.

Лаъл ҳамон санг бувад, лек сурх,
Ҳаст басо санг чу ӯ нек сурх.

---

[1] *Буҳтовар* — ҳайратовар.

Лаъл зи маъдан чу бароядӣ бадар,
Лочарам аз санг гаронсангтар.

Гар радиюм[1] низ фаровон буди̅,
Қимати эҳҷори[2] биёбон буди̅.

Пас ба ҷаҳон ҳар чӣ зи зишту накӯст,
Қимати он аҷрати таҳсили ӯст.

Алғараз он анҷуманорои ишқ,
Моҳии мустағрақи[3] дарёи ишқ.

Оташи меҳри абад андӯхта,
Дар шарари оташи худ сӯхта.

Гарчи аз ӯ ояти ҳирмон[4] шунид,
Беш шудаш ҳирсу фузун шуд умед,

Гуфт: «Ҷавон, ҳар чӣ бувад содатар,
Ҳаст ба дил бохтан омодатар.

Мурғи рамида нашавад зуд ром,
Дом надидаст, ки афтад ба дом».

Ҷаст зи ҷо бо қади чун силсила,
Таънаю ташвишу итобу гила.

Гуфт: «Чӣ тарсӯст, ҷавонро бубин,
Соҳиби шамшеру нишонро бубин!

[1] *Радиюм* — унсури ниҳоят камёб ва гаронбаҳо.
[2] *Эҳҷор* — ҷамъи ҳаҷар, ки маънояш санг аст.
[3] *Мустағрақ* — ғарқшуда.
[4] *Ояти ҳирмон* — ояти ноумедӣ, маъюсӣ.

Он ки зи як зан бувад андар гурез,
Дар сафи мардон чӣ кунад ҷастухез.

Марди сипоҳию ба ин камдилӣ,
Бачча ба ин ҷоҳилию коҳилӣ.

Баски ситам бар дили ошиқ кунад,
Ошиқи бечора дилаш диқ кунад.

Гарчи ба хубии рухат вард[1] нест,
Байни ҷавонон чу ту хунсард нест.

Марди рашид, ин ҳама васвос чист,
Марди рашидӣ, зи касат тарс нест?

Пилк чаро рӯи ҳам андохтӣ?
Рӯз ба худ баҳри чӣ шаб сохтӣ?

Ҷуз ману ту ҳеҷ кас ин ҷо, ки нест,
Поси кӣ дорию ҳаросат зи кист?

Сабза, ту тарсӣ, ки гувоҳӣ диҳад?
Нома ба аркони сипоҳӣ диҳад?

Сабза, ки ҷосус набошад ба боғ,
Додани рапорт надонад кулоғ.

Қалъабегӣ[2] нест, ки ҷалбат кунад,
Ҳокими шаръӣ на ки ҳаддат занад.

Нест дар ин ҷо мажарӣ маҳбасе,
Мансабат аз ту ки нагирад касе.

---

[1] *Вард* — гул.
[2] *Қалъабегӣ* — дарбон.

Беҳуда аз шоҳ матарсон маро
Ҷони ман, он қадр маранҷон маро.

Дар ту наёбад ғазаби шоҳ роҳ,
Ҳеҷ матарс аз ғазаби подшоҳ.

Ишқфиган дар сари мардум манам,
Ишқи туро дар сари шоҳ афганам,

Чун гули рухсори ту во мешавад,
Шоҳ ҳам аз Зӯҳра ризо мешавад.

Ин ҳама маҳҷуб [1] шудан беҳудаст,
Ҳиҷб зи андоза фузунтар бад аст.

Мард, ки дар кор набошад ҷасур,
Дур бувад, аз ҳама лаззот дур.

Ҳар кӣ ниҳад пои ҷалодат [2] ба пеш,
Оқибат аз пеш барад кори хеш.

Он ки бувад шарму ҳаё раҳбараш,
Халқ рабоянд кулаҳ аз сараш.

Ҳар кӣ кунад пешаи худро адаб,
Дар ҳама кор аз ҳама монад ақаб.

Қомталаб номталаб мешавад,
Шохи гули хушк ҳатаб [3] мешавад.

---

[1] *Маҳҷуб* — хоксор, шармгин, боадаб.
[2] *Ҷалодат* — зӯрмандӣ, далерӣ.
[3] *Ҳатаб* — ҳезум.

Зиндагии сода дар ин рузгор,
Сода машав, ҳеҷ наёяд бакор.

Гар ту ҳам ин қадр шавӣ гӯлу хом,
Ҳеҷ тараққӣ накунӣ дар низом.

Оташи сурхӣ ту, хамудат [1] чаро?
Оби равонӣ ту, ҷамудат [2] чаро?

Тозаҷавонӣ ту, ҷавонит кӯ?
Ид шуда, хонатаконит кӯ?

Лаъли туро ҳеҷ беҳ аз ханда нест,
Аҳм ба рухсори ту зебанда нест.

Гар на паи ишқу ҳаво додаанд,
Ин ҳама ҳусн аз чи туро додаанд?

Қон зи паи базли [3] зар омад падид,
Шоха зи баҳри самар омад падид.

Нурфишонист ғараз аз чароғ,
Баҳри тафарруҷ бувад оини боғ.

Дурри самин аз паи тазйин бувад,
Духтари бикр аз паи кобин бувад.

Ғунча, ки дар тарфи чаман во шавад,
Менатавон гуфт, ки расво шавад.

---

[1] *Хамудат* — хомушӣ
[2] *Ҷамудат* — шах шудан, афсурда шудан.
[3] *Базл* — додан, бахшидан.

Маҳ, ки зи нураш ҳамаро қисмат аст,
Менатавон гуфт, ки беисмат аст.

Ҳусни ту бар ҳадди нисоб омада,
Бештар аз ҳадду ҳисоб омада.

Ҳайф набошад ту бад-ин хатту хол,
Барнахӯрӣ, барнадиҳӣ аз ҷамол?

Ишқ, ки набвад ба ту, танҳо гулӣ,
Ишқ, ки шуд, ҳам гулу ҳам булбулӣ.

Зиндагии ишқ аҷаб зиндагист,
Зинда, ки ошиқ набувад, зинда нест.

Ҳусн било ишқ, надорад сафо,
Лозиму малзуми ҳаманд ин дуто.

Қадри ҷавонӣ, ки надонӣ, бидон,
Чанд сабоҳӣ, ки ҷавонӣ, бидон.

Баъд, ки риши ту расад то камар,
Бо ту касе ишқ наварзад дигар.

Ишқ ба ҳар дил, ки кунад интихоб,
Ҳамчу равад нарм, ки дар дида хоб.

Ишқ бад-ин мартаба саҳлулқабул
Бар ту гарон омада, эй булфузул?

Гар ту надорӣ сифати дилбарӣ,
Мард наӣ, сафҳае аз мармарӣ.

Пардаи наққошии эрониён,
Сохта аз зар бути беҷониён.

Аз ту ҳамон чашм бувад баҳравар,
Узви дигар бахра набинад диғар.

Акси ту дар чашми ман афтодааст,
Мастии чашми ман аз он бода аст.

Ин ки ту гуфтӣ, ки зи меҳрӣ барӣ,
Фориғӣ аз расму раҳи дилбарӣ.

Он лаби лаъли ту ҳам андар нуҳуфт,
Васфи туро бо ман ингуна гуфт.

Гуфту нагуфтаст яқинан дурӯғ,
Тоза расидӣ ту ба ҳадди булӯғ.

Шохи ту пайванд нахӯрда ҳанӯз,
Тутии ту қанд нахурда ҳануз.

Ҷамъ нагаштаст ҳанӯз аз афоф [1]
Домани пироҳани ту руи ноф.

Васли ту бар шефтагон навбар аст,
Навбари ҳар мева киромитар аст.

Ман ҳам аз он суи ту биштофтам,
Қ-ашҳаби [2] ту тозанафас ёфтам.

Аз ту тавон лаззати бисьёр бурд,
Бо ту тавон тахта заду бода хӯрд.

Бо ту тавон хуб ҳамоғуш шуд,
Хуб дар оғуши ту беҳуш шуд.

---

[1] *Афоф* — покдоманӣ, худдорӣ аз кори бад.
[2] *Ашҳаб* — асп.

Мегузарад, вақт ғанимат шумор,
Бархӯр аз ин суфраи беинтизор».

Чун сухани Зӯҳра ба инҷо расид,
Қори Манучеҳр ба сахтӣ кашид.

Дид ба гил рафта фурӯ пои ӯ,
Шӯрише афтода дар аъзои ӯ.

Дил ба бараш зеру забар мешавад,
Узви дигар таври дигар мешавад.

Гӯӣ ҷоме ду кашидаст май,
Нашъа шуда дохили ширьёни вай.

Ё магар аз рахнаи пироҳанаш
Мӯрчагон ёфта раҳ дар танаш.

Рафт аз ин ғусса фурӯ дар хаёл,
Қ-ин чӣ хаёл асту чӣ тағйири ҳол.

Аз чӣ дилаш дар тапиш афтодааст,
Ҳавсала дар кашмакаш афтодааст?

Гурсна будаш дилу сераш нигоҳ,
Зоҳири ӯ маънии хоҳу нахоҳ.

Шарм бар ӯ роҳи нафас мегирифт,
Ранг ба рух додаю пас мегирифт.

Ранг парида агар андар ҳаво,
Қобили ҳис будию нашъунамо.

З-он ҳама алвон, ки аз он рух парид,
Қавсу қазаҳ мешудӣ аз он падид.

Хост наяфтода ба доми бало
Хезаду з-он варта занад дар ҷило.

Гуфт: «Дареғо, ки накарда шикор,
Ҳеҷ наяфтода туфангам ба кор.

Гӯру гавазне назада бар замин,
Қабк наёвехта бар қоши зин.

Соя нарафту бипарид офтоб,
Чун сари мо гарм шуд ин ҷӯи об.

Сӯхт зи хуршед рухи равшанам,
Ғарқи арақ шуд зи ҳарорат танам.

Хонагиёнам нигарони мананд,
Чашм ба раҳ мунтазирони мананд.

Суҳбати ишқу ҳавас имрӯз бас,
Мунтазиронро ба лаб омад нафас,

Ҷумъаи дигар лаби ин санги ҷӯ,
Бод миёни ману ту рондаву».[1]

Зуҳра, ки бишнид навои фироқ,
Тоқаташ аз ғуссаю ғам гашт тоқ.

Дид, ки мурғи дилаш осимасар
Дар қафаси сина занад болупар

Хоҳад аз он нек макон барҷаҳад,
Болзанон сар ба биёбон ниҳад.

---

[1] *Рондаву* — ваъдаи мулоқот.

Рӯи ҳам афганд ду каф пуштуру,
Ҳишта яке зеру яке пушти ӯ.

Рӯи ҳам афганд ду каф аз асаф,
Боз сӯи синаи худ бурд каф.

Дод бар оромгаҳи дил фишор,
То накунад мурғи дил аз вай фирор.

Ашк ба даври мижааш ҳалқа баст,
Жола ба пиромани[1] наргис нишаст.

Гуфт ки:« Оҳ, эй писари сангдил,
Эй зи дили санги ту хоро хиҷил.

Модари ту гар чу ту манноа[2] буд,
Ҳеҷ набудӣ ту кунун дар вуҷуд.

Эй аҷабо, он ки зи зан офарид,
Чун зи зан ин гуна тавонад бурид?

Ҳайф бувад аз гуҳари поки ту
Ин ҳама худхоҳию имсоки[3] ту.

Ин чӣ дил аст, эй писари беназир,
Сахттар аз сангу сияҳтар зи қир?

То ба кай орам ба ту аҷзу ниёз?
Вой, ки як бӯсаю ин қадр ноз!

---

[1] *Пироман* — атроф, гирд ин ҷо киноя аз ашк аст.
[2] *Манноа* — маҳкаму устувор.
[3] *Имсок* — худдорӣ.

Ин ҳама ҳам ҷавру ситам мешавад,
Аз ту зи як бӯса чӣ кам мешавад?

Гарчи маро бе ту раво ком нест,
Бе ту маро лаҳзае ором нест,

Гар ту муҳаббат гунаҳ ангоштӣ,
Ин ҳама ҳусн аз чӣ нигаҳ доштӣ?

Қош шавад бо ту ду рӯзе надим,
Ноиби ҳамқадди ту Абдурраҳим.

Як-ду шабе бош ба паҳлӯи ӯ,
То ки кунад дар ту асар хӯи ӯ.

То ту биёмӯзӣ аз он хушхисол,
Тарзи назарбозию ғунчу далол.

Бин, ки худованд чӣ хубаш намуд,
Подшаҳи мулки қулубаш [1] намуд.

Мактаби ишқ аст супурда ба ӯ,
Ӯст, ки аз ҷумла бутон бурда гӯ.

Он чӣ надонӣ, ту аз ӯ ёд гир,
Машқи накӯкорӣ аз устод гир.

Хуб бубин, хубрухон чун кунанд,
Сайди хавотир ба чӣ афсун кунанд.

Аҳли назар ҷумла дуояш кунанд,
Шефтагон ҷон ба фидояш кунанд.

---

[1] *Қулуб* — ҷамъи қалб, ки маънояш дил аст.

Халқ бисӯзанд бароят сипанд,
То нарасад ҳуи хушашро газанд.

Ваҳ, чӣ басо симруху симсоқ
Баҳри вай аз шӯй гирифта талоқ.

Ин ҳама аз ишқ таҳошӣ макун,
Сафсатаю узртарошӣ макун.

Ҷумъаю таътилу шитобат зи чист?
Бо ҳама таъҷили аёбат зи чист?

Ранҷ чу одат шавад, осудагист,
Қайди беолоишӣ олудагист.

Гар ту нахоҳӣ, ки дамад офтоб,
Боз кун ин лаъли лабу гӯ матоб.

Гар ба рухат меҳр расонад зиён,
Домани почин кунамат соябон.

Ҷо диҳамат ҳамчу равон дар танам,
Гирамат андар дили пироҳанам.

Дар шикани зулф ниҳонат кунам,
Махфию маҳфуз чу ҷонат кунам.

Дастаи аз турраи худ барчинам,
Бодзане созаму бодат занам.

Ашк биборам ба рухат он қадар,
То накунад дар ту ҳарорат асар,

Созамат аз чашмаи оби зулол
Чолаи лаб, чоҳи занах молмол [1].

Он ду кабӯтар, ки ба шох андаранд,
Ҳомили [2] тахти мани номоваранд.

Чун сафару сайр кунам дар ҳаво,
Тахти маро ҳамл диҳанд он дуто.

Баршавам аз хок ба сӯи сипеҳр
Тундтар аз тобиши анвори меҳр.

Гуямашон омада парво кунанд,
Бар сари ту соя муҳайё кунанд.

Ин ки ту аз шоҳ битарсониям,
Гаҳ зани мардум ба ғалат хониям.

Ҳеҷ надонӣ ту, ки ман кистам,
Омада ин ҷо зи паи чистам?

Ман, ки ту бинӣ ба ту дил бохтам,
Рӯи туро қиблаи худ сохтам.

Ҳаҷланишини фалаки саввумам,
Ошиқу маъшуқкуни мардумам.

Шӯр ба зарроти ҷаҳон медиҳам,
Ҳусн ба ин, ишқ ба он медиҳам.

Чашм ба ҳар кас, ки бидӯзам ҳаме,
Хирмани ҳастеш бисӯзам ҳаме.

---

[1] *Молмол* — моломол.
[2] *Ҳомил* — оваранда, кашонанда, гузаронанда.

Ишқи яке бешу яке кам кунам,
Бешу ками он ду муназзам кунам.

Ҳар кӣ бубинам ба ҷунун меравад,
Дорад аз андоза бурун меравад.

Ишқ инон ҷониби хун мекашад,
Қори муҳаббат ба ҷунун мекашад.

Мухтасаре, раҳм ба ҳолаш кунам,
Роҳнамоӣ ба висолаш кунам.

Чошнии хони табиат манам,
З-ин сабаб аз байни худоён занам.

Гарчи ҳама ишқ бувад дини ман,
Бод бар ӯ лаънату нафрини ман!

Дод ба ман чун ғаму заҳмат зиёд,
Рӯзии ӯ ҷуз ғаму заҳмат мабод!

То бувад афсурдаю ноком бод!
Ишқ хушогозу баданҷом бод!

Ё зи хушӣ мирад ё аз малол,
Ҳеҷ набинод рухи эътидол!

Бод чу атфол ҳамеша уҷул,
Бесабабе хушдилу бехуд малул.

Хонахудоӣ кунад онро ба рӯз,
Ходими мастӣ ба лақаб хонасӯз.

Паҳн кунад бистари хобаш ба шом,
Ходимаи булҳавас ошуфта ном.

Бод ғирифтори балою ниам,
Хавфу ричо чира ба ӯ дам ба дам.

Сабру шикебоӣ аз ӯ дур бод,
Бо гилаю дағ-даға маҳшур [1] бод.

Он ки худованди худоён бувад,
Холиқи мову ҳама кайҳон бувад.

Ишқ чу дар қолиби ман офарид,
Қолиби ман қолиби зан офарид.

Гар ту шавӣ бо мани човид маъ [2]
Зиндаи човид шавӣ билтабаъ [3].

Нест фано чун ба ман андар заман,
Зиндаи човид шавӣ ҳамчу ман.

Ман на зи чинси башарам, на парӣ,
Дорам аз ин ҳар ду гуҳар бартарӣ.

Рутбаи [4] навъам ба забони араб,
Довари ҳуснам ба лисони адаб.

Аввали исми ту чу бошад ману,
Ҳаст маро хондани мину наку.

Минуи ишқам ману ишқам фан аст
В-он ҳама шайдоню шӯр аз ман аст.

---

[1] *Маҳшур* — ҳамсуҳбат, ҳамдам.
[2] *Маъ* — ҳамроҳ.
[3] *Билтабаъ* — бешубҳа.
[4] *Рутба* — мансаб, мартаба, дарача.

Гар набудӣ мартаъи ман дар фалак,
Суфраи ҳастӣ нашудӣ бонамак.

Сар ба сари ишқ ниҳодан хатост,
Олиҳаи [1] ишқ басе ноқулост.

Ҳукм ба дарвешу ба султон кунад,
Ҳар чӣ кунад, бо ҳама як сон кунад.

Гар ту наханди ба руҳам ин сафар,
Бар лаби худ ханда набинӣ дигар.

Гарчи ту дар ҳусн амири манӣ,
Оқибатуламр асири манӣ.

Олиҳаи ишқ басе зирак аст,
Пири хирад дар бари ӯ кӯдак аст.

Ҷинси шумо, одамиён, камбақост,
Ишқ бувад боқию боқӣ фаност.

Ҷумлаи ушшоқ мутеъи мананд,
Мазҳари афкори бадеъи мананд.

Ҳар чӣ латиф аст дар ин рӯзгор
В-он чӣ бувад зинату нақшу нигор,

Он чӣ бувад ишрати рӯи замӣ,
Он чӣ аз ӯ кайф кунад одамӣ

Шеъри хушу савти хушу рӯи хуш,
Сози хушу нози хушу бӯи хӯш,

---

[1] *Олиҳа* — худо.

Фикри бадеъи ҳама донишварон,
Нағмаи ҷонпарвари ромишгарон,

Ҷумла бурун ояд аз ин коргоҳ
Қ-аз асари саъи ман афтад ба роҳ.

Ҷулма аз осори шарифи мананд,
Яксара маснуъи зарифи мананд.

Базри [1] муҳаббатро ман доштам,
Қ-омадаю рӯи замин коштам.

Рӯи замин аст, чу конвои [2] ман,
Тарҳ кунам бар рухаш анвоъи фан.

Рӯи замин ҳар чӣ маро бандаанд,
Шоиру наққошу нависандаанд.

Гаҳ Рафаил, гаҳ Микланиш оварам,
Гоҳ, Ҳомер, гаҳ Ҳарадут парварам.

Гоҳ Қамоулмалик орам падид,
Рӯи саноеъ кунам аз вай сафед.

Гоҳ қалам дар кафи Диштӣ ниҳам,
Дар қаламаш руи биҳиштӣ диҳам.

Гоҳ ба хайли шуаро лаҷ кунам,
Хилқати фарзонаи Эраҷ кунам.

Тор диҳам дар кафи Дарвешхон,
То бидамад дар бадани мурда ҷон.

---

[1] *Базр* — тухм.
[2] *Конво* — замина, ҷой.

Ғоҳ зане ҳамчу Қамар парварам,
Дар даҳанаш тунги шакар парварам.

Ман Қулунилро Қулунил кардаам,
Панҷаи вай раҳзани дил кардаам.

Номи маҷозеш Алиюнақист,
Номи ҳақиқеш Абулмусиқист.

Диққати комил шуда дар сози ӯ,
Бехабарам лек зи овози ӯ.

Пеши худ омӯхта овозро,
Лек ман омӯхтамаш созро,

Ман шуда машшотаи он хатту хол,
То ту шавӣ ҳамчу бадеъуҷҷамол.

Ман ба рухат бурдам аз оғоз даст,
То шудам имрӯз ба ту пойбаст.

Ман чу ба ҳусни ту набурдам ҳасад,
Навбари ҳусни ту ба ман мерасад.

Ман чу туро хуб биёростам,
Аз паи хатти дили худ хостам.

Ман гули рӯи ту намудам падид,
Хори ту бар пои худи ман халид...

## ОРИФНОМА

Шунидам ман, ки Орифҷонам омад,
Рафиқи собиқи Теҳронам омад.

Шудам хушвақту ҷоне тоза кардам,
Нишоту ваҷди беандоза кардам.

Ба навкарҳо супурдам, то бидонанд,
Ки чун Ориф расад, аз дар наронанд.

Нагӯянд ин ҷаноби мавлавӣ кист?
Фалонӣ бо чунин шахс ошно нест.

Ниҳодам дар утоқаш тахти хобӣ,
Чароғе, ҳавлае [1], собуну обе.

Араққоe, ки бо диққат кашидам,
Ба дасти худ даруни ганҷа [2] чидам.

Муҳайё кардамаш қиртосу [3] хома,
Барои рафтани ҳаммом ҷома.

---

[1] *Ҳавла* — сачоқ, дастурӯйхушккун.
[2] *Ганҷа* — шкаф.
[3] *Қиртос* — коғаз.

Фаровон ҷуҷаву теҳу[1] харидам,
Дутой эҳтиётан сар буридам.

Нишастам мунтазир, к-аз дар дарояд,
Зи дидораш маро шодон намояд.

. . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . .

Намеҷуӣ нишони дӯстонат,
Намехоҳӣ, ки кас ҷӯяд нишонат.

В-агар гоҳе ба шаҳр ой зи манзил,
Набинам ҷои поят низ дар гил.

Барӣ бо худ нишони ҷои поро,
Кунӣ тақлид мурғони ҳаворо.

Бирав, Ориф, ки воқеъ ҳарфи муфтӣ,
Магар бахтӣ, ки рӯй аз ман нуҳуфтӣ?

Магар ёд омад аз сӣ соли пешат?
Ки бар ораз набуд осори ришат?

Магар аз манзили худ қаҳр кардӣ?
Ки манзил дар канори шаҳр кардӣ?

Магар дар боғ як манзур дорӣ?
Нишони наргиси махмур дорӣ?

Магар насринтане дорӣ дар оғуш,
Ки кардӣ суҳбати моро фаромӯш?

---

[1] *Теҳу* — як паррандаи кабкмонанд.

Магар бо сарвқаддон орамидӣ,
Қи пайванд аз тиҳидастон буридӣ?

Чаро дар парда мегӯям суханро?
Чаро бар зинда мепӯшам кафанро?

Бигӯям софу поку пӯстканда,
Қи иллат чист? Метарсӣ зи банда.

Туро ман мешиносам беҳтар аз хеш,
Туро ман оваридастам ба ин риш.

Хабар дорам зи аъмоқи [1] хаёлат,
Ба ман як зарра махфӣ нест ҳолат,

. . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . .

Чу он гурба ки дунба аз сари шом,
Ҳамевардораду вармолад [2] аз бом,

Қунун тарсӣ, ки гар суи ман оӣ,
Кунӣ бо ман чу собиқ ошноӣ,

Манат он дунба аз дандон бигирам,
Хаёлат ғайр аз ин на, ман бимирам.

Ту мехоҳӣ бигӯӣ дерҷушӣ,
Ба ман ҳам ҳезуми тар мефурӯшӣ?

Ту моро баски софу сода донӣ,
Фалониро бародарзода хонӣ...

---

[1] *Аъмоқ* — ҷамъи умқ, ки маънояш чуқурист.
[2] *Вармолидан* — гурехта халос шудан.

* * *

Бирав, Ориф, ки ин ҷо хабт [1] кардӣ,
Мар ин андешаро берабт кардӣ.

Ман ар сайёд бошам, сайд кам нест,
Ҳамоно ҳоҷати сайди ҳарам [2] нест.

Шикори ман дар итлоли [3] баланд аст,
На Абдӣ, к-оҳуи сар дар каманд аст.

Дуруст аст ин, ки тифлон геҷу гӯланд,
Сафеҳу содаву саҳлулқабуланд...

Бирав, марди азиз, ин сӯъизанн [4] чист?
Ҷунун аст ин, ки дорӣ, сӯъизанн нест!

Ман ар чашмам бадин ғоят бувад шӯр,
Ҳамоно созадаш чашмофарин кӯр!

Агар меомад ӯ дар хонаи ман,
Муаззаз буд чун дурдонаи ман.

Бувад меҳмон ҳамеша дилхуш ин ҷо,
Набошад масҷиди меҳмонкуш ин ҷо.

Ману бо дӯстон нодӯстдорӣ?
Ту мухлисро аз ин мардум шуморӣ?

---

[1] *Хабт* — хато, саҳв.
[2] *Сайди ҳарам* — гӯё вахшие, ки дар замини ҳарам, яъне дар замини Макка бошад, куштану шикор кардани он ҳаром аст.
[3] *Итлол* — ҷамъи тал.
[4] *Сӯъизанн* — аз касе бадгумон шудан.

Ту ҳақ дорӣ, ки гирад хашмат аз ман,
Ки тарсида аз аввал чашмат аз ман.

Намедонӣ, ки Эраҷ пир гаштаст,
Агар чизе аз ӯ дидӣ, гузаштаст.

. . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . .

Дилам з-ин умри беҳосил саромад,
Ки реши умр ҳам кам-кам даромад.

На дар сар ишқу на дар дил ҳавас монд,
На андар сина ёрои нафас монд.

Гаҳе дандон ба дард ояд, гаҳе чашм,
Замоне меъда меояд сари хашм.

Фазояд чини ораз ҳар дақиқа,
Нахобад муи сад ғам бар шақиқа.

Дар айёми ҷавонӣ буд дилам реш,
Ки меруяд чаро бар оразам риш?

Кунун пайваста дилрешу парешам,
Ки мерезад чаро ҳар лаҳза ришам?

Бадин сурат, ки резад муям аз сар,
Ҳамоно гашт хоҳам уштури гар.

Ило мавти ба боғи фаштария,
Фаҳозулайш моло хайри фия [1].

---

[1] Агар маргро мефурухтанд, ман харидори он будам, ки дар ин зиндагӣ хайре нест.

Бубанд, Эраҷ, аз ин изҳори ғам дам,
Ки ғамгин мекунӣ хонандаро ҳам.

Гирифтам, як ду рӯзе зуд мурдӣ,
Чаро шавқи калом аз ёд бурдӣ?

Кӣ мондаст андар ин ҷо ҷовидонӣ,
Ки метарсӣ ту ҷовидон намонӣ?

Туро суҳбат зи Ориф буд дар пеш,
Абас рафтӣ сари беҳолии хеш.

* * *

Бадин ҷо чун расид ашъори мухлис,
Парешон шуд ҳама аҳволи мухлис,

Ки ё раб баччабозӣ худ чӣ кор аст,
Ки бар вай Орифу омӣ дучор аст?

Чаро ин расм ҷуз дар мулки мо нест?
В-агар бошад, бадин сон бармало нест.

Урупоӣ бадон гарданфарозӣ,
Надонад роҳу расми баччабозӣ.

. . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . .

Шунид ин нуктаро дорои ҳуше,
Баровард аз даруни дил хурӯше.

Ки то ин қавм дар банди ҳиҷобанд,
Гирифтори ҳамин шайъи уҷобанд [1].

---

[1] *Шайъи уҷоб* — чизи ҳайратангез, тааҷҷубовар.

Ҳиҷоби духтарони моҳғабғаб,
Писарҳоро кунад ҳамхобаи шаб.

Ту бинӣ, к-он писар шӯх асту шанг аст,
Барои ишқ варзидан қашанг аст.

Набинӣ хоҳари бемаъҷарашро [1]
Шавӣ девона, бинӣ манзарашро.

Чу ин маҳҷуба он машҳури ом аст,
На бар Ориф, на бар омӣ малом [2] аст.

Агар Ориф дар Эрон дошт ёвар,
Ки бошад дар сафар метрес [3] муяссар,

Ба... зери сар ҳаргиз намесохт.
Ба Абдиҷону ғайра дил намебохт.

. . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . .

* * *

Худоё, то кай ин мардон ба хобанд,
Занон то кай гирифтори ҳиҷобанд?

Чаро дар парда бошад талъати ёр?
Худоё, з-ин муаммо парда бардор!

Магар зан дар миёни мо башар нест?
Магар зан дар тамизи хайру шар нест?

---

1 *Маъҷар* — сарбанди занон, рӯмол.
2 *Малом* — таъна, маломат, сарзаниш.
3 *Метрес* — маъшуқа, маҳбуба.

Занонро исмату иффат[1] зарур аст,
На чодир лозиму на чоқчур[2] аст.

Ту пиндорӣ, ки чодир з-оҳани руст[3],
Агар зан шевазан шуд, монеъи ӯст?

Чу зан хоҳад, ки гирад бо ту пайванд,
На чодир монеъаш гардад, на рӯбанд.

Зани рӯбастаро идроку ҳуш нест,
Театру ресторан номускуш нест.

Агар занро бувад оҳанги ҳизӣ[4],
Бувад яксон театру пойдезӣ[5].

Бинашмад дар таҳи анбори пешкал[6],
Чунон к-андар равоқи бурҷи Эйфал.

Чу хуш ин байтро фармуда Ҷомӣ,
Меҳин устоди кул баъд аз Низомӣ.

«Парирӯ тоби мастурӣ надорад,
Дар ар бандӣ, сар аз равзан барорад»

Биё, гӯям бароят достоне,
Ки то таъсири чодирро бидонӣ.

---

[1] *Иффат* — покӣ, покдоманӣ, парҳезгорӣ.
[2] *Чоқчур* — шалвори васеъ, ки занони Эрон ҳангоми ба кӯча баромадан мепӯшанд.
[3] *Руй* — фулуз.
[4] *Ҳизӣ* — беномусӣ, беорӣ.
[5] *Пойдезӣ* — назди ошхона ё чойхона.
[6] *Пешкал* — саргин, пору.

Дар айёме, ки софу сода будам,
Дами карьёси[1] дар истода будам.

Зане бигзашт аз он ҷо бо хашу фаш,
Маро эрқунисо омад ба ҷунбаш.

Ба зери печа[2] дидам ғабғабашро,
Қаме аз чона, қадре аз лабашро.

Чунон к-аз гӯшаи абри сияҳфом
Кунад як қитъа аз маҳ арзи андом.

Шудам назди ваю кардам саломе,
Ки дорам бо ту аз ҷое паёме.

Париру з-ин сухан қадре дудил зист,
Ки пайғомовару пайғомдеҳ кист?

Баду гуфтам, ки андар шореи ом[3],
Муносиб нест шарҳу басти пайғом.

Ту донӣ ҳар мақолеро мақомест,
Барои ҳар паёме эҳтиромест.

Қадам бигзор дар долони хона,
Ба рақс ор аз шааф[4] буньёни хона.

Париру рафт, то гӯяд чию чун,
Манаш бастам забон бо макру афсун.

---

[1] *Карьёс* — дар пеши хона.
[2] *Печа* — ниқоби тӯрин, чашмбанди тӯрин.
[3] *Шореи ом* — сари роҳи калон.
[4] *Шааф* — хуррамии аз ҳад зиёд.

Самоҷат[1] кардаму исрор кардам,
«Бифармоед»-ро такрор кардам.

Ба дастовези он пайғоми воҳӣ,
Ба долон бурдамаш хоҳӣ-нахоҳӣ.

Чу дар долон ҳам омад-шуд фузун буд,
Утоқи чунби долон бурдамаш зуд.

Нишаст он ҷо ба сад нозу чаму хам,
Гирифта рӯи худро сахт маҳкам.

Шигифт афсонае оғоз кардам,
Дари сӯҳбат ба рӯяш боз кардам.

Гаҳе аз зан сухан гуфтам, гаҳ аз мард,
Гаҳе к-он зан ба марди худ чиҳо кард?

Суханро гаҳ зи Хусрав додам оин,
Гаҳе аз бевафоиҳои Ширин.

Гаҳ аз Алмон бар ӯ хондам, гаҳ аз Рум,
Вале матлаб аз аввал буд маълум.

Маро дил дар ҳавои ҷустани ком,
Парирӯ дар ҳаёли шарҳи пайғом.

Ба нармӣ гуфтамаш, к-эй ёри дамсоз,
Биё ин печаро аз рух барандоз!

Чаро бояд ту рӯй аз ман бипӯшӣ?
Магар ман гурба мебошам, ту мушӣ?

---

[1] *Самоҷат* — бешармӣ, беҳаёӣ.

Ману ту ҳарду инсонем, охир,
Ба хилқат ҳарду яксонем, охир.

Бигӯ, бишнав, бубин, бархезу биншин,
Ту ҳам мисли манӣ, эй ҷони ширин.

Туро, к-ин рӯи зебо офариданд,
Барои дидаи мо офариданд.

Ба боғи ҷон раёҳинанд нисвон,
Ба ҷои варду насринанд нисвон.

Чӣ кам гардад зи лутфи оразӣ гул,
Ки бар вай бингарад бечора булбул?

Куҷо ширинӣ аз шаккар шавад дур,
Парад гар даври у сад бор занбур?

Чӣ бешу кам шавад аз партави шамъ,
Ки бар як шахс тобад ё ба як ҷамъ?

Агар парвонае бар гул нишинад,
Гул аз парвона осебе набинад.

Парирӯ з-ин сухан беҳад барошуфт,
Зи ҷо барҷасту бо тундӣ ба ман гуфт,

Ки: «Ман сурат ба номаҳрам кунам боз?
Бирав ин ҳарфҳоро дур андоз!

Чӣ лӯтиҳо дар ин шаҳранд воҳ, воҳ!
Худоё, дур кун, аллоҳ, аллоҳ!

Ба ман гӯяд, ки чодир во кун аз сар,
Чу пурруист ин, аллоҳ-акбар.

Ҷаҳаннам шав, магар ман ҷинда бошам,
Ки пеши ғайр берубанда бошам?

Аз ин бозӣ ҳамин буд орзуят,
Ки руи ман бубинӣ? Туф ба руят!

Илоҳӣ ман набинам хайри шавҳар,
Агар ру во кунам бар ғайри шавҳар.

Бирав гум шав, аҷаб бечашму руӣ,
Чӣ ру дорӣ, ки бо ман ҳамчу гуӣ?

Бародаршавҳари ман орзу дошт,
Ки руямро бубинад, шум нагзошт.

Ман аз занҳои теҳронӣ набошам,
Аз онҳое, ки медонӣ набошам.

Бирав ин дом бар мурғи дигар неҳ,
Насиҳатро ба модар, хоҳарат деҳ.

Чу анқоро баланд аст ошьёна,
Қаноат кун ба тухми мурғи хона.

Кунӣ гар қитъа-қитъа бандам аз банд,
Наяфтад руи ман берун зи рубанд.

Чаро як зарра дар чашмат ҳаё нест?
Ба сахтӣ мисли руят санги по нест?

Чӣ мегуӣ? Магар девона ҳастӣ?
Гумон дорам арақ хурдию мастӣ.

Аҷаб гири харе афтодам имрӯз,
Ба чанги алпаре [1] афтодам имрӯз.

Аҷаб баргашта авзои [2] замона,
Намонда аз мусулмонӣ нишона.

Намедонӣ назарбозӣ гуноҳ аст,
Зи мо то қабр чор ангушт роҳ аст.

Ту мегӯӣ қиёмат ҳам шулӯғ [3] аст,
Тамоми ҳарфи муллоҳо дурӯғ аст?

Тамоми муҷтаҳидҳо [4] ҳарфи муфтанд?
Ҳама беғайрату гарданкулуфтанд?

Бирав як рӯз биншин пои минбар,
Масоил бишнав аз муллои минбар.

Шаби аввал, ки мотаҳтат дарояд,
Ба болоят Накиру Мункар ояд.

Чунон кӯбад ба мағзат тӯи марқад,
Ки ме... ба санги рӯи марқад».

Ғараз онқадр гуфт аз дину имон,
Ки аз г... хӯрданам гаштам пушаймон.

Чу ин дидам, лаб аз гуфтор бастам,
Нишондам бозу паҳлуяш нишастам.

---

[1] *Алпар* — гарданғавс.
[2] *Авзоъ* — ҷамъи вазъ.
[3] *Шулӯғ* — мағал, ғавғо.
[4] *Муҷтаҳид* — донишманди шеъа, ки яке аз шӯъбаҳои ислом аст.

Кушудам лаб ба арзи бегунохӣ,
Намудам аз гуноҳон узрхоҳӣ.

Мукаррар гуфтамаш бо мадду ташдид,
Ки г... хӯрдам, ғалат кардам бубахшед!

Ду зарф оҷил [1] овардам зи толор [2],
Хӯрондам як-ду бодомаш ба исрор,

Дубора оҳанашро нарм кардам,
Сарашро рафта-рафта гарм кардам.

Дигар исм аз ҳиҷоб асло набурдам,
Вале оҳиста бозуяш фушурдам.

Яқинам буд, к-аз рафтори ин бор,
Биғуррад ҳамчу шери мода дар ғор.

. . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . .

Сару корам дигар бо лингакафш [3] аст,
Танам аз лингакафш инак бунафш аст.

Вале дидам ба акс он моҳрухсор,
Таҳошӣ мекунад, аммо на бисьёр.

Тағайюр мекунад, аммо ба гармӣ,
Ташаддуд мекунад, лекин ба нармӣ.

Аз он ҷушу тағайюрҳо, ки дидам,
Ба «оқил бошу» «одам шав» расидам.

---

[1] *Оҷил* — чормағз.
[2] *Толор* — зал.
[3] *Лингакафш* — пучидан.

Шуд он дашномҳои сахту сангин,
Мубаддал бар «ҷавон, ором биншин».

Чу дидам хайр, банди лифа суст аст,
Ба дил гуфтам, ки кори мо дуруст аст.

Кушодам даст бар он ёри зебо,
Чу мулло бар палав, мӯъмин ба ҳалво.

. . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . .

Вале чун исмат андар чеҳрааш буд,
Зи аввал то ба охир рӯй накшуд.

Дудастӣ печа бар рух дошт маҳкам,
Ки чизе н-ояд аз мастуриаш кам.

Чу хӯрдам сер аз он ширинкулӯча,
Харомат бод гуфту зад ба кӯча.

* * *

Ҳиҷоби зан, ки нодон шуд, чунин аст,
Зани мастураву [1] маҳҷуба [2] ин аст.

. . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . .

Бале, шарму ҳаё дар чашм бошад,
Чу бастӣ чашм, боқӣ пашм бошад.

---

[1] *Мастура* — пушнда, руст.
[2] *Маҳҷуба* — ниқобпӯш, дар зери ниқоб.

Агар занро биёмӯзанд номус,
Занад бепарда бар боми фалак кус,

Ба мастурӣ агар бепарда бошад,
Ҳамон беҳтар, ки худ бе парда бошад.

Бурун оянду бо мардон биҷӯшанд,
Ба таҳзиби[1] хисоли худ бикӯшанд.

Чу зан таълим диду дониш омухт
Равоқи ҷон ба нури биниш афрухт.

Ба ҳеҷ афсун зи исмат барнагардад,
Ба дарьё гар биёфтад, тар нагардад.

Чу хур бар оламе партав фишонад,
Вале худ аз тааррузд дур монад.

Зани рафта калаждида[2] факулта[3],
Агар ояд ба пеши ту деколта[4]

Чу дар вай иффату озарм бинӣ,
Ту ҳам дар вай ба чашми шарм бинӣ.

Таманнои ғалат аз вай маҳол аст,
Хаёли бад дар у бастан хаёл аст.

Бирав, эй мард, фикри зиндагӣ кун,
Наӣ хар, тарки ин харбандагӣ кун.

---

[1] *Таҳзиб* — тарбияи маънавӣ.
[2] *Калаж* — мадрасаи олӣ.
[3] *Факулта* — донишкада.
[4] *Деколта* — либоси занонаи беостину синабоз.

Бурун кун аз сари наҳсат хурофот,
Буҷунб аз ҷо, ки филтаъхиру офот!

Гирифтам ман, ки ин дунъё биҳишт аст,
Биҳишти ҳур дар лаффофа[1] зишт аст.

Агар зан нест, ишқ андар миён нест,
Ҷаҳон бе ишқ агар бошад, ҷаҳон нест.

Ба қурбонат, магар сирӣ пиёзӣ,
Ки тӯи буғчаю чодарнамозӣ?[2]

Ту миръоти ҷамоли зулҷалолӣ,
Чаро монанди шалғам дар ҷуволӣ?

Сару тахбастаӣ, дар кӯча ой,
Ту хонимҷон, на — бодимҷони мой.

Бадон хубӣ, ки дар чодар гиреҳӣ,
Ба ҳар чизе, ба ҷуз инсон шабеҳӣ.

Куҷо фармуда пайғамбар ба Қуръон,
Ки бояд зан шавад ғӯли биёбон?

Қадом аст он ҳадису он хабар ку,
Ки бояд зан кунад худро чу лулу?

Ту бояд зинат аз мардон бипӯшӣ,
Ту бар мардон кунӣ зинатфурӯшӣ.

Чунин к-аз пой то сар дар ҳарирӣ,
Занӣ оташ ба ҷон, оташ нагирӣ.

---

[1] *Лаффофа* — дар зери ниқоб, ниқобпуш.
[2] *Чодарнамоз* — ниқобе, ки занони Эрон дар хона мепӯшанд.

Ба по путину [1] дар сар чодари фоқ [2],
Намойи тоқати бетоқатон тоқ.

Бияндозӣ гулу гулзор берун,
Зи кайфи дастакаш дилҳо куни хун.

Шавад маҳшар, ки хонум рӯ гирифта,
Таолаллоҳ, к-аз он рӯ, к-ӯ гирифта.

Паямбар он чӣ фармудаст, он кун,
На зинат фош, на сурат ниҳон кун.

Ҳиҷоби дасти сурат худ яқин аст,
Ки зидди насси Қуръони мубин аст.

Ба исмат нест марбут ин тариқа,
Чу рабте г... дорад бо шақиқа.

Магар на дар деҳоту байни илот [3],
Ҳама рӯбоз бошанд ин ҷамилот?

Чаро беисматӣ дар корашон нест?
Ривоҷи ишва дар бозорашон нест?

Занон дар шаҳрҳо чодарнишиинанд,
Вале чодарнишинон ғайри инанд.

Дар ақтори [4] дигар зан ёри мард аст,
Дар ин меҳнатсаро-сарбори мард аст.

---

[1] *Путин* — ботинка.
[2] *Фоқ* — як навъ порчаи абрешимӣ.
[3] *Илот* — ҷамъи ил, ки маъноям қабила аст.
[4] *Ақтор* — иқлим ва ноҳия, мамлакат.

Ба ҳар ҷо зан бувад ҳампеша бо мард,
Дар ин ҷо мард бояд ҷон кунад фард.

Ту, эй бо мушку гул ҳамбую ҳамранг,
Намегардад дар ин чодар дилат танг?

На охир ғунча дар сайри такомул,
Шавад аз парда берун, то шавад гул?

Ту ҳам дасте бизан, ин парда бардор!
Камоли худ ба олам кун намудор!

Ту ҳам ин парда аз рух дур мекун!
Дару деворро пурнур мекун!

Фидои он сару он синаи боз,
Ки ҳам исмат дар он ҷамъ асту ҳам ноз!

* * *

Худоё, то ба кай сокит нишинам?
Ман инҳо ҷумла аз чашми ту бинам.

Ҳама зарроти олам мунсари [1] туст,
Тамоми ҳуққаҳо зери сари туст.

Чаро по туи кафши мо гузорӣ,
Чаро даст аз сари мо барнадорӣ?

Ба дасти туст васъу тангдастӣ,
Ту иззат бахшию зиллат фиристӣ.

---

[1] *Мунсар* — самара, натиҷа, асар.

Ту ин ахванду мулло офаридӣ,
Ту туи чурти мо, мардум, давидӣ.

Худовандо! Магар бекор будӣ?
Ки халқи мор дар бустон намудӣ?

Чаро ҳар чо, ки доббе[2] зишт дидӣ,
Барои мо, мусулмонон, гузидӣ?

Миёни месюву оқо чӣ фарқ аст,
Ки ӯ дар соҳил, ин дар Дачла ғарқ аст?

Ба шаръи Аҳмадӣ пироя бас нест,
Замони рафтани ин хору хас нест?

Биё, аз гардани мо занг во кун!
Зи зери бори хармулло раҳо кун!

* * *

Худоё, кай шаванд ин халқ хаста
Аз ин ақду никоҳи чашмбаста?

Бувад назди хирад аълою аҳсан,
Зино кардан аз ин сон зан гирифтан.

Бигирӣ зан, надида рӯи ӯро,
Барӣ, ноозмуда хӯи ӯро.

Чу исмат бошад аз дидор монеъ,
Дигар баста ба иқбол асту толеъ.

---

[1] *Добба* — ҳайвон, ҳайвони дарранда.

Ба ҳарфи аммаю таърифи хола,
Куни̅ як умр
г... худ навола.

Бадон сурат, ки бо таърифи баққол,
Харидори̅ куни̅ харбузаи кол.

Ва ё дар хона ори̅ ҳиндувона,
Надониста, ки ширин аст ё на.

Шаб андози̅ ба торики̅ яке тир,
Ду рӯзи дигар аз умрат шави̅ сер.

Сипас ҷӯед коми худ зи ҳар сӯй,
Ту аз як сӯю хонум аз дигар сӯй.

Нахоҳи̅ ҷаст чун оҳу аз ин банд,
Ки мағзи ҳар хӯрокат буд якчанд.

. . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . .

Дар Эрон то бувад муллою муфти̅,
Ба рӯзи бадтар аз ин ҳам бияфти̅.

Фақат як вақт як озода бини̅,
Яке чун Оятуллозода бини̅.

Дигарбора маҳор аз даст дар рафт,
Маро деги сухан ҷӯшид, сар рафт.

Сухан аз Орифу атвори ӯ буд,
Шикоят дар сари рафтори ӯ буд.

. . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . .

Агар рӯзе бубинам руи моҳаш,
Дудастӣ мезанам туи кулоҳаш.

Шунидам, ту шудӣ, Ориф, кулоҳӣ,
Гирифта ҳуснат аз маҳ то ба моҳӣ.

Зи сар то мавлавиро [1] баргирифтӣ,
Бисоти хушгилӣ аз сар гирифтӣ.

Ба ҳар ҷо меравӣ, халқанд ҳайрон,
Ки ин Ориф бувад ё моҳи тобон?

Зану мард аз бароят ғаш намоянд,
Бароят наъл дар оташ намоянд.

Чӣ мешуд бо кулоҳи моҳ гардӣ,
Чаро ин корро қаблан накардӣ?

Гарат як нукта гӯям дӯстона,
Ба харҷат меравад он нукта ё на?

Ману ту гар ба сар машъал фурӯзем,
Ба он ҷуфти сабилат ҳар ду г...

Ту дигар баъд аз ин одам нагардӣ,
Зи ороиш фузуну кам нагардӣ.

Нахоҳӣ шуд пас аз чил сол зебо,
Ту хоҳӣ мавлавӣ бар сар бинеҳ, ё

Наяфзояд кулаҳ бар мардиат ҳеч,
Тағайюр ҳам макун бар мавлавӣ печ!

[1] *Мавлавӣ* — аммомаи кӯчак.

Биё, Ориф, бигӯ чун аст ҳолат,
Чӣ буд аз машҳадӣ гаштан хаёлат?

Туро бар ин сафар кӣ кард ташвиқ,
Туву Машҳад, туву ин ҳусни тавфиқ?

Туву маҳрам шудан дар хиргаҳи унс?
Туву маҳрам шудан дар каъбаи қудс?

Туву он остони осмонҷоҳ?
Магар шайтон ба ҷаннат мебарад роҳ?

Маранҷ аз ман, ки имшаб маст будам,
Зи мастӣ бо ту густохӣ намудам.

Ман имшаб, эй бародар, маст-мастам,
Чӣ бояд кард? Мухлис майпарастам!

Зи фарти мастӣ аз дастам фитад килк,
Чакад май, гар биёфшоям ба ҳам пилк.

Қанори суфра аз мастӣ чунонам,
Ки дастам гум кунад роҳи даҳонам.

Гаҳе бар дар хӯрам, гоҳе ба девор,
Ба ҳам печад ду поям ломалифвор.

Чу он навкӯзаҳои обдида,
Арақ андар масомотам давида.

Гарам дар тан набудӣ ҷомаи киш [1],
Шудӣ ғарқи арақ болину болиш.

---

[1] *Ҷомаи киш* — ҷомаи зер.

Агар кибрит хоҳам барфурӯзам,
Ҳаметарсам, ки чун алкул [1] бисӯзам.

Чу ҳам коҳ аз ману ҳам коҳдонам,
Далели ин ҳама хӯрдан надонам.

Хавосам он чунон бар бода сарф аст,
Қи гӯӣ қозиам в-ин моли вақф аст.

Ман Эраҷ нестам, дигар шаробам,
Маро ҷомид мапиндоред, обам.

Ало, эй Орифи некушамоил,
Қи дил будӣ ба дидори ту моил!

Чу аз дидори руят дур мондам,
Туро бемояву бенур хондам.

Вале дар беҳтарин ҷо хона дорӣ,
Қи соҳибхонаи ҷонона дорӣ.

Гуворо бод меҳмонӣ ба ҷонат,
Қи бошад беҳтар аз ҷон мизбонат.

Рашиқулқад, саҳеҳулфеъл валқавл,
Фитода он тараф ҳатто зи лоҳавл.

Муаддаб [2] боҳаё, оқил, фурӯтан,
Муаззаб [3], покдил, покизадоман,

---

[1] *Алкул* — спирт.
[2] *Муаддаб* — бомаърифат, маърифатнок.
[3] *Муаззаб* — тоза, покиза.

Халику[1] меҳрубону ростгуфтор,
Тавоно, бо тавоной камозор.

Надорад бо ҷавонӣ ҳеҷ шаҳват,
Ба хилват покдомантар зи ҷилват[2].

Чу дида марказиҳоро ҳама дузд,
Хиёнат кардаву бардошта музд,

Зи марказ риштаи тоат гусиста,
Қамар шахсан ба ислоҳот баста.

Яке жандармарӣ барпо намуда,
Ки дуньёро пур аз гавғо намуда.

Ба ҳар ҷо як ҷавоне бо салоҳ аст,
Дар ин жандармарӣ таҳтулсалоҳ аст.

Ҳама боқуввату боистиқомат,
Саҳеҳулнаббаву хубу саломат,

Чу як гуянду по кубанд бар хок,
Бияфтад ларза бар андоми афлок.

Дар он жандармарӣ кардаст таъсис
Муназзам мактабе аз баҳри тадрис.

Гурӯҳе бачча жандарманд дар вай,
Ки оллоҳумма алҳифзум миналғай[3].

---

[1] *Халиқ* — боназокат, эҳтиромкунанда.
[2] *Ҷилват* — ошкоро.
[3] Худованд муҳофизат кунад онҳоро аз гумроҳӣ.

Ҳама шаккардаҳон, ширинтамоил,
Ҳама тавре, ки мехоҳад туро дил.

Ба разми душмани давлат чу шеранд,
Ба хуни ошиқон хӯрдан далеранд.

Абӯсонанд[1] андар хонаи зин,
Арӯсонанд гоҳи иззу тамкин.

Ҳама бар ҳар фунуни ҳарб ҷоиз,
Ҳама гӯяндаи ҳалман мубориз.

Ҳама дорои фан, донои илманд,
Ту гӯӣ аз қӯшуни Вилҳелманд.

Ба гоҳи ҷастухезу жимнастик,
Ту гӯи ҳаст аъзошон зи ластик[2].

Қашанд ар саф зи Теҳрон то ба Таҷриш,
Набинишон ба саф як мӯ пасу пеш.

Чунон боназму ботартиби олӣ,
Ки андар ресмон ақди лаолӣ.

Ҳамоно Ориф ин атфол дидаст,
Ки дар жандармарӣ манзил гузидаст.

Шунидам сӯихулқат дубба карда,
Ҳамон як зарраро як ҳубба карда[3].

---

[1] *Абус* — дар ин ҷо ба маънои ҷиддӣ омадааст.
[2] *Ластик* — резин.
[3] Ишорат ба одати афъёнкашии Ориф.

Тараққӣ кардаӣ дар бад-адоӣ,
Шудастӣ пок молихулиёӣ[1].

Зи манзил дарнаёӣ ҳамчу ҷугӣ,
Кунӣ бо меҳрубонон бадсулукӣ.

Зи гул нозуктарат гӯянду ранҷӣ,
Маҷунб аз ҷои худ, Ориф, ки ганҷӣ.

Яке гӯяд, ки ин Ориф хаёлист,
Яке гӯяд, ки мағзаш пок холист.

Яке беқайду беҳолат шиносад,
Яке вардору вармолат шиносад.

Яке гӯяд, ки оби зери коҳ аст,
Яке гӯяд, ки ин ҳам иштибоҳ аст.

Яке аслан туро девона гӯяд,
Яке ҳам мисли ман девона ҷӯяд.

* * *

Сари роҳи ҳакими фаҳлу доно,
Шунидам, дошт як девона маъво.

Буд он девонаро бо оқилон ҷанг,
Сару кораш ҳамеша буд бо санг.

Вале чашмаш, ки бар доно фитодӣ,
Бар ӯ аз меҳр лабхандӣ кушодӣ.

---

[1] *Молихулиёӣ* — гирифтори дарди молихулиё, сустии ирода ва моил ба ғаму ғусса, савдо ва хаёлоти парешон.

Аз ин рафтори ӯ доно барошуфт,
Дар андеша шуду бо хештан гуфт:

«Яқинан аз ҷунун дар ман нишон аст,
Ки ин девона бо ман меҳрубон аст».

Ҳамоно боядам кардан мудово,
Ки то зоил шавад ҷинсият аз мо.

Яқинан банда ҳам гумроҳ гаштам,
Ки Орифҷӯю Орифхоҳ гаштам.

Бувад ночор майли ҷинс бар ҷинс,
Мулитур майл меварзад буҳайнинс [1].

Магар Ориф иарастидан чӣ шеваст,
Ки дар ҷангал сабиқа ҷузи меваст.

* * *

Биё, Ориф, ки дуньё ҳарфи муфт аст,
Гаҳе нозук, гаҳе ях, гаҳ кулуфт аст.

Ҷаҳон чун хӯи ту накше бар об аст,
Замоне хушағир [2], гаҳ бад луоб аст.

. . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . .

Гаҳе иззат диҳад, гаҳ хор дорад,
Аз ин бозичаҳо бисьёр дорад.

---

1 Буҳайнинс калимаи франсавӣ, маънояш шери беша.
2 *Хушағир* — хушу хуррам.

Якеро афканад имрӯз дар банд,
Кунад рӯзи дигар уро худованд.

Агар кораш вифоқӣ ё нифоқист,
Тамоми кори олам иттифоқист.

На меҳри ҳеҷ кас дар сина дорад,
На бо кас кинаи дерина дорад.

На меҳрашро, на кинашро қарор аст,
На онашро, на инашро мадор аст.

Ба дуньё нест чизе шарти чизе,
Зи ман бишнав, агар аҳли тамизӣ!

Ба Юнон ин масал машҳур бошад,
Ки раббуннавъ[1] рӯзе кӯр бошад.

Диҳад бар деҳхудо неъмат ҳамон ҷур,
Ки сад чандон диҳад бар Қосими кӯр.

Ба нодон ончунон рӯзӣ расонад,
Ки сад доно дар он ҳайрон бимонад.

Дар ин дуньё беҳ аз он ҷо наёбӣ,
Ки бошад як китобу як ҳисобе.

Китоб ар ҳаст, камтар хӯр ғами дӯст,
Ки аз ҳар дӯсте ғамхортар ӯст.

На ғаммозӣ, на наммомӣ шиносад,
На кас аз ӯ, на ӯ аз кас ҳаросад.

---

[1] *Раббуннавъ* — худои бутпарастӣ.

Чу ёри дерҷӯшу зудрав нест,
Рафиқи пулу дар банди палав нест.

Нишинад бо ту, то ҳар вақт хоҳӣ,
Надорад аз ту хоҳишҳои воҳӣ.

Бигӯяд аз бароят достонҳо,
Ҳикоятҳо кунад аз бостонҳо.

На аз хӯи бадаш дилгир гардӣ,
На, чун аз Ориф, аз вай сер гардӣ.

* * *

Ту, Ориф, воқиъан гӯсола будӣ,
Ки аз ман ин сафар дурӣ намудӣ.

. . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . .

Гирифтӣ гӯшаи жандармариро,
Ба Мусо баргузидӣ Сомириро.

Биё, имрӯз қадри ҳам бидонем,
Ки ҷовидон дар ин олам намонем.

Биё, то зиндаам худро макун лус,
Ки фардо мехӯрӣ бахри ман афсус.

Пас аз маргам, сиришки ғам биборӣ,
Ба қабрам лолаву сунбул бикорӣ.

* * *

Бигӯ, Ориф, ба ман з-аҳбоби Теҳрон,
Ки мебинам ҳама шаб хоби Теҳрон.

Бигӯ он Қозими бад Оштьёнӣ,
Авохир бо ту улфат дошт ё не?

Камолуссалтана ҳолаш чӣ тавр аст?
Даҳӯ бо Эътисом андар чӣ шавр аст?

Ба олам хушдил аз ин чор ёрам,
Фидои хоки пои ҳар чаҳорам.

Адибуссалтана баъд аз марорат
Муваффақ шуд ба ҷуброни хисорат?

Чӣ мефармуд Оқои Қамолӣ?
Демократ, инқилобӣ, эътидолӣ?

Барад ҷавфи дукон пешу пасеро,
Ба ҷанг орад Тақӣ хони касеро?

Сараш мӯе даровардаст ё на?
Бувад ё на дар он танг ошьёна?

. . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . .

Бидидам Исфаҳонро зеру ҳам рӯй,
Надидам исфаҳонӣ ман бад-ин хӯй.

Агар як ҳамчу ӯ дар Исфаҳон буд,
Яқинан Исфаҳон нисфи ҷаҳон буд.

Камолӣ некхӯйу меҳрубон аст,
Камолӣ дар тани аҳбоб ҷон аст.

Камолӣ соҳиби фазлу камол аст,
Камолӣ муқтадои аҳли ҳол аст.

Камолӣ соҳиби ахлоқ бошад,
Камолӣ дар футувват[1] тоқ бошад.

Камолиро сифоти авлиёист,
Камолӣ дар камоли бериёист.

Камолӣ дар сухансанҷӣ Ваҳид аст,[2]
Валав худ Дастгардӣ ҳам надидаст.

Камолӣ дар фани ҳикматсарой
Бувад ҳамчун малик[3] дар бевафой.

Камолиро камолот аст беҳад,
Надонад лек ҷои хуб аз бад.

Тамизи ҷои хубу бад надорад,
Ва илло ҳеҷ нуқсе худ надорад.

Агар рафтӣ ту пеш аз ман ба Теҳрон,
Зи қавли ман саломаш кун фаровон.

Бигӯ маҳрум мондам аз ҷанобат,
Нахоҳам дид дигар ҷуз ба хобат.

---

[1] *Футувват* — қимат, ҷавонмардӣ, саховат.
[2] Шоир ва донишманд Ваҳиди Дастгардӣ.
[3] Маликушшуаро Баҳор.

Ману рафтан аз ин ҷо боз то Рай,
Муяссар кай шавад ҳайҳоту ҳай-ҳай.

Гар аз Сарчашма то Сартахт бошад[1],
Сафар бо васфи пирӣ сахт бошад.

Чу дур аст аз ман осори саломат,
Фитад дидор, лошак, дар қиёмат.

* * *

Надонам дар куҷо ин қисса дидам,
Ва ё аз қиссапардозе шунидам,

Ки ду рубаҳ яке мода, яке нар,
Ба ҳам буданд умре ёру ҳамсар.

Малик бо хайл тозон шуд ба нахчир,
Кашиданд он ду рӯбаҳро ба занҷир.

Чу пайдо гашт оғози ҷудой,
Аён шуд рӯзи хатми ошной,

Яке муякунон бо ҷуфти худ гуфт:
Ки: «Дигар дар куҷо хоҳем шуд ҷуфт?»

Ҷавобаш дод он як аз сари сӯз:
«Ҳамоно дар дӯкони пӯстиндӯз».

Зи ман арзи иродат[2] кун маликро,
Ба ҳар силке шарифи мунсаликро[3].

---

[1] Аз маҳаллаҳои Теҳрон аст.
[2] *Иродат* — садоқатмандӣ.
[3] *Мунсалик* — маслакеро қабулкунанда.

Малик, он таъна бар меҳру вафозан,
Ба оини муҳаббат пушти позан,

Малик дорои он мағзи сиёсӣ,
Ки механдад ба қонуни асосӣ.

Малик дорои он ҳадду фазоил,
Ки теъдодаш ба ман ҳам гашта мушкил.

Бигӯ шаҳзода Ҳошим Мирзоро[1],
Намепурсӣ чаро аҳволи моро?

Ваколат гар кунад тағйири ҳолат,
Аҷаб чизе баде бошад ваколат.

Чу бинӣ Иқтидорулмулки моро,
Бизан як буса бар рӯяш, худоро.

Илоҳӣ зинда бод он марди хайир,
Ҳумоюн пири мо, он марди найир.

Бувад шаҳзода он мироти султон,
Мусаффо аз кудуратҳои даврон.

Умедам он, ки чун дар баъзе авқот,[2]
Кунад бо Нусратуддавла мулоқот,

Расонад бар вай аз ман бандагиҳо,
Кунад изҳори бас шармандагиҳо.

---

[1] Муҳаммад Ҳошим мирзои Афсар шоири маъруфи Эрон.
[2] *Авқот* — ҷамъи вақт.

Дар Эрон гар яке шаҳзода бошад,
Ҳамин шаҳзодаи озода бошад.

Ҷавонӣ, комронӣ, некномӣ
Худо додаш тамоманро тамомӣ.

Ҷуз ӯ Эрон ба кас нозиш надорад,
Ҷуз ин як тир дар таркиш надорад.

Падар гар ҷузъи обои [1] лаом [2] аст,
Писар сархайли абнои киром аст.

Шавад фирӯз кори мулк он рӯз,
Ки бошад риштааш дар дасти Фирӯз.

Накарда ҳеҷ як дам хидмати ӯ,
Танаъум [3] мекунам аз неъмати ӯ.

Маро бояд, ки дорам неъматаш пос,
Паямбар гуфт: «ман лам яшкараннос».

Ба гетӣ беш монӣ, беш бинӣ,
Замоне нӯш, гоҳе неш бинӣ.

Бимону бин Ҷамодиву Раҷаброро,
Ки бинӣ ал-аҷаб суммалаҷабро [4].

Дар ин гетӣ аҷаб дидан аҷаб нест,
Аҷаб байни Ҷамодиву Раҷаб нест.

---

[1] *Обо* — падарон.
[2] *Лаом* — ҷамъи лаим, ки маънояш хасис, бахил, мумсик аст.
[3] *Танаъӯм* — кайф, ҳузур, айшу ишрат.
[4] *Суммалаҷаб* — бисьёр, ниҳоят аҷиб.

Аз ин марду зани Шамсу Қамар ном,
На зояд ҷуз аҷаб ҳар субҳу ҳар шом.

Ман аз Ориф дар ин айёми охар,
Бидидам он чӣ натвон кард бовар.

Биё, Ориф, ки рӯи кор баргашт,
Маро бо ту равобит [1] тиратар гашт.

Шунидам дар театри боғи миллӣ,
Бурун андохтӣ ҳумқи [2] ҷабаллӣ [3].

Намуд андар тамошохонаи ом
Зи андомат харият арзи андом.

Ба ҷои бад кашонидӣ суханро,
Басе берабт хондӣ он даҳанро.

Намегӯям чӣ гуфтӣ шармам ояд.
Зи беозармият озармам ояд.

Чунин гӯянд, к-аз он чизи одӣ,
Ҳамехӯрдӣ, вале қадре зиёде.

Илоҳӣ мезад овози туро сан [4]
Ки дигар кас намедидат сари сан

---

[1] *Равобит* — ҷамъи робита, ки маънояш муносибат, алоқа аст.

[2] *Ҳумқ* — аблаҳӣ, беандешагӣ, беақлӣ.

[3] *Ҷабаллӣ* — табъӣ, тинатӣ.

[4] Сани аввал ба форси ҳашароте, ки мувҷиби офат ва нобудии маҳсул аст, сани дуйум ба франсавӣ саҳнаи намоиш мебошад.

Туро гуфтанд, то тасниф созӣ,
На аз шиша амола қиф созӣ.

Қунӣ бо шеъри бад арзи киёсат [1],
Ғазал созӣ ва он ҳам дар сиёсат.

Ту оҳуӣ макун, ҷоно, гурозӣ [2],
Ту шоир нестӣ, таснифсозӣ.

Аҷаб ашъори зиште соз кардӣ,
Аҷаб мушти худатро боз кардӣ.

Бародарҷон, Хуросон аст ин ҷо,
Сухан гуфтан на осон аст ин ҷо.

Хуросон мардуми боҳуш дорад,
Хуросонӣ ду лаб, даҳ гӯш дорад.

Ҳама туллоби ӯ дорои табъанд,
На танҳо пайрави қуррои [3] сабъанд [4].

Нишаста назди ҳар ҷамъе адибе,
Зи анвоъи фазоил бонасибе.

Хуросон ҷо чу Нишопур дорад,
Ки сад пешӣ ба Пешовур дорад.

Намоянд аҳли маънӣ ришхандат,
Чу мехонанд ашъори чарандат [5].

---

[1] *Қиёсат* — фаросат, зиракӣ, хушфаҳмӣ.
[2] *Гуроз* — нархуки ёбоӣ.
[3] *Қурро* — ҷамъи қарья, ки маънояш деҳа, қишлоқ мебошад.
[4] *Сабъа* — даррандаи хунхӯр.
[5] *Чаранд* — беҳуда, бемаза.

Касоне мезананд аз баҳри ту даст,
Ки ё мисли ту нодонанд ё маст.

Шавад шеъри ту хуш бо зӯри таҳрир,
Чу бозӯри базак[1] рӯи зани пир.

Ба доди ту расида, эй дил, эй дил,
В-агарна кори шеърат буд мушкил.

. . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . .

Чу Орифнома омад то бад-ин ҳад,
Яке аз дӯстон аз дар даромад.

Бигуфто: «Гарчи Ориф бадзабон аст,
Валекин бар шумоҳо меҳмон аст.

Ба меҳмон шафқату инъом бояд,
Валав Ориф бувад, икром бояд.

Набояд беш аз ин хун дар дилаш кард,
Ки г... хӯрдаст, мебояд вилаш кард.

Биё, Ориф, дубора дӯст гардем,
Ду мағз андар дили як пӯст гардем.

Туро ман, ҷони Ориф, банда бошам,
Дуогӯи туам, то зинда бошам.

Биё, то гӯямат риндона панде,
Ки то лаззат барӣ аз умр чанде:

---

[1] *Базак* — асбоби ороиш, ороиш, зиннат, зебоӣ.

Ту ин гарми сиёсат чист дорӣ?
Чаро по бар думи афъӣ [1] гузорӣ?

. . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . .

Макун асло сухан аз назми ёсо [2],
Зи шарри маъдалат [3] хоҳӣ биёсо.

Сиёсатпеша мардум ҳиласозанд,
На моманди ману ту покбозанд.

Тамоман ҳуққабозу шарлатонанд [4],
Ба ҳар ҷо ҳар чӣ пош афтод, онанд.

Ба ҳар тағйири шакле мустааддананд [5],
Гаҳе машрута, гоҳе мустабадданд [6].

Ту ҳам қазвинию муллои Румӣ,
Ба ҳар сурат дар омоланд мумӣ,

Ту ҳам камтар най аз он ранудо [7],
Қаҳар [8] камтар набошад аз кабудо [9].

---

[1] *Афъӣ* — мори захрдор.
[2] *Ёсо* — қонун.
[3] *Маъдалат* — адолат, ҳаққоният, инсоф, ростӣ.
[4] *Шарлатон* — шарлатан, фиребгар, қаллоб.
[5] *Мустаадд* — тайёр.
[6] *Мустабадд* — ҳокими мутлақ, худраъй, худсар.
[7] *Ранудо* — ҳилагарон.
[8] *Қаҳар* — ранги сурхи моил ба сиёҳӣ.
[9] *Қабудо* — ранги нилӣ.

Ҳамоно гурги борондида бошӣ,
Ту хеле пордум соида бошӣ.

Валекин боз гоҳе чархи бепир
Диҳад ашхоси зиракро дами гир.

Фаровон мурғи зирак дида айём,
Ки афтоданд баҳри дона дар дом.

Сиёсатпешагон дар ҳар либосанд,
Ба хубӣ ҳамдигарро мешиносанд.

Ҳама донанд з-ин фан судашон чист?
Ба ботин мақсаду мақсудашон чист?

Аз ин рӯ якдигарро пос доранд,
Якешон гар ба чоҳ афтад, бароранд

Ману ту зуд дар шарраш бимонем,
Ки ҳам бе дасту ҳам бе дӯстонем.

Чу мо аз ҷинси ин мардум савоем,
Нишони кину омоҷи балоем.

Намедонӣ, ки Эрон аст ин ҷо,
Ҳароҷӣ [1] ақлу имон аст ин ҷо.

Намедонӣ, ки эронӣ чӣ чиз аст?
Намедонӣ чӣ қадр ҷинс ҳиз [2] аст?

---

1 *Ҳароҷ* — савдои «кӣ зиёд?» ба тарзи: «кӣ зиёд?» фурӯхтан.
2 *Ҳиз* — беномус.

Бузургони ватанро аз ҳамоқа[1],
Набошад бар ватан як ҷав алоқа.

Яке аз инглисон панд гирад,
Яке бо русиён пайванд гирад.

Ба мағзи ҷумла ин фикри хасис аст,
Ки Эрон моли русу инглис аст.

Бузургонанд дузди ихтиёрӣ,
Вале ин даста дузди изтирорӣ[2].

Ба ғайр аз навкарӣ роҳе надоранд,
Ва илло дар бисот оҳе надоранд.

Тиҳидастон гирифтори маошанд,
Барои шому шаб андар талошанд.

Аз он гӯянд гоҳе лафзи қонун,
Ки ҳарфи охири қонун бувад нун.

Агар дохил шаванд андар сиёсат,
Барои шуғлу кор асту раёсат.

Тиҷорат нест, санъат нест, раҳ нест,
Умеде ҷуз ба сардори сипаҳ нест.

Раоё ҷумлагӣ бечорагонанд,
Ки аз фақру фано оворагонанд.

Зи зулми молики бедин ҳалоканд,
Ба зери пои соҳибмулк хоканд.

---

[1] *Ҳимоқа* — аблаҳӣ, бефаросатӣ, бефаҳмӣ.
[2] *Изтирорӣ* — маҷбур кардашуда, маҷбуршуда.

Тамом аз ҷинси гову гусфанданд,
На озодӣ, на қонун мефисанданд.

Чӣ донанд ин гурӯҳи аблаҳу дун,
Ки ҳуррият чӣ бошад, чист қонун?

Чу миллат ин се бошад, эй накӯмард,
Чаро бояд бикӯбӣ оҳани сард?

Ба ин васф аз чунин миллат чӣ ҷӯӣ?
Ба ин як мушти пур-иллат чӣ гӯӣ?

Барои ҳамчу миллат, ҳамчу мардум,
Набояд кард ақли хешро гум.

Набояд бурд исм аз расму оин,
Ба гӯши хар набояд хонд «Ёсин».

Ту худ гуфтӣ, ки ҳар кас буд бедор,
Дар Эрон меравад охир сари дор.

Чаро пас мехарӣ бар худ хатарро?
Гузорӣ зери пои хеш сарро?

Кунӣ бо худ аолиро [1] аодӣ [2],
Набинӣ дар ҷаҳон ҷуз номуродӣ?

Биё, Ориф, бикун коре, ки гӯям,
Ту бо ман дӯстӣ, хайри ту ҷӯям.

Агар хоҳӣ, ки корат кор бошад,
Ҳамеша деги бахтат бор бошад.

---

[1] *Аолӣ* — шахсони баландмартаба.
[2] *Аодӣ* — ҷамъи аъдо (душманон).

Ду заръи мавлавиро гандатар кун,
Худатро равзахони[1] муътабар кун.

Чу завқат хубу овозат сутуд аст,
Саводат ҳам агар кам буд, будаст!

Умуми равзахонҳо бесаводанд,
Туро ин мувҳабат[2] танҳо надоданд.

Масоил кун бар-аз Зодулмаодо[3],
Фароҳам кун барои хеш зодо.

Бидон аз бар Баҳору[4] Ҷавҳариро[5],
Нажоди ҷинну фомили париро.

Аҳодиси музахраф ҷаҳл мекун,
Харони гурбахарро наъл мекун.

Бизан болои минбар зер овоз,
Бияфган шӯр дар маҷлис зи Шаҳноз,

Чу ашъори наку бисьёр донӣ,
Бигирад маҷлисат ҳар ҷо, ки хонӣ.

Сари минбар вазиронро дуо кун,
Ба сидқ ар нест, мумкин бо риё кун.

---

1 *Равзахон* — қиссаи шаҳидони Қарбало мехондагӣ, дуохон.
2 *Мувҳабат* — бахшиш, инъом, ато.
3 Китоби Зодулмаод.
4-5 Китобҳои Баҳоруаланвор ва Ҷавҳарӣ, ки манбаи истифодаи равзанхонҳо мебошанд.

Бигӯ аз ҳиммати ин ҳайати мост,
Ки дар ин фасл пайдо мешавад мост.

Зи саъю фикри он доно вазир аст,
Ки солимтар ғизо нону панир аст.

Аз он бо калла дар кори идора,
Фарангиҳо намоянд истишора [1].

Зи бас доност он як дар вазорат,
Баранд исми шарифаш бо таҳорат.

Фалон як диплуми [2] ислоҳ дорад,
Зи сар то пои ӯ ислоҳ борад.

Дар ин фан аввалин шахси ҷаҳон аст,
На Орҷок он чунон, на хоса хон аст.

Зи ислоҳаш чӣ меҳоҳӣ аз ин беш,
Ки набвад дар вазоратхона як риш.

Ба ҷои пирҳои маҳмилу зор,
Ҷавонони муҷаррабро диҳад кор.

Ба тухмаш гар ҳама пирон бимиранд,
Агар мурданд ҳам мурданд, пиранд.

Зи истеҳкоми сум в-аз сахтии пӯз [3],
Кунад сад узвро ноқис ба як рӯз.

---

[1] *Истишора* — машварат, консультация.
[2] *Диплум* — диплом.
[3] *Пӯз* — лаб, лабҳо, лунҷак, фук.

Шабу рӯз он яке қонун нависад,
Бубинад ҳар чӣ г... корӣ билесад.

Қасофаткории пешиниёнро
Нагӯям, то наёлоям даҳонро.

Аз он рӯзе, ки ин олӣ мақом аст,
Тамоми он касофатҳо тамом аст.

Вакилонро бигӯ рӯҳуламинанд,
Зи арш афтода, побанди заминанд,

Муқаддас зодаанд аз модари хеш,
Гуноҳ аст ар кунӣ бар мурғашон киш.

Яқинан гар зи бечизӣ бимиранд,
Ба ришват аз касе чизе нагиранд.

Ба ҷуз шаҳрия мақсуде надоранд,
Ба ҳеҷ исми дигар суде надоранд.

Фақат аз баҳри моҳе чанд ғоз аст,
Ки ин бечорагонро чашм боз аст.

Ғами миллат зи бас хӯрданд, мурданд,
Варам карданд, аз бас ғусса хӯрданд.

Зи машрутияту қонун мазан дам,
Макун ҳаргиз зи вазъи мамлакат зам.

Бузургон ҳамчу бинанд ин аҷабро,
Ки Ориф баста аз таъйиб [1] лабро.

---

[1] *Таъйиб* — айбҳоро шарҳ додан.

Кунанд очил моҷили туро кук[1],
На мустаъсал[2] шавӣ дигар на мафлук[3].

На дигар ҳабс мебинӣ, на табъид[4],
На дигар боядат ҳар сӯ фирорид.

Бизан бо бачча хушгилҳо арақро,
Бишӯй аз ҳарфи бемаънӣ варақро,

Агар дорӣ буте ширину шангул,
Ки вофурат[5] диҳад бо дасти мақбул.

Бикаш тарьёку бар зулфаш бидеҳ дуд,
Тамошо кун ба сунъи ҳайи мавдуд.

Бизан бо дӯстон дар бӯстон сур,
Бибур сур аз накуруён ба посур.

Ба ишқи хадди хубу қадди мавзун
Бихон гоҳе наво, гоҳе ҳумоюн.

Чу таснифат баландовоза гардад,
Равони аҳли маънӣ тоза гардад.

Худо рӯзӣ кунад айше чунинро,
Умуми мӯъминоту мӯъмининро.

---

[1] *Кук* — ҷӯркунӣ, созкунӣ.
[2] *Мустаъсал* — решаков, маҳв.
[3] *Мафлук* — нотавон, бечора.
[4] *Табъид* — бадарға.
[5] *Вофур* — чилими афъюнкашӣ.

Ҷалоирномаи Қоиммақом аст,
Ки сармашқи ман андар ин калом аст.

Агар Қоиммақом ин нома дидӣ,
Ҷалоирномаи худро даридӣ.

Ҷалоирро ҷалоир банда кардам,
Ҷалоирномаро ман зинда кардам.

Ба шӯхӣ гуфтаам гар ёвае чанд,
Мабодо дӯстон аз ман биранҷанд!

Биёрам аз Араб байте ду машҳур,
Ки аҳли донишам доранд маъзур.

«Изо шоҳадт финазмӣ футуран,
Ва ваҳно фӣ баёнӣ лилмаонӣ [1].

Фало тансаб ли нуқсӣ инна вақсӣ,
Ало таншити абноуззамонӣ» [2].

---

[1] ва [2] вақте ки дар шеъри ман ва маъниҳои он сустӣ ва заъфе мушоҳида кардед, пас нисбати нукс ба ман надиҳед, ки он барои ба нишот омадани мардуми замон аст.

## МОДДАИ ТАЪРИХ

Мирзо Ориф, ки зери бори фазл
Қадди тираш чун камон омад дутой.

Ранҷҳо бурд аз паи таҳсили илм,
То ба мулки илм шуд кишваркушой.

Шуд писанди ҳазрати мири Низом,
Он ҷавони пир андар бахту рой.

Ҳам баду биспурд пури [1] хешро,
То шавад дар илм уро раҳнамой.

Бо иноёти амир аз зарру сим,
Он чӣ уро буд ҳоҷат, шуд равой.

Соли умраш чунки аз панҷаҳ гузашт,
Панҷаи маргаш яке бифшурд ной [2].

---

[1] *Пур* — писар.
[2] *Ной* — гулу.

Ҷисм дар ин хокдон бинҳоду бурд
Ҷон ба зилли раҳмати[1] якто худой.

Соли фавташ Эраҷи Қоҷор гуфт:
Мирзо Ориф ба ҷаннат кард ҷой.

---

[1] *Зилли* раҳмат — сояи раҳмат.

# Тарҷимаҳо

## ҲИКОЯТИ ШОҲ ВА ҶОМ

Подшаҳе рафт ба азми шикор
Бо ҳараму хел ба дарьё канор.

Хаймаи шаҳ бар лаби рӯде заданд,
Ҷашн гирифтанду суруде заданд.

Буд дар он рӯд яке гирд-об,
К-аз сухуташ [1] дошт наҳанг иҷтиноб [2].

Моҳӣ аз он варта [3] гузаштӣ чу барқ,
То нашавад дар дили он варта ғарқ.

Баски аз он луҷҷа [4] ба худ дошт бим,
Аз тарафи ӯ навазидӣ насим.

То нашавад ғарқа дар он луҷҷа бат [5],
По наниҳодӣ ба ғалат рӯи шат [6].

---

[1] *Сухут* — хашм, ғазаб.
[2] *Иҷтиноб* — ҳазар, парҳез.
[3] *Варта* — гирдоб.
[4] *Луҷҷа* — қаъри дарьё.
[5] *Бат* — мурғобӣ.
[6] *Шат* — дарьёи калон.

Қуй бадон суй намекард руй,
То наравад дар гулӯи ӯ фурӯй.

Шаҳ чу каме хира дар он луҷҷа гашт,
Турфа хаёле ба димоғаш гузашт.

Подшаҳонро ҳама ин аст ҳол,
Саҳл шуморанд умури маҳол[1].

Бо сару ҷони ҳама бозӣ кунанд,
То ҳамаҷо дастдарозӣ кунанд.

Ҷоми тилоӣ ба кафи шоҳ буд,
Парт[2] ба гирдоби ғазоӣ намуд.

Гуфт, ки: «Ҳар лашкарии шоҳдӯст,
Оварад ин ҷом ба каф, они ӯст».

Ҳеҷ кас аз тарс ҷавобе надод,
Набзи ҳама аз ҳаракат истод,

Ғайри ҷавоне, ки зи ҷон шуст даст,
Ҷаст ба гирдоб, чу моҳӣ зи шаст.

Об фурӯ бурд ҷавонро ба зер,
Монд чу дур дар садафи обгир.

Баъд, ки навмед шуданд зи вай,
Коми аҷал хӯрдаи худ кард қай.

---

[1] *Маҳол* — кори имконнопазир.
[2] *Парт намудан* — партофтан.

Аз дили он оби ҷиноятшиор,
Ҷаст бурун чун гуҳари обдор.

Пои ҷавон дар лаби соҳил расид,
Чанд нафас пушти ҳам аз дил кашид.

Хам шуду обе, ки будаш дар гулӯ,
Рехт бурун, чун зи гулӯи сабӯ.

Ҷом ба каф рафт ба наздики шоҳ,
Хира дар ӯ чашми тамоми сипоҳ.

Гуфт: «Шаҳо, умри ту поянда бод!
Давлату бахти ту фазоянда бод!

Ҷоми бақои ту нагардад тиҳӣ,
Бод равони ту пур аз фарраҳӣ.

Рӯи замин маскану маъвои ту,
Бар дили дарьё нарасад пои ту.

Ҷои малик бар забари хок беҳ,
Хок аз ин оби ғазабнок беҳ.

Қ-он чӣ ман имрӯз бидидам дар об,
Душмани шаҳ низ набинад ба хоб.

Ҳайбати ин об маро пир кард,
Марги ман аз ваҳшати худ дер кард.

Дид чу дар ҷои муҳиб [1] андарам,
Марг битарсид, наёмад барам.

---

1 *Муҳиб* — даҳшатнок.

Дид, ки он ҷо, ки манам, ҷой нест,
Ҷо, ки аҷал ҳам бинихад пой, нест.

Об на, гирдоб на, доми бало,
Деву даду шери нару аждаҳо.

Пои ман, эй шаҳ, нарасида бар ӯ,
Об маро бурд, чу оҳан, фурӯ.

Буд сари роҳи мани сарнагун
Санги азиме, чу кӯҳи Бесутун.

Об маро ҷониби он санг бурд
В-ин сари бетарсам бар санг хӯрд.

Ҷаст ба рӯям зи камаргоҳи санг
Сели азиме дигаре чун наҳанг.

Монд танам байни ду куррони[1] об,
Донасифат дар васати осиёб[2].

Гаштани ин об ба он об зам,
Дод раҳи сайри маро печу хам.

Гашт гирифтор миёни ду мавҷ,
Гаҳ ба ҳазизам[3] бараду гаҳ ба авҷ.

Бо ҳам агар чанд буданд он ду чанд,
Лек дар озурдани ман як тананд.

---

1 *Курони об* — мухтасар калимаи куроб, ки вазъияташ ҳар лахза дигаргун мешавад (мираж).
2 *Васати осиёб* — байни осиёб.
3 *Ҳазиз* — чуқурии бетаг, қаъри дарьё.

Ҳамчу фушурданд зи ду сӯ танам,
Гуфтӣ дар манганаи [1] оҳанам.

Буд миёншон сари ман гирудор,
Ҳамчу ду сайёд сари як шикор.

Сели хӯрдӣ зи ду ҷониб сарам,
Ваҳ, ки чӣ маҳкам буд селихӯрам!

Рӯй пур аз обу пур аз об зер,
Ҳеҷ на погираму на дастгир.

Ҳеҷ на як шоху на як барг буд,
Дастрасӣ низ на бар марг буд,

Об ҳам улфат зи паям мегусехт,
Дам ба дам аз зери паям мегурехт.

Ҳеҷ намемонд маро зери по,
Сар ба замин бурдаму по дар ҳаво.

Ҷой на, то банд шавад пои ман,
Буд гурезанда зи ман ҷои ман.

Об гаҳе лӯла шудӣ ҳамчу дуд
Чанд най [2] аз сатҳ намудӣ сууд [3]

Боз ҳамон лӯла даридӣ ба зер,
Паҳн шудӣ зери танам чун ҳасир [4].

---

1 *Мангана* — шиканҷа.
2 *Чанд най* — чанд газ.
3 *Сууд* — баланд шудан.
4 *Ҳасир* — бурьё.

Рафтану боз омаданаш кор буд,
Доиман ин кор ба такрор буд.

Ман шуда гарданда ба худ дуквор,
Дар сарам афтода зи гардиш давор.

Фир-фирсо чархзанон даври худ,
Шоиқи ҷон додани филфаври худ.

Гоҳ ба зер омадаму гаҳ ба рӯ,
Қир-қира мекард маро дар гулӯ.

Ин сафар обам чу фурӯтар кашид,
Санги дигар шуд сари роҳам падид.

Шохаи марҷоне аз он раста буд,
Ҷони ман, эй шоҳ, бадон баста буд.

Ҷом ҳам аз бахти худованди кор,
Гашта чу ман меваи он шохсор.

Даст задам, шоха гирифтам ба чанг,
Пой ниҳодам ба сари тахтасанг.

Об дар он ҷо дигар осуда буд,
Рӯи ҳам анбоштаю тӯда буд.

Дарьё рафтаст ту гӯӣ ба хоб,
Ҳеҷ намехӯрд такон об аз об.

Ғайри сиёҳию табоҳӣ дигар,
Ҳеҷ намеомадам андар назар.

Ҷӯшиши боло шуда он ҷо хамӯш,
Лек хамӯшиш батар аз хуруш,

Қошкӣ афтода набуд аз бараш,
Ҷӯшиши он қисмати болотараш.

3-он ки дар он ҷойгаҳи пур зи мавҷ,
Гаҳ ба ҳазиз омадаму гаҳ ба авҷ.

Лек дар он қисмати жарфи[1] муҳиб,
Рӯй набудӣ магарам бар нишеб.

Гуфтӣ дорам ба сари кӯҳ ҷой,
Дарраи жарфест маро зери пой.

Мухтасаран лағзише андар қадам,
Роҳбарам буд ба қаъри адам.

Ҳеҷ на поёну на поёб буд,
Об, ҳама об, ҳама об буд.

Ногаҳ дидам, ки бароварда сар,
Ҷонаварони яла аз дуру дар.

Шуълаи чашмони шарарборашон,
Буд ҳикояткуни афкорашон.

Об такон хӯрду наҳанги дамон
Бар сари ман тохт кушода даҳон.

Дидам: «Агар макс[2] кунам руи санг,
Меравам он соъа ба коми наҳанг.

Ҷои фирорам наю ором на,
Даст зи ҷон шустаму аз ҷом на.

---

1 *Жарф* — чуқур, амиқ.
2 *Макс* — ором.

Ҷом чу ҷон нек нигаҳ доштам,
Шохаи марҷонро бигзоштам.

Пеш, ки бар ман расад он ҷонавар,
Кард худоям ба атуфат[1] назар.

Мавҷе аз он қисмати боло расид,
Боз маро ҷониби боло кашид.

Мавҷи дигар кард зи дарьё мадад,
Растам аз он кашмакаши ҷазру мад.

Баҳр маро мурда чу ангор кард,
Аз сари худ рафъ чу мурдор кард.

Шукр, ки давлат даҳани марг баст,
Ҷони ману ҷоми малик ҳар ду раст».

Шоҳ бар ӯ рафъати шоҳона ронд,
Духтари худро ба бари хеш хонд.

Гуфт, ки он ҷом пур аз май кунад,
Бо кафи худ пешкаши вай кунад.

Марди ҷавон ҷом зи духтар гирифт,
Умри ба сар омада аз сар гирифт.

Лек қазо кор дигаргуна кард,
Ҷоми башошатро[2] вожуна кард,

Бода набуд он чӣ ҷавон баркашид,
Шарбати марг аз кафи духтар чашид.

---

1 *Атуфат* — меҳрубонӣ.
2 *Башошат* — хурсандӣ.

Шоҳ чу з-ин манзара хушнуд буд,
Амри мулукона мукаррар намуд.

Бори дигар ҷом ба дарьё фиганд,
Дида бар он марди тавоно фиганд.

Гуфт агар боз ҷунун оварӣ,
Ҷом зи гирдоб бурун оварӣ,

Ҷоми дигар ҳадьяи ҷонат кунам,
Духтари худ низ азонат кунам.

Марди вафопеша, ки аз дергоҳ
Дошт ба дил орзуи духти[1] шоҳ

Лек ба кас ҷуръати гуфтан надошт,
Чора ба ҷуз роз нуҳуфтан надошт.

Чун зи шаҳ ин ваъдаи дилкаш шунид,
Ҷома зи тан канду сӯи шат давид.

Духтари шаҳ дид чу ҷонбозияш,
Сӯи гаронмарг сабуктозияш.

Қард яқин, к-ин ҳама аз баҳри ӯст,
Ҷони ҷавон дар хатар аз меҳри ӯст.

Гуфт ба шаҳ к-«Эй падари меҳрубон,
Раҳм бикун бар падари ин ҷавон.

Дасту дилаш кӯфтаю хастааст,
Тоза зи гирдоби бало ҷастааст.

---

1 *Духт* — духтар.

Ҷом баровардан аз ин обгир
Туъма гирифтан бувад аз коми шер.

Тарсамаш аз бас шуда зору забун,
Хуб аз ин об наёяд бурун».

Шоҳ нафармуда ба духтар ҷавоб,
Буд ҷавон обнишин чун ҳубоб.

Бар лаби султон нагузашта ҷавоб,
Аз сари дилдода гузар кард об.

Ишқ кунад ҷоми сабурӣ тиҳӣ,
Оҳ, минал ишқ ва ҳоло таҳӣ.

## ҲИКОЯТИ ШЕР ВА МУШ

Буд шере ба бешае хуфта,
Мушаке кард хобаш ошуфта.

Он қадар даври шер бозӣ кард,
Дар сару дӯшаш асптозӣ кард,

Он қадар даври шер гоз гирифт,
Гаҳ раҳо карду гоҳ боз гирифт,

То ки аз хоб шер шуд бедор,
Мутағайир зи муши бадрафтор.

Даст бурду гирифт каллаи муш,
Шуд гирифтор муши бозикуш [1].

Хост дар зери панҷа лаҳ кунадаш,
Ба ҳаво бурда бар замин занадаш.

Гуфт, к: — «Эй муши лӯси якғозӣ [2],
Бо думи шер мекунӣ бозӣ?»

---

[1] *Бозикуш* — шух, бепарво.
[2] *Якғозӣ* — хурд, ҳақир.

Муши бечора дар ҳарос афтод,
Гирья карду ба илтимос афтод,

Ки: «Ту шоҳи вуҳушию ман муш,
Муш ҳеҷ аст пеши шоҳи вуҳуш.

Шер бояд ба шер панҷа кунад,
Мушро гурба низ ранҷа кунад.

Ту бузургию ман хатокорам,
Аз ту уммеди мағфират [1] дорам».

Шер аз ин лоба раҳм ҳосил кард,
Панҷа во карду мушро вил кард.

Иттифоқан се-чор рӯзи дигар,
Шерро омад ин бало бар сар.

Аз паи сайди гург як сайёд,
Дар ҳамон ҳавли ҳуш дом ниҳод.

Доми сайёд гири шер афтод,
Ивази гург шер гир афтод.

Муш чун ҳоли шерро дарёфт,
Аз барои халосияш бишитофт.

Муддате кӯшишу тақалло кард,
То гиреҳҳои бастаро во кард.

Бандҳоро ҷавид бо дандон,
То ки дарбурд шер аз он ҷо ҷон.

---

1 *Мағфират* — бахшоиш, бахшидани гуноҳ.

Ин ҳикоят, ки хуштар аз қанд аст,
Ҳовии[1] чанд нукта аз панд аст.

Аввалан, гар най қавибозӯ,
Бо қавитар зи худ ситеза маҷӯ.

Сонияи, афв аз хато хуб аст
Аз бузургон гузашт матлуб аст.

Солисан, босипос бояд буд,
Қадри некишинос бояд буд.

Робиан, ҳар кӣ нек ёбад кард,
Бад ба худ карду нек бо худ кард.

Хомисан, халқро ҳақир магир,
Ки гаҳе судҳо барӣ зи ҳақир.

Шер чун мушро раҳой дод,
Худ раҳо шуд зи панҷаи сайёд.

Дар ҷаҳон мушаки заифу ҳақир
Мешавад мояи халосии шер.

---

[1] *Ҳовӣ* — фарогиранда.

## КУЛОҒУ РӮБОҲ

*(Тарҷима аз Лафонтен)*

Кулоғе ба шохе шуда ҷойгир
Ба минқор бигрифта қадре панир.

Яке рӯбаҳе буи тӯъма шунид,
Ба пеш омаду мадҳи ӯ баргузид.

Бигуфто: «Салом эй кулоғи қашанг,
Ки ой маро дар назар шӯху шанг.

Агар рости буд овои ту,
Ба монанди парҳои зебои ту.

Дар ин ҷангал акнун самандар [1] будӣ,
Бар ин мурғҳо ҷумла сарвар будӣ!»

Зи гуфтори рӯбоҳ шуд зоғ шод,
Зи шодӣ наёвард худро ба ёд.

Ба овоз кардан даҳон чун кушуд,
Шикораш бияфтоду рӯбаҳ рабуд.

---

[1] *Самандар* — ҷонварест, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ мекунад.

Бигуфто, ки: «Эй зоғ, инро бидон!
Қи ҳар кас бувад чарбу ширинзабон.

Хӯрад неъмат аз давлати он касе,
Қи бар гуфти ӯ гӯш дорад басе.

Ҳам акнун ба чарбию нутқу баён,
Гирифтам панири туро аз даҳон».

**БАРЗГАР**

*(Тарҷима аз Лафонтен)*

Барзгаре киштаи худро дуруд,
То чӣ худ аз бад ва амал кишта буд.

Боркаш оварду бар он бор кард,
Рӯй зи саҳро сӯи анбор кард.

Дар сари раҳ тирагиле шуд падид,
Боркашу мард дар он гил тапид.

Ҳар чӣ бар он асп наҳиб [1] озмуд,
Ҳеҷ начунбиду набахшид суд.

Барзгар ошуфта аз он сӯъи бахт,
Қард тану ҷома ба худ лахт-лахт.

Гаҳ лагаде чанд ба ёбӯ навохт,
Гаҳ ду-се мушт аз забари чарх охт.

Роҳ ба деҳ дур буду вақт дер,
Қас на ба раҳ, то шавадаш дастгир.

---

[1] *Наҳиб* — таҳдид, дуғу пуписа.

Зору ҳазин мӯякунон, мӯканон,
Қард сари аҷз сӯи осмон.

Қ: «Эй ту кананда дари хайбар зи ҷой,
Барканам ин боркаш аз тира лой».

Ҳотифе аз ғайб ба додаш расид,
Қ: «Омадам, эй мард, машав ноумед...

Зуд бадон бел, ки дорӣ, биёр,
Ҳар чӣ гили тира бувад, кун канор.

То манат аз меҳр кунам ёварӣ,
Бори худ аз лой бурун оварӣ».

Барзгар он карду дигар раҳ сурӯш,
Омадаш аз олами боло ба гӯш:

«Ҳол бинеҳ белу баровар куланг [1],
Баршикан аз пеши раҳ он қитъа санг».

Гуфт: «Шикастам, чӣ кунам?» Гуфт: «Хуб.
Ҳар чӣ шикаста, зи сари раҳ бирӯб».

Гуфт: «Бирӯфтам ҳама аз беху бун»,
Гуфт: «Кунун даст ба шаллоқ кун!

То шавам алсоа мададгори ту,
Боз раҳонам зи лаҷан [2] бори ту».

Мард наёварда ба шаллоқ даст,
Бор зи гил, барзгар аз ғам бираст.

---

1 *Куланг* — зоғнӯл.
2 *Лаҷан* — сиёҳлой.

З-ин мадади ғайбӣ гардида шод,
Аз сари шодӣ ба замин бӯса дод.

Қ: — «Эй ту меҳин роҳнамои субул[1]
Нек баровардиям аз гил чу гул».

Гуфт сурушаш ба тақозои кор;
«Қор зи ту, ёварӣ аз кирдигор».

---

[1] *Субул* — роҳ, тариқ.

## САРБАЛАНД ШАВАМ

Бачае бошууру бофарҳанг
Буд бо бахти худ ҳамеша ба ҷанг,

Ки чаро ман бузугтар нашудам,
Мисли ин мардуми дигар нашудам,

Гаштаам пеши халқ хору залил,
З-он, ки на риш дораму на сабил.

Дар сару пом нест кафшу кулоҳ,
Ки чаро қадди ман бувад кӯтоҳ.

Лухту [1] бебаргу бенаво шудаам,
Мисли як бачаи гадо шудаам.

Ман ба куллӣ зи ҷома урьёнам,
Чӯҷамурғи дурӯзаро монам.

Нанаам муттасил катак занадам,
Падарам бамбу [2] амма чак занадам.

---

[1] *Лухт* — луч, бараҳна.
[2] *Бамб* — тарсакӣ.

Мардумони бузургро дар тан
Қату шалвор ҳасту пироҳан.

Баҳри худ ҷомаҳои нав бибуранд,
Ҳар чӣ хоҳанд, ҳар замон бихӯранд.

Ҳар куҷо майлашон кашад, бираванд,
Тобеъи майли ҳеҷ кас нашаванд.

Пас, ман оё чӣ вақт «хон» гардам,
Соҳиби қудрату тавон гардам.

Ман ҳам ар худ бузург гардаму мард,
Корҳои бузург хоҳам кард.

Ибтидо дарси деҳқанат [1] хонам.
То раҳу расми деҳқанат донам.

Баъди чанде кулангу голаву [2] бел
Мекунам аз барои худ таҳсил.

Гӯсфандеву гову мешу бузе,
Гандуме, моше, арзане, уразе [3].

Пеш гирам тариқи деҳқонӣ,
Дар камоли сафову осонӣ.

Мекунам қитъаи замине шухм [4]
В-аз паси шухм мефишонам тухм.

---

1 Деҳқонӣ.
2 Ҷувол.
3 *Ураз* — биринҷ.
4 *Шухм* — шудгор.

Гандумам чун ба бор омаду ҷав,
Мутамаввил [1] шавам ба гоҳи дарав.

Баъд кам-кам замин зиёда кунам,
Аз замини худ истифода кунам.

Соҳиби хонаву алоқа шавам,
Бо ҳимору баиру [2] ноқа [3] шавам.

Нозу неъмат чу дар замин бошад,
Қори ман дар замин ҳамин бошад.

Қори ман гирад аз замин боло,
Мешавам аз барои хеш оқо.

Миннати ҳеҷ кас нахоҳам бурд,
Нони бозуи хеш хоҳам хӯрд.

Дар идорот навкарӣ накунам,
Навкариро ба дигаре накунам.

Навкари гову гӯсфанд шавам,
Ман аз ин кор сарбаланд шавам.

То равад кори кишт аз пешам.
Бандаи хешу хоҷаи хешам.

---

1 *Мутамаввил* — давлатманд, бой.
2 *Баир* — шутур.
3 *Ноқа* — шутури мода.

## ШОГИРД ВА МУАЛЛИМ

Чунин мегуфт шогирде ба мактаб,
Ки: «Ин мактаб чӣ торик аст, ё раб.

Набошад ҷуз ҳамон торик девор,
Ҳамон лавҳи сиёҳи тираву тор.

Ҳамон дарсу ҳамон баҳси мубайян [1],
Ҳамон таклифу он ҷои муайян.

Ҳамеша ин китобу ин қаламдон,
Ҳамин дафтар, ки дар пеш асту девон.

Нашояд хонд инро зиндагонӣ,
Касолат бошад ин — «на шодмонӣ».

Муаллим дар ҷавобаш инчунин гуфт,
Ки: «Бошад ҳоли ту бо ҳоли ман ҷуфт.

Набошад ҷуз ҳамон қилу ҳамон қол,
Ҳамон таълими сарфу наҳви атфол.

---

1 *Мубайян* — баёнкунанда.

Чи атфоле, ки бо ин ҷумла тадрис,
Намедонанд ҷуз тазвиру талбис.

Чунон танбал ба вақти дарс хондан,
Ки ҳам худро касал созанд, ҳам ман».

Ба шогирду муаллим бори бисьёр,
Ба гардан ҳасту бояд бурд ночор.

## ОҚИБАТИ ХУДСИТОЙ САРАФГАНДАГИСТ

*(Тарҷима аз франсавӣ)*

Яке хирс будаст дар ҷангале,
Даранда ҳаюне [1], қавӣ ҳайкале.

Ду сайёди устод, чолоку чуст,
Яке Алфара ному дигар Агуст

Бикарданд дар як работе вуруд,
Ки бар ҷангали хирс наздик буд.

Сухан омад аз хирс андар миён,
Бар эшон бикарданд таърифи он,

Ки дар ҷусса беҳад бузург аст ӯ,
Бувад пӯсташ пурбаҳову накӯ.

Басе омаданд аз шикороварон,
Ки оҷиз бимонданд аз сайди он.

Агуст он замон гуфт, ки: «Мо ду ёр,
Ба зудӣ намоем ӯро шикор.

---

[1] *Ҳаюн* — шутури боркаш.

Аз он ҷонавар мо надорем бок,
Ки сайёди ин ҷо бувад тарснок».

Ба ҷангал бирафтанд он ду ҷавон,
Паи хирс гаштанд ҳар сӯ равон.

Қазоро, намуданд ҳар сӯ гузар,
Надиданд он рӯз аз хирс асар.

Зи ҷангал сӯи хона бозомаданд,
Бадин ҳол буданд худ рӯзи чанд.

Бимонданд як ҳафта дар он работ,
Зи ҳар қисм маъкулашон[1] дар бисот.

Хариданд аз мизбон нону об,
Надоданд ваҷҳи таому шароб,

Намуданд бо ӯ қарору мадор,
Ки созем чун хирсро мо шикор.

«Фурӯшем пас ҷилди он хирсро,
Намоем мар қарзи худро адо».

Ҳамон қисм рӯзе ба ҷангал шуданд,
Паи хирс ҳар сӯ шитобон буданд.

Бididанд, то «матрмартан[2] расид,
Биғуррид, аз дур чун он ду дид.

Ду сайёди боҷуръату худписанд,
Ки нокуштааш пӯст бифурӯхтанд.

---

[1] *Маъкул* — хӯрданӣ.
[2] *Матрмартан* — хирс.

Дар он дам, ки диданд он пилтан,
Намуданд гум ҷуръати хештан.

Фитод Алфарāро туфангаш зи даст,
Зи бимаш ба болои шохе биҷаст.

Агуст он замон хуфт чун мурдагон,
Наёвард берун нафас аз даҳон.

Чу наздик шуд «матрмартан» ба ӯ,
Басе кард мар гӯшу бинеш бӯ.

Варо мурда пиндошт, аз ӯ баргузашт,
Чу аз чашми эшон басе дур гашт,

Агуст аз замин ҷаст шӯридабахт,
Бишуд Алфара бар замин аз дарахт.

Бигуфто ба ӯ бо лаби нимханд:
«Чӣ дар гӯшат он хирс бинҳод панд?»

Чунин дод посух, ки ин гуфти ӯст:
«Чу нокуштаӣ хирс, мафрӯш пуст».

Чу хуш гуфт Фирдавсии беқарин,
Ба «Шаҳнома» дар ҷанги Хоқони Чин:

«Фиристода гуфт, эй худованди рахш,
Ба дашт оҳуи ногирифта мабахш».

## ЭЙ НАКӮЁН, КИ ДАР ИН ДУНЬЁЕД

Эй накӯён, ки дар ин дуньёед,
Ё аз ин баъд ба дуньё оед.

Ин ки хуфтаст дар ин хок, манам,
Эраҷам, Эраҷи ширинсуханам.

Мадфани ишқи ҷаҳон аст ин ҷо,
Як ҷаҳон ишқ ниҳон аст ин ҷо.

Ошиқӣ буда ба дуньё фани ман,
Мадфани ишқ бувад мадфани ман.

Он чӣ аз моли ҷаҳон ҳастӣ буд,
Сарфи айшу тарабу мастӣ буд.

Ҳар киро рӯи хушу мӯи накӯст,
Мурдаю зиндаи ман ошиқи ӯст.

Ман ҳамонам, ки дар айёми ҳаёт,
Бе шумо сарф накардам авқот [1].

[1] *Авқот* — ҷамъи вақт.

То маро рӯҳи равон дар тан буд,
Шавқи дидори шумо дар ман буд.

Баъд чун рахт зи дунъё бастам,
Боз дар роҳи шумо биншастам.

Гарчи имрӯз ба хокам маъвост,
Чашми ман боз ба дунболи шумост.

Бинишинед бар ин хок даме,
Бигузоред ба хокам қадаме.

Гоҳе аз ман ба сухан ёд кунед!
Дар дили хок дилам шод кунед!

## МОДАРНОМА

Модар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21
Муҳаббати модар . . . . . . . . . . . . . . 22
Дили модар . . . . . . . . . . . . . . . . 24
Меҳрубон модар . . . . . . . . . . . . . . 27
Ватани мо Эрон . . . . . . . . . . . . . . 29

### ҒАЗАЛИЁТ

Тараб афсурда кунад дил . . . . . . . . . . 33
Шоми дилгир . . . . . . . . . . . . . . . 35
Бисьёр нозкун . . . . . . . . . . . . . . 37
Мардуми озода . . . . . . . . . . . . . . 39
Ғазали моҳ . . . . . . . . . . . . . . . 40
Ғазали қамар . . . . . . . . . . . . . . 42
Гулдони дигар . . . . . . . . . . . . . . 43
Гули шодоб . . . . . . . . . . . . . . . 44
Парда барафган . . . . . . . . . . . . . 45
Ишқи Хуросон . . . . . . . . . . . . . . 46
Пири гӯшагир . . . . . . . . . . . . . . 48
Нағмаи соз . . . . . . . . . . . . . . . 50
Хари Исо . . . . . . . . . . . . . . . . 52
Магар ба хоб бубинам . . . . . . . . . . . 53

Тарҷеъбанд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 55
Мухаммас ба услуби суханварони Ғарб . . . . . . . 57
Парвонаи хонагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 59

## ҚАСИДАҲО

Васваса . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 63
Дар интизори асп . . . . . . . . . . . . . . 69
Таъбири хоб . . . . . . . . . . . . . . . . . 73
Қасида дар вафоти падар . . . . . . . . . . . 75
Қори дуньё ба муроди дили доно нашавад . . . . . . 78
Эй шӯх писар . . . . . . . . . . . . . . . . 82
Бедоғ нест лолаи боғи башар ҳаме . . . . . . . . 91
Ҳиҷоб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 95
Чанде гузида ёр зи ман дурӣ . . . . . . . . . . 98
Ошиқ шудан оини ман аст . . . . . . . . . . . 102

## ҚИТЪАҲО ВА РУБОИҲО

Фаромӯш макун . . . . . . . . . . . . . . . 109
Сафари Исфаҳон . . . . . . . . . . . . . . . 110
Ба ҷои банда бимонанд дӯстон хурсанд . . . . . . . 115
Ҷазбаи шерозиён . . . . . . . . . . . . . . . 117
Сарзаниши такаббур . . . . . . . . . . . . . 120
Қабри ҳаким . . . . . . . . . . . . . . . . 122
Як қитъа барои ду ҳадья . . . . . . . . . . . 124
Зани бениқоб . . . . . . . . . . . . . . . . 127
Умраш дароз бод! . . . . . . . . . . . . . . 129
Вафо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 133
Дӯстдори Эрон Кулунил Муҳаммадтақихон . . . . . . 135
Ба сари буридаи Кулунил Муҳаммадтақихон . . . . . 137
Таоруфҳои пуч . . . . . . . . . . . . . . . 138
Тифл ба ҳангоми валодат . . . . . . . . . . . 140
Дар ҷавоби шарҳе, ки ба имзои Мимисипосӣ дар ҷаридаи «Шафақи Сурх» дарҷ шуда буд . . . . . . . . . . 141

Ба Аҳмадшоҳи Қоҷор . . . . . . . . . . . . . . . 144
Омад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 146
Оби ҳаёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . 148
Шигифтиҳои табиат . . . . . . . . . . . . . 149
Мокиён . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 150
Ин ҳоким . . . . . . . . . . . . . . . . . . 151
Кӯбидани ашқиё . . . . . . . . . . . . . . . 152
Дар мазаммати шароб . . . . . . . . . . . . 154
Биҳишт ва ҷаҳаннам . . . . . . . . . . . . . 155
Дӯзах . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
Мухолифати муоҳидаи соли 1907 . . . . . . . 158
Бояд қавӣ буд . . . . . . . . . . . . . . . 159
Дузди нагирифта . . . . . . . . . . . . . . 160
Беҳоили пироҳан . . . . . . . . . . . . . . 161
Қитъа . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 162
Вузаро . . . . . . . . . . . . . . . . . . 163
Тутӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
Куфрон нест . . . . . . . . . . . . . . . . 165
Дар давлати Закоулмулк . . . . . . . . . . . 167
Андар сахо зарбулмасал . . . . . . . . . . . 168
Ҷанг . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Парҳои хурӯс . . . . . . . . . . . . . . . 170
Ашки шайх . . . . . . . . . . . . . . . . . 172
Номаи манзум . . . . . . . . . . . . . . . 173
Қуч . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177
Ҳуҷҷатулислом . . . . . . . . . . . . . . . 178
Рубоиҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . 180

## МАСНАВИЁТ

Дар насиҳати фарзандаш . . . . . . . . . . . 185
Саргузашт . . . . . . . . . . . . . . . . . 192
Писари беҳунар . . . . . . . . . . . . . . 195

Рӯзу шаб . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197
Маснавии инқилоби адабӣ . . . . . . . . . . . . 199
Иди наврӯз . . . . . . . . . . . . . . . 212
Аввалу охир ҳама хоҳем мурд . . . . . . . . . . 213
Қадри устод . . . . . . . . . . . . . . . 214
Қиблаи мо . . . . . . . . . . . . . . . . 215
Шавқи дарс хондан . . . . . . . . . . . . . 216
Хилқат . . . . . . . . . . . . . . . . . 218
Ҳадьяи ошиқ . . . . . . . . . . . . . . . 220
Алой . . . . . . . . . . . . . . . . . 223
Моем биринҷу осмон данг . . . . . . . . . . . 225
Ҷавоби ёвагӯ . . . . . . . . . . . . . . . 228
Ҳикояти мушу гурба . . . . . . . . . . . . . 230
Достони Зӯҳра ва Манучеҳр . . . . . . . . . . 234
Орифнома . . . . . . . . . . . . . . . . 277
Моддаи таърих . . . . . . . . . . . . . . . 324

ТАРҶИМАҲО

Ҳикояти шоҳ ва ҷом . . . . . . . . . . . . . 329
Ҳикояти шер ва муш . . . . . . . . . . . . . 339
Кулоғу рӯбоҳ . . . . . . . . . . . . . . . 342
Барзгар . . . . . . . . . . . . . . . . . 344
Сарбаланд шавам . . . . . . . . . . . . . . 347
Шогирд ва муаллим . . . . . . . . . . . . . 350
Оқибати худситой сарафгандагист . . . . . . . . 352
Эй накуён, ки дар ин дуньёед *(Ин шеърро Эраҷ барои санги мазори худ гуфтааст)*. . . . . . . . . . . . 355